**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ:** 372.15(575.3)

**ТКБ:** 74.1 (2 Тоҷик)

**А**-50

**АЛИЗОДА НУСРАТУЛЛО УБАЙДУЛЛО**

# ФАЪОЛГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**(илмҳои педагогӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ,

профессор Холназаров С.

**Бохтар - 2025**

# МУНДАРИҶА

Муқаддима.....................................................................................................4
Тавсифи умумии таҳқиқот ........................................................................ 8
**Боби I. Асосҳои назариявии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ..................................16**
1.1.Заминаҳои таърихии масъалаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи шахсият.......................................................................................16
1.2. Моҳият, сохтор ва мундариҷаи ташаккулёбии фаъолияти мустақилонаи хонандагон ....................................................................................................33
Хулосаи боби якум........................................................................................48
**Боби II. Ҷанбаҳои методии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни корҳои таълимӣ – тарбиявӣ ................................. 51**
2.1.Асосҳои методии ташкил намудани алоқамандии муносибатҳои муҳим нисбат ба сохтор ва давраҳои ташаккулёбии фаъолияти мустақилонаи хонандагон.......................................................................................................51
2.2. Роҳу усулҳои ташаккули марҳала ба марҳалаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон.........................................................70
Хулосаи боби дуюм.......................................................................................96
**Боби III. Корҳои таҷрибавӣ–озмоишӣ доир ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди корҳои таълимӣ–тарбиявӣ ва натиҷаҳои ниҳоии онҳо ......................................................................... 99**
3.1. Низоми фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ.........................................99
3.2. Меъёрҳо, нишондодҳо ва сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия............................117
3.3. Технологияи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон .139
Хулосаи боби сеюм.......................................................................................150
Хулоса ...........................................................................................................154
Тавсияҳои оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқот ........................................ 157
Адабиёт.........................................................................................................159

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРҲО:

МТМУ – муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

ФФМ – фаъолгардонии фаъолияти мустақилона;

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ХСБ – хонандагони синфҳои болоӣ;

КМТ – Консепсияи миллии тарбия;

КММ – Консепсияи миллии маълумот.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо чунин алфоз оғоз мешавад: «Сиёсати давлат дар соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад».

Ҷамъият дар низоми маориф ташаккули амалиёти маънавӣ ва технологияи гузариш ба шаклҳои нави муосирро тақозо дорад, чунки дар аввали асри XXI дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи натиҷаи фаъолияти низоми маорифи ватанӣ ва талаботе, ки ҷамъият ба он пешниҳод менамояд, номувофиқиҳо пурра эҳсос карда шуд. Ин ҷиҳат, қабл аз ҳама, дар қафомонии муҳтаво ва равишҳои омӯзиш аз дархости ҷомеаи навин ва иқтисоди кишвар, мизони пасти касбияти ҳайати омӯзгорон, масъулияти онҳо ва дар маҷмуъ, воҳидҳои таълимӣ нисбат ба омода намудани хатмкунандагон бармало мешавад.

Дар таълими ватанӣ пайдо шудани далелҳои манфии номбаршуда, натиҷаи робитаи сусти сатҳи маълумотнокӣ, босалоҳиятнокии касбии кормандони соҳаи маориф мебошад. Бинобар ин, вақти он расидааст, ки ба талаботи замон ва ташаккули муносибатҳои нав (инноватсионӣ) ва рушди таълиму тарбия диққати ҷиддӣ диҳем. Вазифаи аввалини таълиму тарбия дар замони муосир расидан ба он сифатест, ки ба талаботи рӯз ва ояндаи ҷамъият комилан ҷавобгӯ бошад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи сифати таълими ватанӣ пайдарпай рушд додани фаъолияти эҷодии хонандагон ва дар замири онҳо ташаккул додани таваҷҷуҳи салоҳиятнок ба мустақилона азхуд намудани донишҳо ва инчунин истифодаи онҳо дар амалия мебошад.

Рушди фаъолиятнокӣ ва худфаъолияткунии таълимгирандагон, қобилияти онҳо барои ба даст овардани навгонӣ ва муваффақиятнок ҳал кардани мушкилоти ҳаётӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушд ёфтани иқтисоди бозорӣ ва гузариши мамлакат ва ҷамъияти иттилоотӣ хеле мубрам гардидааст. Дастпарварони муассисаҳои таълимӣ, ки дар

асри XXI кору фаъолият мекунанд, бояд ба шароити рӯзгори муосир дар давраи ҷаҳонишавӣ мутобиқ шуда, ба таври мустақилона фикр ва амал карданро омӯзанд. Дар синнусоли наврасию ҷавонӣ фаъолияти таълимӣ ва таълими касбӣ пешбаранда ҳисоб мешавад, чунки дар ин давра инсон ҳамчун шахсият ташаккул ва рушд меёбад. Муваффақиятнокии ин фаъолиятро аз бисёр ҷиҳат мазмун ва шароити ба амалбарории ҷараёни таълиму тарбия таъмин менамояд. Боиси таассуф аст, ки раванди таълиму тарбияи муҳассилини муассисаҳои таълимӣ ҳоло ҳам тазаккурӣ (репродуктивӣ) буда, омӯзгорон дар бисёр маврид ба ташкили фаъолияти мустақилонаи хонандагон таваҷҷуҳи махсус намедиҳанд.

Он ҷараёнҳое, ки имрӯз дар самти омӯзишу парвариш сурат гирифта истодаанд, мунҷар ба он мешаванд, ки хонандагоги синфҳои болоӣ бояд ҳарчи бештар дар масири мустақилияти комил ҳаракат кунанд. Моро лозим аст, ки ин эҳсосоро ҳанӯз аз овони хурдӣ дар онҳо тарбият кунем ва онҳоро водор кунем, ки дар кору фаъолияти хеш мустақил бошанд. Ворид шудани фаъолияти технологияи иттилоотӣ ба тамоми зиндагӣ, минҷумла ба соҳаи омӯзишу парвариш моро талқин мекунад, ки дар ин масир ҷиддитар ва боғайраттар ҳаракат карда, хонандагонро низ ба ин раванд мутобиқ намоем.

Мубрамияти масъалаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон боз дар он аст, ки дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ давра ба давра ба амал баровардани чунин ташкили ҳамкории педагогӣ, диққати асосӣ ба ҷараёни азбар кардани дониш, муҳайё сохтани шароити мусоид ба таълимгирандагон ҷиҳати ҳифзи муҳимтарин амалиёти донишӣ ва истифодаи мустақилонаи онҳоро дар назар дорад, ки ба пешравии хонандагон дар сатҳи баланди фаъолияти мустақилона ёрӣ мерасонад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Доир ба мавзуи фаъолияти мустақилонаи насли наврас (мустақилияти шахс) дар давоми садсолаҳо бисёр таҳқиқотчиён афкори худро баён намудаанд. Ҷанбаҳои мухталифи

ташаккул ва рушди ин сифати шахсиятро дар замони худ педагогҳо–муҳаққиқони барҷастаи соҳаи мазкур, аз қабили Я.А. Коменский [79], И.Т. Песталотси [114], К.Д. Ушинский [153] ва дигарон дида баромадаанд.

Махсусан ба масъалаи фаъолияти мустақилона таҳқиқотчиён дар асри XX зиёдтар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Солҳои 1930-1940 корҳои Е.Я. Голанд [45] ва солҳои 50-60-ум таҳқиқоти А.П. Аристова [8], М.Н. Данилов [51], М.Н. Скаткин [138], ва дигарон, ки ҷанбаҳои дидактикаи фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагонро таҳқиқ намудаанд, нисбатан ғолиби таваҷҷуҳанд. Солҳои 1960-1970 муҳаққиқони шинохтаи соҳаи илми педагогика, аз ҷумла Данилов, И.Я. [51], Скаткин Г.М. [138], Г.И. Шукина [170] ва дигарон дар маркази таҳқиқоти худ тарафҳои мазмунии кори мустақилонаи хонандагонро гузошта буданд.

Дар адабиёти педагогӣ аз нимаи дуюми солҳои 1960 то давраи ҳозира ба коркарди шакл, технологияю методҳои ташаккул ва рушди фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии гуногун дар муассисаҳои таълимӣ диққати асосӣ дода шудааст. Махсусан дар корҳои илмии олимони маъруфи соҳа, аз ҷумлаи Қ.С. Абдураҳимов [1], М. Лутфуллоев [96], П.И. Пидкасистий [117], Ф. Шарифзода [154], Ҷ. Шарифов [166], С. Холназаров [158] ва дигарон ин масъала ба таври пурра дида баромада шудааст. Ҳамин тариқ, дар таърихи педагогика ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон диққати зиёд дода шудааст. Лекин бо вуҷуди таҳқиқоти нисбатан васеъ ҳанӯз ҳам мушкилоти баҳсангез ҷой дорад, зеро дар онҳо бисёртар мушкилоти фаъолияти мустақилонаи хонандагон дида баромада шудааст. Низомии педагогии пурраи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон мувофиқаткунанда ба шароити Тоҷикистон кор карда нашудааст. Тағйироте, ки даҳсолаҳои охир дар иқтисодиёти мамлакат, дигаргуниҳо дар таълими ватанӣ ба вуҷуд

омадаанд, зарурати тайёр кардани хонандагонро ба мустақилона ҳал намудани мушкилоти нави илмӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва коркарди низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро тақозо менамояд, ки чунин мухолифатҳоро бояд аз байн бурда тавонад:

- байни хусусиятҳои бисёрвазифагии раванди таълиму тарбия, ҳамчун ҳодисаи иҷтимоии ҳаётӣ ва коркарди нопурраи илмӣ-педагогии асосҳои назариявӣ-методологии ба амалбарории фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон;

- байни ҳодисаҳои мавҷудаи иҷтимоии ҳақиқии объективие, ки фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳамчун пешбарандаи маҷмуи маълумоти интегративӣ ва набудани низоми пурра дар баамалбарории ин раванд;

- байни мақсадҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки ба дигар шудани парадигми таълими умумӣ ва то андозаи лозим набудани тасаввурот дар бораи ин раванд дар давраи ҳозираи таълими ватанӣ вобаста мебошанд;

- байни таҳқиқоти фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар доираи фанҳои таълимии мухталиф таваҷҷуҳи зарурӣ надодан ба самаранокии мавод ва коркарди маҷмуи шароити педагогии хусусияти универсалӣ дошта, дар ҳамаи фанҳои таълимӣ бояд мавриди истифода қарор гирад.

Ҳалли ин мушкилот дар давраи ҳозираи рушди таълим, зарурати дарки назариявӣ ва ҳалли амалии он сабаби интихоби мавзуъ - «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» гардид.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кафедраҳои методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои солҳои 2016-

2020 дар мавзуи «Технологияи ташкил додани фаъолияти экологӣ ва проблемаи ташкили таълими равиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот -** муайян кардани ҳолати низоми фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун қисмати муҳимми мустақилонаи раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар асоси назария ва маҷмуи шароити педагогӣ барои худтакмилдиҳии шахсият, нуқтаи назари озод ва доимо нав намудани босалоҳиятнокии худ.

**Вазифаҳои таҳқиқот** - ҷудо намудан ва маълумот додан дар бораи асосҳои назариявӣ;

- муайян кардани мафҳумҳои дастгоҳи таҳқиқотӣ;

- ҷудо кардани давраҳои фаъолияти мустақилияти шахсият дар таҳқиқоти педагогӣ;

- таҳия ва дар ҷараёни озмоишҳои педагогӣ тасбит сохтани саҳеҳии низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши воҳидҳои таълимӣ;

- мушаххас кардан ва ироаи ахбор роҷеъ ба омилҳое, ки ба тавсеаи фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши воҳидҳои таълимӣ мусоидат мекунанд.

**Объекти таҳқиқот -** раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ.

**Мавзуи таҳқиқот -** фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:**

1. Ҷудо намудан ва маълумот додан дар бораи асосҳои назариявӣ, аниқ кардани мафҳумҳои дастгоҳи таҳқиқотӣ, ҷудо кардани давраҳои фаъолияти  мустақилияти шахсият дар таҳқиқоти педагогӣ.

2. Таҳия ва дар ҷараёни озмоишҳои педагогӣ тасбит сохтани саҳеҳии низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши воҳидҳои таълимӣ.

3. Мушаххас кардан ва ироаи ахбор роҷеъ ба омилҳое, ки ба тавсеаи фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши воҳидҳои таълимӣ мусоидат мекунанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот -** таҳқиқот дар се марҳала сурат гирифт:

Дар марҳалаи аввал (солҳои 2014-2015) нуқтаи назари аввалаи таҳқиқот муайян ва таҷрибаи ташкили педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, базаи сарчашмавии ташаккул, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот дар адабиёти фалсафӣ, методологӣ педагогӣ-равоншиносӣ, талаботи амалӣ ва коркардӣ мавзуъ омӯхта шуд.

Дар марҳалаи дуюм (солҳои 2016-2019) таҳлили мақсад, ҳолати назариявӣ, ақидаҳои пешбарандаи таҳқиқот, фарзияи кори муайян, барнома ва методикаи таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ кор карда шуд ва мафҳумҳои дастгоҳро ташаккул дода, ҳуҷҷатҳои зарурии озмоишӣ-таҳқиқотӣ омода сохта шуданд.

Дар марҳалаи сеюм (солҳои 2020-2024) дигаргунсозӣ-охирин барномаи фаъолияти озмоиши-таҷрибавӣ амалӣ карда шуда, санҷиши маҷмуии шароити педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба охир расонида шуд. Натиҷаҳои ба дастовардашуда ба низом дароварда шуданд, аз рӯйи натиҷаи кор дар намуди рисола (диссертатсия) ба шакл дароварда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот:**

- мавқеи мафҳуми фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба воситаи аниқ ва мушаххас кардани як қатор мафҳумҳо: фаъолгардонӣ, фаъолияти мустақилона, фаъолгардонии фаъолияти мустақилона дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ, муайян карда шуд;

- бо истифода аз муносибати низомӣ, тамаддунӣ ва шахсияти эҷодкор таҳқиқи маҷмуии мушкилоти фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки ба назарияи таълим, назарияи раванди таълиму тарбия ва назарияи низоми педагогӣ саҳми муайян мегузорад;

-мувофиқати асосии байни натиҷа ва талаботи ҳозираи иҷтимоӣ-педагогӣ ва нокифоягии ҳаҷми таҳқиқоти фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон кушода шуд;

- исбот гардид, ки асоси мазмуни фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбия муайян кардани қонунияти амалӣ намудани ин раванд мебошад

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** принсипҳои фалсафии омӯзиши ҳодисаҳо дар ягонагии назария ва амалия, моҳияти фаъолияти ба худ хоси инсон ва эҷодиёти фаъоли он, табиати арзишноки фаъол, фаъолияти рушдёбанда ва худбаамалбарории инсон, назарияи заминавии шахсият ва рушди он дар фаъолият; таҳқиқот бо истифодаи муносибати низомӣ ва таҳлили низоми равандҳои иҷтимоӣ, ҳодисаҳо, низом ва объектҳо; таҳқиқот бо истифодаи муносибати тамаддунӣ нисбат ба омӯзиши раванди педагогӣ, муносибати фаъоли ба шахсият равона кардашуда дар таълиму тарбия ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ташкил менамоянд.

**Сарчашмаи маълумот:** таҳлили адабиёти психологию педагогӣ, фалсафӣ-методологӣ оид ба масъалаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, омӯзиши коргузории мактабӣ, мушоҳида, пур кардани пурсишнома, пурсиши омӯзгорон ва хонандагон.

**Заминаҳои эмперикӣ:**

- таҳлили назариявии адабиёти философӣ, методологӣ равоншиносӣ-педагогӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва барномавӣ-методӣ оид ба соҳаи маориф;

- таҳлили низоми ҷамъбаст, тасниф, озмоиши фикркунӣ, амсиласозӣ, эмперикӣ, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии

муассисаҳои таълимӣ, маҷмуи методҳои иҷтимоӣ, анкетагузаронӣ, пурсиш, назарсанҷӣ, мушоҳида, таҳлили маҳсули фаъолият;

- методҳои оморӣ математикӣ, инъикоси графикӣ, таҳлили педагогии сифат, нишондодҳои миқдории оморӣ ва ғайраҳо.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои таҳқиқотӣ дар базаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақами 5 ва литсейҳои рақами 1 ва "Ориёно"-и шаҳри Бохтар дар асоси барномаҳои тавсиянамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.

**Навгонии илмӣ:**

- пояҳои назариявии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таҳия карда шуд, ки муҳтавои он дархосту тақозои муосирро ба раванди омӯзишу парвариш инъикос менамояд;

- сохти муҳтавоӣ ва сохти вазифавии педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш таҳия карда шуд;

- низоми педагогии таҳия кардашуда маҷмуи робитаҳои сохторӣ ва функсионалии қисматҳои муайянкунандаи ягонагии мустаҳкам, мукаммале мебошанд, ки барои расидан ба аҳдоф ва вазоифи баланд бардоштани фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон равона карда шудааст;

- асоснок карда шудааст, ки натиҷанокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таълимӣ аз амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогӣ вобаста мебошад;

- омилҳое, ки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд, муайян ва ҳамзамон дар бораи онҳо маълумот дода шуд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Асосҳои назариявии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ, ки

ақидаи аввалин, мақсад, вазифа, қонуният, принсипҳо, мазмун, технологияи амалӣ намудани ин равандро дар бар мегирад.

Низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки фаъолияти таълимӣ мебошад, роҳи инноватсионии амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогии раванди таҳқиқшавандаро кушода медиҳад.

Чунин низоми педагогӣ, ки аз маҷмуи сохтории ба ҳам алоқаманд ва қисматҳои функсионалию ягонагии мустаҳкамии том иборат аст ва мақсаду вазифааш баланд бардоштани сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон мебошад.

Меъёрҳо (мотиватсионӣ–иродавӣ, тезчанголӣ ва раванднокӣ) ва нишондодҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ.

Маҷмуи шароити педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки дар ин раванд истифода намудани имкониятҳои инноватсионии муассисаи таълимӣ, идораи раванди таълиму тарбия талаб дорад ва ҳоказоро дар бар мегирад.

Саҳми шахсии довталабро шароитҳои муносибати фардӣ-эҷодӣ, низоми методологӣ, назорат, мушоҳида, муқоисаи маълумот дар синфҳои озмоишӣ ва назоратии бадастомада, иштироки бевосита ба ҳайси роҳбарии гурӯҳи омӯзгоронро дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ тасдиқ менамояд.

Татбиқи диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**

- маҷмуи шароитҳои педагогии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон, ки ба ташкил додани раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ имконият медиҳад, кор карда шуд;
- кӯшишу ғайрати хонандагон ҳангоми ташаккул додани салоҳиятнокӣ ба донишҳои устувори назариявӣ нигоҳ дошта шуд;

- дар раванди таълиму тарбия алоқаҳое, ки маҷмуи дониш ва анъанаҳои рушдёбандаи таълимӣ, полетехникии ватанро ташкил медиҳанд, ҷой дода шуд;

- омилҳое, ки ба фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонад ва дар раванди таълиму тарбия ба ҳисобгириро талаб доранд, муайян карда шуданд ;

- маводи диссертатсиониро омӯзгорон, методистон, кормандони соҳаи маориф, унвонҷӯён, магистрон, бакалаврҳо метавонанд дар фаъолияти педагогӣ ва илмии худ васеъ истифода намоянд;

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** асоснокӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқиро пайдарпайӣ, асоснокӣ, яклухт будани он ва мухталиф набудани нуқтаи назари аввалаи назариявӣ-методологӣ, ки донишҳои гуногуни соҳаи донишро дарбар мегиранд (фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ ва ғайраҳо), нишон медиҳанд; муносибати низоми ба омӯзиши мавзуи таҳқиқот; гузаронидани таҳқиқот дар як вақт дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ; гуногунии сарчашмаҳои истифодашуда ва якдигарро пурра кардани маълумот; ҳаҷми зарурии интихоб; дуруст истифода намудани методҳои назариявӣ ва озмоишии таҳқиқот, монандии мақсадҳо ва вазифаҳо; мустаҳкамии такроршавии натиҷаҳо, ки бо методҳои математикӣ тасдиқ карда шудаанд; дурустии амалиёти оморӣ; чопи мақолаҳо дар нашрияҳои илмӣ-методӣ, тезисҳо, маърузаҳо дар конференсияҳо ва ғайра.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаи таҳқиқоти диссертатсия ба мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

***Банди 2.*** Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии

омӯзгорони маъруфи замони гузашта); таърихи этнопедагогика, рушди лексика ва ***истилоҳшиносӣ).***

***Банди 3.*** Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои педагогӣ / шароитҳо / рушди шахсият дар раванди таълим, тарбия, таҳсилот).

***Банди 5.*** Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ - фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия; робитаи мутақобилаи тарбияи шахсият ва рушди коллектив (ҷамъият), ҳаракати бачагона ва созмонҳо, таҳсилоти иловагӣ хамчун воситаи тарбияи шахс).

***Банди 7.*** Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ҳаракати навоварона (инноватсионӣ) дар таълим; фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишии муассисаҳои таълимӣ; тағйироти системавӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳои он; фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф, шарикии иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ).

***Банди 8.*** Педагогикаи муқоисавӣ (ҳолат, қонуният ва тамоюлҳои рушди назария ва амалияи педагогӣ, назария ва амалияи таълим дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни ҷаҳон; таносуби тамоюлҳои умумии рушди таҳсилот, хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ, имкониятҳо, асосноккунӣ ва роҳу воситаҳои ғанисозии мутақобилаи низомҳои миллии таҳсилот тавассути истифодаи таҷрибаи хориҷӣ, ошкорсозии таҷрибаи пешқадам дар соҳаи маориф).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар ташкили таҳқиқот ва ба даст овардани натиҷаҳо ва инчунин аз муайян кардани асосҳои назариявӣ-методологӣ ва коркарди низоми педагогӣ ва маҷмуи шароити педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ, роҳбарӣ ба кори

таҷрибавӣ - озмоишии он, коркарди низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон; таъмини ташкили илмӣ–методии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи  хонандагон иборат аст.

**Тасвиб ва амалисозӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ: конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият». «Таърихи омӯзиши проблемаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи шахсият», 15.09.2018, Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; Шурои илмӣ - дастурдиҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ» 08.11.2021 ва дигар ҷамъомадҳои илмӣ-оммавӣ шунида шуданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 05.03.2025, №7А  муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти умумӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 13 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 178 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 3 расму диаграмма ва 20 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар се боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 191 номгӯй мебошад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## 1.1.Заминаҳои таърихии масъалаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи шахсият

Дигаргуниҳои азиме, ки дар ҶТ ба вуқуъ пайваста истодаанд, баёнгари он мебошанд, ки кишвари азизи мо - Тоҷикистони соҳибистиқлол ба марҳалаи рушди навин ворид гардидааст. Бо итминон ва боварии комил гуфта метавонем, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар зери роҳбарии хирадмандона ва маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қуллаҳои баланди тараққии худ расида, тамоми мавонеъ ва садҳои мавҷударо паси сар хоҳад кард.

Маориф дар сиёсати роҳбарияти мамлакати мо самти афзалиятнок буда, тамоми кӯшиш ва ғайрат ба он равона гардида истодааст, ки ин самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ҳамеша ва пайваста бо навтарин таҷҳизот ва воситаҳои таълим таъмин карда шавад. Сохтмони биноҳои таълимӣ дар ҳамаи самтҳо, аз сохтмони кӯдакистон гирифта, то сохтмони макотиби олӣ баёнгари ин суханон мебошанд, яъне тамоми иқдомоти дастандаркорон тасбити гуфтаҳои боло мебошад.

Расидан ба истиқлоли сиёсӣ ва паси сар кардани муноқишаи дохилӣ бо номи ҷанги шаҳрвандӣ тамоми масъулин ва хоссатан роҳбарияти олии мамлакат барои бунёд ва эъмори ҷомеаи модерн ва дунявӣ камари ҳиммат баста, дар андак муддат, ки барои таърих вақти онқадар тулонӣ маҳсуб намеёбад, корҳои зиёдеро дар тамоми шууни зиндагӣ ба поён расонида, мамлакатро дар масири рушду тараққӣ ва пешрафт қарор доданд. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ақсои олам мешиносанд ва кишвари мо ба мамлакате табдил ёфтааст, ки дар равандҳои

байналмилалӣ шарик буда, барои ҳаллу фасли баъзе аз масоили глобалӣ пешсаф аст ва имрӯзҳо мамлакати моро ба унвони пешбарандаи масоили обу иқлим дар сайёраи Замин мешиносанд ва эътироф мекунанд. Аз ин рӯ, дар ин масъала, яъне масъалаи обу иқлим панҷ пешниҳоди мамлакати мо аз тарафи Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд. Ин ҷойи масаррату хурсандӣ аст. Хоссатан дар соҳаи маориф низ асноди бунёдии соҳа, ки асоси қонунии онро бунёд мегузоранд, қабул карда шуданд, аз қабили Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» (соли 1994), Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ (соли 2002) ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки ба низоми омӯзиш ва парвариш дар Тоҷикистон бунёди қонунӣ додаанд. Ин гом барои пешрафт ва руйи рӯволи аслӣ ва қонунӣ кору ҳаракат кардани ҷомеаи мо ва бавежа низоми маориф иқдоми аслӣ ва бунёдӣ ба ҳисоб меравад ва моро ба ҷомеаи мутамаддин наздиктар мекунад. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар кори хеш истифода намудан аз гомҳои қонунӣ маданият ва фарҳанги моро боло бурда, он чизро тасбит мекунад, ки мо ворисони фарҳангу тамаддуни хеле қадима мебошем ва гом бардоштан дар масир ва чаҳорчӯбаҳои қонунӣ барои мо муқаррарӣ ва бидуни баҳс мебошад [65; 79; 105; 103; 161].

Маориф, омӯзиш ва парвариш вазифаи мушаххаси худро дорад ва моро лозим аст, ки бо такя ба равиш ва усулҳои пазируфта дар ҷаҳон ва унсурҳои миллӣ дар масири босавод сохтани миллат ва қавми хеш ҳаракат карда гом бардорем. Мақсад ва ҳадафи низоми омӯзишу парвариш дар канори саводомӯзӣ бо тарбияти инсони комил, инсоне мебошад, ки дархӯри ҷомеаи навин бошад ва бо тамоми маънӣ ба фарҳанг ва тамаддуни чандинҳазорсолаи хеш содиқ бимонад. Дар ҷаҳони феълӣ, ки ҷаҳонишавӣ дари ҳар яки моро мекӯбад, нигоҳ доштани асолат ва «ман»-и хеш хеле муҳим аст. Агар мо аз қуллаи рушду тараққии феълӣ ба ҷаҳони муосир, бавежа ҷаҳони Ғарб нигоҳ кунем, манзараҳои хеле ҷолиб ва гоҳан ваҳшатнокеро мушоҳида мекунем, ки ба фарҳангу тамаддуни мо рост намеояд. Аз ин рӯ, ҳифзу нигоҳдории

ҳувияти миллии хеш дар қарни ҷадид хеле муҳим шудааст ва аз мо талошу кӯшиши беандозаро талаб мекунад, ки асолат ва ҳувияти хешро назорат карда, пойдор нигоҳ дорем. Ғарб феълан дар масирҳое ҳаракат карда истодааст, ки онро наметавонем бипазирем ва болотар аз ин, ба кулли тамаддун ва фарҳанги чандинҳазорсолаи мо мухолифат дорад. Яке аз соҳаҳое, ки метавонад дар ин масир боиси таваҷҷуҳ бошад, ин соҳаи омӯзиш ва парвариш мебошад, ки имрӯзҳо дар кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол ками андар кам наздики се миллион нафар аҳолии мамлакат мустақим ва ё ғайримустақим бо он сару кор доранд.

Моро лозим меояд, пеш аз ҳама ба бунёди ҳар масъала нигоҳ кунем ва дунболи он бошем, ки парадигмаҳои бунёдии онро кашф кунем ба масъалаи назариявии ин масъала нигоҳ кунем ва онро аз он чаҳорчӯбаҳо ба риштаи таҳқиқ бикашем ва нагузорем, ки бунёди масъала харобу валангор бошад. Мустақилият аз масъалаи бунёдии мавзуи мо маншаъ мегирад ва аз он нуктае, ки мо агар бихоҳем дар масири рушду тараққии хеш муваффақ бошем, бояд ба неруи ҳангуфти хобидаи инсонҳо, ки онро улгӯ ва чаҳорчӯбаҳои идеологии қаблӣ нигоҳ медошт ва садди роҳи пешравии он мешуд, фосила гирем. Бигузорем, ки он аз асорат берун биояд ва дар масири созандагӣ ва ободӣ ҳаракат кунад. Оё шумо медонед, ки дар байни мо чӣ ганҷҳо ва чӣ истеъдодҳое нуҳуфтааст. Вақте мо занҷирҳо, қолабҳо ва боварҳои нодурусту хайёлии хешро, ки дар тули солҳои мутамодӣ барои мо сохта ва талқин карда буданд, шикастем, ин ҳама неру боло зад ва иллату сababи аслии рушду тараққии мо дар муддати кӯтоҳ ана ҳамин гусастани занҷираҳои қолабӣ ва парадигмаҳои маъмулӣ буд. Мо ба инсонҳо иҷозат додем, ки озод бошанд, дар ҳама ҷабҳа, ҳам дар ҷабҳаи андеша ва ҳам дар чабҳаи кору фаъолият ва ин озодӣ ва улгуҳои нав мунҷар ба пешрафтҳои ҳангуфте гардид.

Вақте мо масоили бунёдиро бо кашфи роҳи мустақил сохтани инсон баррасӣ кардем, як чиз барои мо бармало гашт, ки ба зери чодар ва ё ба қавли маъруф улгу, чаҳорчӯба ва парадигмаҳо рафтани инсонҳо

низ таърихи мутамодӣ ва ё тулонӣ доштааст ва инсонҳо дар як рӯз ва ду рӯз зери бор нарафтаанд, балки садсолаҳо ин чиз боис шуда будааст, ки мо ба ин чоҳ биафтем ва боз садсолаҳои дигар лозим аст, аз он чоҳ берун биоем, на ҷисман, балки руҳан ва маънан. Яъне, ба инсон озодӣ бахшидан аз назари андешавӣ кори хеле сахте аст, ки гоҳан инсони дастандаркор ва ташаббускор дар ҷодаи озодибахшӣ руҳафтода ва дилшикаста мешавад ва ба худ мегӯяд: «Худоё, ман дигар наметавонам, хаста шудам, ба ман кӯмак кунед», яъне ӯ то ин ҳадҳо меравад ва гоҳан аз офаридгор кумак мехоҳад. Аммо чун инсон дар зоти худ мубориз аст, пас аз каме таваққуф боз ба кори хеш идома медиҳад ва дар ниҳояти кор пирӯз мешавад. Агар ин тавр намебуд, мо имрӯзҳо ба ин рушду тараққӣ ва пешравию оромиш намерасидем.

Шахсият ва фаъолияти ӯ мавриди баҳсу таҳқиқи улуми мухталифи инсонгаройӣ буда ва ҳаст ва мо низ дар кори хеш бо такя ба андешаҳои мавҷуда ва дигар андешаҳои фаъол ин масъаларо ба риштаи таҳқиқ кашидаем.

Дар аҳди бостон -дар Юнони қадим масъалаи фаъолияти мустақилияти инсон аз нуқтаи назари фаъолнокии он ва муносибат ба худаш баррасӣ мешуд. Масалан, файласуфи машҳури Юнони қадим Суқрот бо таълимоти баргаштан аз дида баромадани табиат ва олам шуҳрат ёфт. Суқрот дониши накукориро якуминдараҷа ҳисоб менамуд, онро ҳамчун рушди арзиш қабул мекард ва ба ҳайси сарчашмаи ин арзиш худшиносиро ном гирифта буд. Худшиносии инсон он нуқта ва лаҳзае мебошад, ки инсон пас аз расидан ба он дигар ба худ мутааллиқ нест ва ӯ моли ҳамгон аст. Чунин инсонҳо, ки ба худшиносӣ мерасанд, дар зоти худ ва кумаки Парвардигор нотакроранд, яъне онҳо аз ҷониби Офаридгор ва аҳли ҷомеа барои ин кор гузида шудаанд ва чун ба қавли Мавлоно Ҷаллолуддини Балхӣ дар макон ва фазои аслии хеш меафтанд, ба рушду нумуъ оғоз мекунанд:

«Дона чун андар замин пинҳо шавад,
Сирри ӯ сарсабзии бӯстон шавад» [98, с. 31].

Яъне, вақте чунин инсонҳо дар мазраи қобили қабули хеш меафтанд, ба рушд ва тараққӣ шуруъ мекунанд ва муфиди дигарон мешаванд. Ин бад-он маъност, ки ҳар кас на ин ки фақат номи худро, балки бояд тавонии зеҳнии худро хуб донад, дарк кунад ва ҳамзамон аз болои худ пайваста назорат кунад.

Суқрот масъалаи худшиносиро ба риштаи омӯзишу баррасӣ баркашида чунин иқрор мешавад, ки решаи он дар маърифат хобидааст ва шиори «Худро бишинос»-ро матраҳ мекунад.

Донишмандони бузурги дигари Юнони Бостон Арасту (Аристотел) мустақилияти фаъолиятиро асосан аз нуқтаи назари амалӣ матраҳ карда буд. Ба андеша ва фикру ақидаи Арасту хеле муҳим аст, ки инсон хислатҳои худро сайқал диҳад: «Он чизе, ки мо аз рӯйи табиати худ дорем, дар аввал онро ҳамчун қобилият қабул менамоем, баъд ба ҳақиқат табдил медиҳем» [9, с.109].

Донишмандони Юнони қадим ва мутафаккирони баъдина ҳам чунин фикр мекарданд, ки ин ё он хислатро инсон бояд дар худ тарбият кунад, онро сайқал диҳад ва он одот ва рафтори бад ва нохушоянде, ки бар асари ин ё он ҳаводис ёри инсон мешаванд, онҳоро бо машқу тамрини ирода канор гузорад ва амсоли инҳо.

Инсонҳо муваззаф ва мукаллафанд, ки наслҳои баъдиро омӯзанд ва ба ҳаёти мустақилонаи баъди хеш омода кунанд. Инсон бо мурури замон пир шуда, аз ҳаёт мегузарад ва ӯро лозим меояд, ки таҷрибаи андӯхтаи хешро ба дигарон ба мерос гузорад. Дар тули тамоми ҳаёти ҷомеаи башарӣ ҳамин тавр будааст ва минбаъд низ ҳамин тавр аст, ба қали Хайёми бузургвор:

«Рафтанду равему дигар оянда раванд» [150, с. 29].

Суханвари машҳури Рим Фабил Квинтилиан гуфта буд: «Мо онҳоро на барои он меомӯзем, ки онҳоро асрҳо омӯзонем!» [71, с. 519]. Муаллиф дар мавзуи «Маслиҳат ба нотиқ мегӯяд, ки дар одам мавҷуд будани қобилияти табиӣ дар якҷоягӣ бо қоидаи ташкили омӯзиш ба ӯ барои расидан ба қуллаҳои баланди дарки илм ва санъат ёрӣ мерасонанд. Бинобар ин мавсуф ба зарурати ҳавасмандкунӣ ҷиҳати ба интихоби эҷодиёт ҳамчун шакли олии мустақилият дар кӯдакон диққат медиҳад» [71, с. 519].

Масъалаи фаъолияти мустақилияти таълимгирандагон рушди худро дар корҳои пешбарандаи ақидаҳои гуманистии таълими қарни XV Рудолфо Агрикол бар ин андеша мебошад, ки: «Меҳнати фикрӣ боястӣ бо меҳнати ҷисмонӣ гиреҳ хӯрад ва якдигарро такмил намояд. Ва навомӯзон бояд моҳияти масаларо дуруст дарк карда, татбиқи онро дар амал дуруст ба роҳ монанд, дар ғайри ин сурат талошу кӯшиш дар масири тавъам сохтани кор натиҷаи хуб ба бор нахоҳад овард. Аз ин рӯ, хеле муҳим аст, он ки ба таълим машғул аст, масъаларо дуруст ба таълимгирандагон шарҳ диҳад, таълимгирандагон бошанд, дар навбати хеш моҳияти масъаларо дарк намуда, аз ҳама муҳим татбиқи онҳоро амалӣ карда тавонанд. Ин нукот хеле зарур аст ва он низ муҳим аст, ки таълимдиҳандагон ва ё ба таври дигар карда гӯем, онҳое, ки меомӯзонанд, аз шеваҳои лозим кор гиранд, то таълимгирандагон донишҳоро фаро гирифта дар масири татбиқи онҳо муваффақ шаванд. Дарки чизҳои омӯхта ба он маъно аст, ки таълимгирандагон дар татбиқи он масоил ба мушкилӣ мувоҷеҳ наҳоҳанд шуд ва онро ба роҳатӣ ва осонӣ дар ҳаёт ва зиндагӣ татбиқ хоҳанд кард» [53, с. 168].

Мо як нуктаро таъкид карданӣ ҳастем, ки муваффақияти таълимгиранда ва таълимдиҳанда дар масири омӯзиш бастагӣ ба кори муштараки ин ду субъект дорад, ки то кадом андоза онҳо дар кору амали хеш аз шева ва усулҳои маъмулӣ ва дурусту муфид кор мегиранд. Агар

таълимдиҳанда навовар ва эҷодкору муташаббис бошад, роҳи аз бар кардани донишу малакаро барои таълигиранда ҳамвор, яъне осон месозад чунки ӯ бо такя ба донишу малакаи хеш ва маҳорату манзалати хеш донишҳоро ончунон содаю равон барои таълимгиранда ироа мекунад, ки фурӯ бурдани онҳо ва ё ба қавли маъруф аз бар кардани онҳо барои таълимгирандагон мисли оби ҳӯрдан мемонад. Омӯзгори эҷодкор, муташаббис ва навовар ҳамеша пешгом ва муваффақ мебошад ва тасдиқи ин шогирдонаш ҳастанд, ки номбардори ӯ мебошанд. Шинохти шахсияти хеш ва масирҳои аслии зиндагӣ инсонро бузург ва кори ӯро муаррифӣ ва ҷовидон мегардонад. Агар инсон ба умқи ҳастии хеш бирасад, ба андешаи мо як чиз барои ӯ бармало мегардад, яъне фалсафаи зиндагӣ барои ҳар як инсон, ба ин маъност, ҳамон саволе, ки дар тули зиндагии инсон ӯро ҳамеша таъқиб мекунад ва инсон дунболи он аст, ки онро барои худ кашф кунад. Ин ҷо ба андешаи мо овардани рубоии маъруфи Абуали ибни Сино мувофиқи мақсад аст:

*«Эй кош бидонаме, ки ман кистаме,*
*Саргашта дар олам аз бари чистаме,*
*Гар муқбилам, осуда ҳаме зистаме,*
*Варна ба ҳазор нола бигристаме»* [4, с. 27].

Комилан саҳеҳу дуруст фармудааст, Абуали ибни Сино, ки агар ин муаммо барои инсон ва назди ӯ кушода шавад, зиндагиаш бамаротиб осонтар ва равонтар ва бомаънию босифат ва пуршӯр шаъф сипарӣ мешавад ва дар поёни умри хеш ризояти худро эълом медорад. Ин гурези иҷмоли барои бармало сохтани ҳадафи зиндагии инсонҳо лозим буд, ки ба андешаи инҷониб мо то андозае дар кашфи он муваффақ шудем.

Барои мисол, асосгузори роҳи эмперикӣ (таҷрибавӣ) дар фалсафаи англисӣ файласуф ва арбоби сиёсӣ Ф. Бекон, ки муаллифи афоризми (ҳикмати) «Дониш-қувва аст» мебошад, появу бунёди педагогикаи

ҷадидро тарҳрезӣ кард. Ҳадафи аслии он ба хонандагон додани кулли донишҳо набуда, фақат дар вуҷуди онҳо шакл додани маҳорату малакаи касб ва ба даст овардани онҳо мебошад. Имрӯз ба такя ба ин гуфтаҳо мо дар кору пайкори педагогии хеш аз усули ҳосили дониш дар якҷоягӣ кор мегирем, ки ба назари мо хеле муассир ва борвар мебошад. Ба қавли Фирдавсии ҳаким:

«Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад» [2, с. 23].

Ф. Бекон дар таълим истифодаи маводеро, ки ба таълимгирандагон фаҳмо, ва дастрас аст, ишора кардааст. Аз ҷониби таълимгирандагон иҷрои онҳо ба андешаи Бекон, бояд ба нуқтаи наздикии тараққии таълим равона карда шавад. Ин вобаста ба он аст, ки дар аввал мо имконот ва зарфияти таълимгирандаро муайяну мушаххас кунем, сипас бо истифода аз он маълумот ва ахбор пешрафтро таъмин намоем. Ф. Бекон ақидаи омезиши назарияи таълимро бо фаъолияти амалӣ, ки бидуни дарку фаҳми он истиқлолу мустақилияти таълимгиранда аз имкон дур аст, иро мекунад [20].

Ҳамеша ҳамин тавр будааст, ки мустақилиятро пеша кардан ба он маъно аст, ки масъули таълиму тарбия, омӯзишу парвариш аз як сӯ шона холӣ кунад, аз сӯйи дигар масъулиятро ба дӯши таълимгиранда вогузор мекунад. Ин вогузорӣ мунҷар ба он мешавад, ки таълимгирандае, ки ба ҳар далеле таҷриба ва дониши кофӣ надорад, инони корро ба дасти хеш бигирад ва онро то ҷо метавонад ба пеш барад. Ин истиқлол неруи нуҳуфтаи онро бедор ва ҳидояти кор мекунад, ки мо ҳама дунболи он мегардем ва гоҳан аз худ мепурсем, ки чаро шогирдони мо ноуҳдабаро ҳастанд ва чаро онҳо супоришҳои моро ба наҳви аҳсан ва ҳамон тавре ки мо мехоҳем, иҷро намекунанд. Инҳо саволҳое мебошанд, ки моро ҳамеша дунбола мекунанд ва ҷавоби онҳо дар истиқлоли шогирд ва

таълимгиранда аст. Агар онҳоро танҳо гузорем, ба онҳо итминону бовар кунем, ба неруи онҳо итминон кунем, мо он вақт мебинем, ки ин насли ҷавон, шогирдони мо таълимгирандагон ба чи коре мақдуранд ва иқтидор доранд. Ба назари ин инҷониб, ин нобоварӣ ва беэътимодӣ ба наврасон, шогирдон ва таълимгирандагон боис мешавад, ки мо ба бунбаст ва печидагӣ меафтем ва аз он роҳи халосӣ мекобем, роҳи халосӣ дар мустақиляти таълимгирандагон аст.

Донишманди маъруфи педагогика Я.А. Коменский ҷараёни рушду тараққии шахсиятро дар асоси принсипҳои аёният, низомнокӣ, дастрас ва пайдарпай ба воситаи фаҳмиши мустақилонаи хонанда ва муҳити зист дида баромадааст. Ӯ чунин мепиндошт, ки «омӯзиш ҷиҳати рушду тараққии шахсияти насли ҷавон кумак мерасонад, тасаввуроти онҳоро дар бораи оламе, ки моро иҳота намудааст, тавсеа мебахшад, нутқашонро ғанӣ ва пурмазмун мегардонад, насли наврасро ба истифодаи амалии донишҳо ва маҳорати азхуднамударо дар ҳаёти мустақилона тақвият мебахшад» [79, с. 356]. Ҷойи дигар қайд мекунад, ки: «Таълимгиранда дар муассисаи таълимӣ барои муассисаи таълимӣ таҳсил накард, балки барои зиндагию ҳаёт дарс мехонад. Ӯ ҳисоб мекард, ки мактабро он  шахсони эҷодкор, боғайрат, пурҳавсала бояд хатм намоянд, ки барои ҳал кардани масъалаҳои ҳаётӣ қодир бошанд. Онҳо бояд шахсиятҳое бошанд, ки аз мушкилоти зиндагӣ наҳаросанд ва эстафетаро аз дасти калонсолон бо итминону боварии комил ба даст гиранд ва дар кору пайкори хеш аз гузаштагони хеш муваффақтару муваффақтар бошанд ва нишон диҳанд, ки  онҳо давомдиҳандагони сазовори кори падарони хеш мебошанд ва корҳоро  ба маротиб аз гузаштагони хеш беҳтару хубтар анҷом медиҳанд, онҳо ба корҳои бузургтар ва асоситар қодиранд» [79, с. 356]. Я.А. Коменский комилан дуруст мефармояд, ки таълим ва тарбияи дуруст дар ҳоле ба роҳ монда мешавад, ки мураббиён дар кору пайкори хеш устувор буда, шогирдону таълимгирандагони ҷавон, насли ояндасозро чунон тарбия кунанд, ки

онҳо насли калонсолро бо кору пайкор ва созандагии хеш дар ҳайрат гузоранд.

Ба гуфтаи Я.А. Коменский: «Одами дуруст таълимгирифта, дарахтест, ки решаи худро дорад, аз шираи худ ғизо мегирад ва бинобар ин ба таври доимӣ (рӯз аз рӯз боқувваттар мешавад) месабзад, гул мекунад, мева меоварад» [79].

Педагоги чехӣ Я.А. Коменский таълиму тарбияро ҷараёни хеле мураккаб ва мушкил меҳисобид, ки аз ҳар ду ҷониб ҳам ҷониби омӯзгор ва ҳам аз ҷониби таълимгиранда талошу кӯшиши беҳаду андозаро талаб мекунад. Дар ҷараёни таълим, ба андешаи ӯ, бояд омӯзгор ҳамаҷониба омодагӣ бигирад ва таълимгиранда низ боястӣ хоҳиши хондан ва таълим гирифтан дошта бошад. Он вақт ин ду ҷониб ба натиҷае мерасанд. Таълимгиранда бояд барои таълиму тарбия гирифтан омода бошад ва худ низ хондану таҳсил карданро хоҳад, инҳо он занҷираҳое мебошанд, ки ин ду субъектро ба аҳдофи ниҳоӣ мерасонанд. Зикри ба маврид аст, ки омӯзгор муҳандиси руҳи инсон аст, аз ин рӯ, ӯро лозим аст, ки ба аъмоқи андешаву фикри тарбиятгирандаи худ фурӯ биравад ва дарк кунад, ки ӯ чӣ фикру андеша дорад ва андешаҳояш ӯро ба куҷоҳо суқ медиҳанд. Он вақт бо итминони комил метавон гуфт, ки мураббӣ ва омӯзгор дар масири таълиму тарбияи тарбиятгирии хеш муваффақ хоҳад шуд, чун онҳо огоҳанд, бохабаранд аз масири андешаҳои тарбиятгари хеш ва сари вақт ва дар лаҳазоти лозима ба кумак ва ёрии ӯ мерасанд ва намегузоранд, ки шогирди онҳо ба партгоҳ биафтад ва сари вақт ба ӯ дасти имдоду кумак дароз мекунанд.

Аксари гуфтаҳои Я.А. Коменский ба ҳайси маслиҳат барои омӯзгорон ироа шудаанд. Ӯ дар суханронӣ ва маслиҳатҳои хеш омӯзгоронро ба он ҳидоят мекунад, ки таълимгирандагонро дуруст таълиму тарбия дода, онҳо мустақил ҳаракат карданро омӯзанд, яъне ба таълимгирандагон омӯзанд, ки мустақилона кору фаъолиятро ёд гиранд ва ба ин тарзи фаъолият дар кори хеш тарҷеҳ диҳанд. Ҳамон тавре мо

болотар зикр карда будем, мустақилият неруҳои ниҳонии таълимгирандагонро бармало сохта, онҳоро ба корҳои хеле бузургу калон ва муассиру муфид ҳидоят мекунад. Аз ин нуқтаи назар мустақилият додан ба шогирд ва ӯро дар ин роҳу ҷода ҳидоят кардан амали хеле бузург ва муфид барои худи таълимгиранда мебошад.

Агар мо ба зиндагии одамони бузург назар андозем, ки аксари онҳо дар чунин масирҳо зиндагиро омӯхтаанд, гуфтор ва амалҳоро мебинем, ки моро бар андешаи хеш бар мабни он ки мо бояд дар масири мустақилият ҳаракат кунем, устувортар мегардонад. Масалан, вақте дар зиндагӣ асосгузори адабиёти муосири рус А.М. Горкий ба мушкили мувоҷеҳ шуд, бобои нависанда Каширин ба ӯ гуфт: «Иди в людях, яъне ба байни одамон бирав». Ин маънои онро дошт, ки вақте нависанда дар байни одамон қарор гирад, ӯ аз зиндагии воқеии мардум бохабар шуда, ба маънии зиндагӣ сарфаҳм меравад. Ҳамон тавре ки дар урфият мегӯянд: «Зиндагӣ пасту баландиҳои зиёде дорад», яъне ба он маъно, ки зиндагии инсонҳо мисли шоҳроҳ тахту ҳамвор нест, вай аз пастию баландиҳои зиёде иборат мебошад, ки онро бояд бо сарбалдандӣ паси сар кард. Яъне барои бартараф кардани мушкилиҳо ва ҳаллу фасли муъзалҳои зиндагӣ худро бояд омода кард, ба қавли устоди зиндаёд Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ:

«Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд» [3, с. 248].

Ба андешаи мо, аз ин суханони муассиру беҳтар пайдо кардан кори сахту сангин аст. Агар ба ашъори ин устоди сухан назар андозем, ин қабил ганҷҳо зиёд нуҳуфтааст, барои мисол:

«Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад,
Не бад-он чашм к-андар ӯ нигарӣ,

Ҳамчун дарёст в-аз накукорӣ,
Киштие соз то бад-он гузарӣ» [3, с. 176].

Ин суханони баланду осмонӣ ва муассиру пурмаънӣ василае барои таълиму тарбияи ҷавонони имрӯза мебошад. Бале, устодони сухани форсии тоҷикӣ аз худ ганҷҳое ба мо ба мерос гузоштаанд, ки бо гузашти асрҳо арзишу қимати худро аз даст надодаанд ва мо онҳоро барои ҳаллу фасли масоили имрӯза низ бароҳат ва бидуни дудилагӣ ва тарсу ҳарос, ки ҳарфе хориҷ аз мавзуъ нагуфта бошем, мавриди истифода қарор медиҳем. Пас аз руҷуи иҷмолӣ ва овардани суханони бузургони адабу илми тоҷик, ки ба андешаи инҷониб мустақим ва ғайримустақим ба суҳбату гуфтаҳои мо алоқаманд мебошад, ба масири аслӣ ва мавзуи асосии худ ва бастари воқеӣ фуруд омада, он масоилро пайгирӣ хоҳем кард.

Масоили ба таври мустақилона ва бидуни назорати мураббию сарпараст фаъолият кардани таълимгирандагон дар гуфтор ва андешаҳои педагоги маъруф И.Г. Пестолотсӣ ба таври васеъ вомехӯранд ва эшон низ ин масоилро ба таври бояду шояд ба риштаи омӯзишу таҳқиқ кашида, андеша ва фикрҳои бикре баён доштааст. Ин донишманд яке аз воситаҳои рушду инкишофро ба муҳайё кардани шароити одӣ ва содаи таълимӣ барои таълимгиранда мепиндорад ва онро чун ҳамсанг ва ҳамгом бо рушди табиӣ мепиндорад. Песталотсӣ И.Г. чунин навишта буд: «Таълим ба насли ҷавон барои мустақил ва новобаста будан аз ҳама воситаҳое, ки барои рушди ҳамаи қобилияти он истифода шудаанд, ёрӣ мерасонад» [114, с. 126].

Имануил Кант низ перомуни таълиму тарбия, омӯзишу парвариш ва вазоифи ин ниҳод андешаҳои хешро баён дошта, интизомнокии баланд, малакаҳои меҳнатӣ, риояи меъёрҳои одобу ахлокро ҷудо намуда, ба «қобилияти фаъолияти маънавӣ» диққати махсус медиҳад. Аз он ҷумла, ӯ перомуни ин масъала чунин гуфтааст: «Қобилияти маънавӣ,

ҳама чизе, ки инсон худ медиҳад ва он чизе, ки мехоҳад иҷро кунад, тарбия менамояд» [67].

Яке аз бунёдгузорони илми фалсафаи муосир Гегел низ аз баёни андешаи хеш перомуни ин масоил сарфи назар нанамудааст: «Фарди танҳо, аз рӯйи мазмун бояд ҳамаи зинаҳои таълими маънавӣ (руҳӣ)-ро ҳамчун шакл гузоштаи маънавиёт (руҳро) ҳамчун давраҳои роҳи аллакай коркарда ва ҳамвор кардашударо гузорад» [42, с. 5].

Гегел дар зери «маънавиёти умумӣ» фақат маърифатнокии одамро мефаҳмад. Моҳиятан Гегел донишмандӣ ва маърифатнокии инсонро дар ҷараёни таърихӣ-маданиятнокӣ ва мустақилии одами алоҳида дар алоқамандии он ба арзишҳо ва манфиатҳои иҷтимоӣ мебинад

Донишманди дигар қарни XIX В. Дистерверг чунин меҳисобид, ки инсон вақте ба дунё меояд, дар ӯ ҳисси мустақилият ва мустақилона амал кардан аллакай мавҷуд аст.

Ба фикри ӯ мустақилиятнокии шахс фикркунии фаъолро бедор карда, ба бедоршавии хоҳиш ва талабот ёрӣ мерасонад. Ӯ инчунин таъкид мекунад, ки мо набояд донишро дар шакли омодаю тайёр ба таълимгирандагон пешниҳод кунем, балки мо донишро дар якҷоягӣ бо таълимгиранда ҳосил намуда ва барои дар зеҳни ӯ нақш бастани он мусоидат кунем. Ӯ роҷеъ ба ин масъала чунин баён медорад: «Тарбия гирифтани одам ин ба мақсади худ расидан аст ва вақте ки то андозае пӯхта мерасад, дорои қувва ва иродаи муайян гардад, худро дар оянда дар раванди ҳаёт рушд медиҳад, ҳамчун фард воситаи таъсиррасонанда ба дунёи беруна медонад» [55, с. 157].

Назариячиёни мактаби меҳнатӣ, «педагогикаи амалиёт», «мактаби фаъолиятнокӣ» Г. Кершенштейнер, Г. Спенсер ва А. Ферер роҳи ҳалли мушкилоти мустақилиятнокии насли наврасро дар бедор кардани ҳавасмандӣ, яъне «мустақилияти фикрӣ» дар рафти таълим ва воситаи асосии тарбияро дар меҳнати дастӣ дидаанд.

Донишмандоне аз қабили О. Декролӣ, Дэн, Дюӣ (метод-лоиҳа) ва Дэн, Дюӣ, В.Х.Килпатрик, Е. Коллингс ва дигарон, (Далтон-нақша) (Е.Паркхерст) ва дигар шаклҳои таълими фардиро таҳқиқ кардаанд [52; 57; 72; 73; 78].

Ҳамин тариқ, солҳои 60-70-уми қарни XX дар педагогикаи мамлакатҳои Шарқ ва Аврупои марказӣ зимни омӯзиши масоили ташаккули маърифатнокии мустақили фаъолияти шахсият нақши муҳим ба кори мустақилонаи эҷодии хонандагон дар фаъолияти таълимӣ ва беруназдарсӣ дода шудааст. Донишмандони кишварҳои гуногун роҷеъ ба ФФМ андешаҳои ҷолиби диққати баён кардаанд, аз қабили Я.Скалкова ва Б.Питскова (Чехословакия), И. Тодорова (Болгария) ва амсоли инҳо [137].

Аврупо ва Амрико низ дар ин давра корҳое дар заминаи масъалаи мазкур анҷом додааст, яъне корҳои гурӯҳӣ ва машғулиятҳои фронталӣ шомили он корҳо буданд. Албатта, низоми таҳсилу таълим дар ин мамлакатҳо аз низоми ҷо афтода дар мамлакати мо ва кишварҳои пасошуравӣ ба куллӣ фарқ мекард. Ҳоло бошад, тамоми кишварҳои дунё бо такя ба технологияи иттилоотӣ, ки майдони фаъолиятро барои ҳамгон яксон сохтааст, дар масири ҳамоҳангӣ ва якрангӣ пеш рафта истодаанд ва ба сароҳат метавон гуфт, ки шабоҳатҳо дар айни ҳол дар соҳаи маорифи тамоми дунё ба амал омада истодааст. Масалан (*discovery jearnung*) на танҳо таълимро такмил мекунад, аксаран дар бисёр маврид таълимро дар синф (гурӯҳ) бо таркиби доимӣ бо роҳи «ростакӣ» додани дониш таълимро иваз менамояд.

Ба фикри муҳаққиқони амрикоӣ ва англис кори фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ (*independent study*), инчунин *selt-directed*, ё ин ки *selt-instruction*-ин худидоракунии фаъолияти таълим аст, вақте ки ҳамчун намуди фаъолияти таълимӣ дигарҳо идора мекунанд, роҳи баръакс муқобили он мебошад. Намудҳои супоришҳо гуногунанд, «лекин ҳамаи онҳо мақсади гузоштташудаҳо дар бар мегиранд. Ба кор аз рӯйи интихоб,

маслиҳати фардӣ (*directing study*) фаъолияти тайёрӣ, семинарӣ (хонанда ба натиҷаи кори худ шинос мешавад) ва ҷустуҷӯ оид ба рушди қобилиятҳои махсус (кор аз рӯйи нақшаи худ) бартарӣ дода мешавад» [67; 189; 171].

Дар кишвари Россия бошад, ба масъалаи мустақилияти таълимгиранда аз поёни қарни XVIII таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Яке аз донишмандоне, ки ба масоили омӯзишу парвариш, яъне таълиму трабия таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, Михаил Василевия Ломоносов буд.

Масалан, ӯ чунин мегуфт: «Идоракунии рафтори худ-ин маънои идора кардани тарсу ваҳмро дорад» [95].

Донишмандони дигари рус, аз қабили В. Г. Белинский, А. И. Герстсен, Н. А. Добролюбов, Н. П. Очарев, Д. И. Писарев, Н. Г.Чернишевский ба масоили мухталифи марбут ба инсон ва паҳлуҳои зиндагии ӯ минҷумла таълиму тарбия дахл варзида, андешаҳои ҷолибу бикр баён доштаанд. Онҳо чунин андеша доштанд, ки рафтори инсон мустақилияти ӯро нишон медиҳад ва боз андешаҳои дигаре, ки воқеан то ба ҳол арзиши илмӣ ва методии хешро роҷеъ ба масъалаи мавриди назар гум накардаанд. Ин андеша, яъне мустақилият ва истиқлол додани инсонро донишмандони дигари рус пайгирӣ намудаанд. Барои мисол, донишманди рус Д. И. Писарев чунин баён доштааст: «Мактаб бояд дар аввал шавқу ҳавас, илмдӯстиро бедор кунад, дуюм, қувваи фикркунӣ ва мустаҳкам кардани қувваи фикрии онро то ҳамон дараҷа зиёд намояд, ки аз мактаб ба ҳаёт баромада тавонад, бе роҳбарии шахсони бегона ба навозиши беруна ҷавоби дуруст ёбад» [28; 45; 162].

Дар поёни қарни XIX дар Россия теъдоде аз педагогҳо ва маорифпарварон, аз қабили А. Я. Герд, Н. А. Рубакин, К. Д. Ушинский, В. И. Чарнолуский таваҷҷуҳи асосиро ба гуногунии ташаккули фаъолияти мустақилият-худтаълимдиҳӣ, корҳои амалӣ ва ғайра равона намудаанд [23; 44; 132; 153; 163].

К.Д. Ушинский, ки дар Россия онро ҳамчун бунёдгузори педагогика медонанд, бештар рӯйи худомӯзии таълимгирандагон андешаронӣ намудааст ва аз ин тариқ ба мустақилияти таълимгирандагон ишора намудааст. Ӯ хуб дарк мекард, ки мустақилият ба инсон ва бавежа мактаббача ва таълимгиранда хеле муҳим аст, шахсияти ӯро такмил мекунад ва ӯро ба корҳои бузургу ҳаҷим ҳидоят мекунад. Мо дар болотар дар ин бора зикр намуда будем, ки вақте таълимгиранда, кӯдак ва дар маҷмуъ наврас ба ҳоли худ гузошта мешавад ва ӯ фаҳмонида мешавад, ки бояд ба таври мустақилона ин ё он супоришро иҷро кунад ва пас аз анҷом кори ӯ аз тарафи калонсолон арзёбӣ мешавад, дар ӯ эҳсоси масъулият пайдо ва бедор мешавад, тамоми бадани ӯ ва донишу малакааш басиҷ мегарданд, то кору супориш ба ӯ вогузор карда шуда, ба наҳви аҳсан иҷро карда шавад. Дар ин робита К.Д. Ушинский меҳисобид, ки омӯзгор бояд ба шогирдон на танҳо дониш, балки дар онҳо маҳорат ва малакаҳои кори мустақилонаро ташаккул диҳад. Ин маҳорату малакаҳо ба фикри К.Д. Ушинский: «Бояд онро бо таълимгиранда монад, ҳатто ҳангоме, ки омӯзгор онро мемонад, ба таълимгирандагон додани воситаҳои азхудкунии донишҳои фоиданок на танҳо аз китобҳо, балки аз ашёҳое, ки онро иҳота мекунанд, аз ҳодисаҳои ҳаётӣ гирад. Зеро ба таълимгирандагон додани воситаҳои азхудкунии донишҳо хеле фоиданок аст. Аз худ кардани ин қувваи бузурги фикрӣ, аз ҳама ҷо хӯроки фоиданокро ҷамъ мекунад, одам тамоми умр меомӯзад, албатта, ин як қисмати муҳимми вазифаҳои таълимии мактабиро ташкил менамояд» [152, с. 149].

Ин донишманди фарҳехтаи рус андешаҳои худро идома дода, фаъолияти мустақилонаро ба ҳайси сифати шахсият баррасӣ намудааст, ки он асосан бар асари фикррониии мустақилона рушду тараққӣ мекунад. Яъне таълимгиранда бояд фикру андешаи мустақил дошта бошад, то ба фаъолияти мустақил бирасад. Фаъолияти мустақил ва дар маҷмуъ ба таври мустақилона амал кардан аз ҳар як инсон масъулияти баландро

талаб мекунад. Чун инсон бояд посухгӯйи аъмолу рафтори хеш бошад, ин ҳам аз мустақилият маншаъ мегирад.

К.Д. Ушинский чунин ҳисоб мекард: «Кӯдак мувофиқи имконияти хеш мустақилона меҳнат менамояд, омӯзгор вазифадор аст, ки ба ин меҳнати мустақилона роҳбарӣ намояд ва барои он мавод диҳад» [153 с. 256]. Дар ин замина вай бархе аз воситаҳои доир кардани кори мустақилона бо таълимгирандагонро бо таваҷҷуҳ ба синнусоли онҳо таҳия карда ироа намудааст. Донишмандони зиёди рус, аз қабили А. Н. Бекетов, А. Я Герд ва монанди инҳо ин масоилро матраҳ намуда, роҳу воситаҳои кори мустақилонаро пешниҳод намудаанд [40; 103].

Олим ва нависандаи рус Н.А. Рубакин роҷеъ ба ин масъала чунин навиштааст: «Мустақилона аз худ кардани маълумот ин маънои худомӯзиро дорад. Ҳамаи маълумоти ҳозира фақат бо роҳи таълими худомӯзӣ, худтаълимдиҳӣ ба даст оварда мешаванд» [132, с. 24], ҳамаи он чизе иҷро мекунед ва ба он чизе, ки бо хоҳиш ва ифодаи худ ноил мешавед-дар сар мустаҳкам ҷой мегирад» [132, с.34]. Номбурда андешаи худро идома дода чунин баён доштааст: «Хонандагон ҳама вақт кӯшиш мекунанд, ки кори мустақилонаро барои аз худ кардани фикрҳои бегона, ақидаҳои бегона, назарияҳои бегона сарф намоянд. Дар ҳолате, ки моҳияти ин кор на барои аз худ кардани ақидаю фикрҳои бегона, балки раванди тафаккури мустақилона, фикркунӣ мебошад» [132, с. 52]. Ӯ худомӯзиро яке аз воситаҳои маърифатӣ ном бурда, чунин баён доштааст: «Истифодаи онҳо барои ҷустуҷӯйи ҳақиқат, аз ҳаёте, ки шуморо иҳота менамояд, сар мешавад» [132, с. 206].

Дар оғози қарни XX педагог ва равоншинос П.П. Блонский масъалаи таълими мустақилонаи хонандагонро аз нуқтаи назари равоншиносӣ ва педагогӣ, Р.М. Микелсон кори мустақилонаро дар ҷараёни таълим, А.П. Пинкевич ҷабҳаҳои фаъолияти мустақилона, М.М. Пистрак таъсири микромуҳит ба таълими мустақилона, С.Т. Шатский кори ҷамъиятии фоиданокро ҳамчун воситаи ташаккул ва рушди

фаъолиятнокӣ ва мустақилияти шахсият ва ғайраҳоро дар раванди таълим асоснок намудаанд [30; 101; 121; 123; 165].

Педагогҳои маъруфи солҳои 20-уми асри XX пурра боварӣ доштанд, ки кори фаъолияти мустақилона воситаи муваффақиятноки рушд додани мустақилиятнокӣ, фаъолиятнокӣ, сифатҳои иродавии шахсият мебошад. Аз тарафи онҳо кӯшишҳои таснифи фаъолияти мустақилияти хонандагон анҷом дода шуда буд.

Масалан, Л.А. Степашко чунин қайд кардааст: «Кӯшиши додани дониши таҷрибавӣ ба зарари назариявӣ, махсус аз ҳисоби таълими умумӣ, ташкили дониш дар атрофи меҳнат, баҳо надодан ба методҳои додани дониш аз тарафи омӯзгорон ва ғайра пайдо шуд» [146, с. 10].

Дар давраҳои гуногун ба ин мафҳум бархурдҳои гуногун мешуд. Донишмандони соҳаи педагогика ва психологияи қабл аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва пас аз он фаъолияти мустақилонаро ҳамчун ҷараёни азхуд намудан донишҳо меҳисобиданд.

Ба ин масъала донишмандони соҳаи педагогика ва донишмандони дигар самтҳо сирфан аз солҳои 60–уми қарни XX рӯ оварда, онро ҳамаҷониба ба риштаи таҳқиқ кашида паҳлуҳои гуногуни онро кор карда баромаданд.

## 1.2. Моҳият, сохтор ва мундариҷаи ташаккулёбии фаъолияти мустақилонаи хонандагон

Дар солҳои 60-90-и асри XX диққати таҳқиқотчиён ба кушодани маълумоти фаъолияти мустақилона ҳамчун сохтори қисмати таълимие, ки барои рушди тафаккури мустақилона ёрӣ мерасонад, равона карда шуд (С.И. Архангелский, П. Аристова, Ю.К. Бабанский, Л.В. Вилкеев, Л.Г. Вяткин, Е.Я. Голант, М.А. Данилов, В.И. Загвячинский, У. Зубайдов, И.Я. Лернер, М.Лутфуллоев, А.М. Матюшкин, М.И. Махмутов, П.И. Пидкасистий, Н.А. Полковникова, Т.И. Шалавина, Т.Н.

Шарифзода,Ҷ. Шарифов, Қ. Қодиров, Шамова, Г.И. Шукина ва дигарон). Таҳқиқоте, ки оид ба фанҳои гуногун гузаронида шуданд, ин масъаларо ҳамаҷониба омӯхта, паҳлуҳои мухталифи онро ошкор сохта, роҷеъ ба тайёрӣ ва омодагии шахс андешаҳои ҷолиби диққат баён намудаанд [10; 8; 182; 37; 38; 46; 51; 59; 187; 96; 99; 100; 120; 190; 164; 166 ва диг.].

Таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои гуногуни ин мушкилот, яъне фаъолияти мустақилонаи шахсият имкон дод, ки якчанд марҳилаҳои рушди ин падидаро ошкор намоем.

**Давраи якум**. Дар ин давра зарурати мустақилиятнокии шахсият дар фаҳмиши (дарк) асоснок карда шуда, (асри IV, то асри нав - XVI асри нав) Суқрот, Аристотел, Ф. Квинтелиан, Р. Агрикола, Ф. Рабле, Ф. Бекон ва дигарон чунин натиҷаҳо ба даст овардаанд:

-пешниҳод ва асоснокии андешаҳо ҷиҳати омода намудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона;

-ақидаи рушд додани таълимгиранда ба воситаи мустақилиятнокӣ ва худфаъолиятӣ дар таълим.

Оғози коркарди методҳои мустақилона ҷиҳати аз худ намудани донишҳо ва ғайраҳо.

**Давраи дуюм.** Ин давра шомили қарнҳои XVII ва XX буда бо ҷамъ шудани маводи эмпирикӣ тафовут пайдо мекунад. Асосан таҳқиқоти Я.А. Коменский, И.Г. Песталотсӣ, Г. Гегел, Ф. Дистервег, Г. Кершен-Штейнер, В. Х. Килпак-рик, А. Н. Бекетов, А. Я. Герд, Н. А. Рубакин, К.Д. Ушинский, В.И. Чернолуский, П.П. Блонский, А.П. Пинкевич, С.Т. Шатский ва дигарон қобили қайд буда, чунин корҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст:

- пешниҳодҳо доир ба роҳандозии таълим таҳия карда шудааст, ки дар асоси он таълимгирандагон ба таври мустақилона захира кардани донишҳоро ёд мегиранд;

-методҳои ҳавасмандкунӣ «худфаъолиятии фикрӣ» дар рафти таълим кор карда шудаанд;

-кӯшиши дар доираи фардикунонии таълим ва ғайраҳо ҳал намудани масъалаи фаъолияти мустақилона низ ба ҷо оварда шудааст.

**Давраи сеюм.** Ин марҳила солҳои 1960-1980-ро фаро гирифта, нуқтаи назар нисбат ба фаъолияти мустақилонаи шахсият, ташаккул ва рушд меёбад. Асосан инро дар корҳои таҳқиқотчиён С. И. Архангелский, Л. И. Аристов, Ю. К. Бабанский, В. А. Беликов, Л. В. Вилкеев, Л. Г. Вяткин, Е. Я. Голант, М. А. Данилов, В. И. Загвязинский, И. Я. Ленер, М. Лутфуллоев, М. И.Махмутов, И. Т.Огородников, П. И. Пидкасистий, Н. А. Половникова, В. Г. Разумовский, Т.И. Шалавина, Т.И. Шамова, Ҷ. Шарифов, Г.И. Шукина ва дигарон бараъло ҳис намудан мумкин аст. Онҳо шомили мавориди зер мебошанд:

- дарку фаҳми кори мустақилона ба ҳайси сифати печида ва мураккаби инсон;
- муайян кардани маълумоти моҳиятан муҳимми фаъолияти мустақилиятнокии ҳамчун қисмати сохтори таълим (омӯзиш);
- мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додани сохтори кори мустақилона:
- мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додани аспектҳои таълимии ин масъала бо такя ба фанҳои мухталифи таълимӣ ва амсоли инҳо.

Зимни таҳлил ва ғавру баррасии он масоил мо ба хулосаҳои зерин расидем:

- ин ҷо ба сароҳат метавон гуфт, ки проблемаи кор ва ё фаъолияти мустақилона як муъзали муҳимми амалӣ дар тамоми масири зиндагии инсоният буда, ба ҳайси як ниҳоди иҷтимоӣ маҳсуб меёбад;
- дар қуруни кор ин навъи фаъолият, яъне кору фаъолияти мустақилонаро аз ҳар назар ба ҳайси шарти муҳимми шакл гирифтани дониш, маҳорат ва малакаҳои мухталиф, минҷумла малакаҳои касбӣ мепиндоштанд;

- ҳалли амалии масъалаи фаъолияти мустақилона бо бархе номувофиқиҳо бо вижагиҳои тазаккурии худи ҷарёни тарбиявӣ-таълимӣ баромад мекард, то чанд муддат қабл дар шаклгирии механизми ироаи дониш, маҳорат ва малакаҳои аз омӯзгор ба хонанда шомил буд.

Дар поёни қарни XX донишмандон ба ин масъала, яъне таҳқиқу баррасии фаъолияти мустақилона таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекардагӣ шуданд. Чун ҳаёт ва зиндагӣ як аслро барои ҳамагон бармало карда буд, ки мо ҳар чи зудтар ба инсон мустақилият диҳем, то худи ӯ дар танҳоӣ роҳи ҳалли масъаларо пайдо кунад, чунки инсони кӯшо ва мустақил дар зиндагӣ зудтар ба ҳадаф мерасад, бо фарқ аз инсоне, ки ҳамеша дар зери назорат ва шомили чаҳорчӯба ва қолабҳои тарбиявӣ қарор дорад. Зиндагӣ, маҷрои он, чархи он инсонро аз мураббии инсон беҳтару хубтар ва мутмаинтар тарбия мекунад. Мураббие бо номи зиндагӣ ҳеҷ гуна раҳму шафқатро намепазирад ва он шуморо тавассути воқеиятҳои сахту сангин тарбия мекунад. Аз ин рӯ, кору фаъолияти мустақилона ҳамеша дар мадди назари донишмандон қарор дошт ва онҳо пайваста дунболи роҳҳои асли пиёда ва татбиқ кардани он мегаштанд. Ба назари банда дар пайи ин руҷуъ мисраъҳои шеърии устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба мавқеъ мебошанд:

«Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд» [3, с. 248].

Андешаҳои ин мутафаккир, инсонро ба берун ба байни мардум ва издиҳоми зиндагӣ ҷалб менамояд, то касби таҷриба кунад ва хубро аз нохуб ва сараро аз носара фарқ карда тавонад. Чи қадар бузургони шеъри форсии тоҷикӣ ба ин маъниҳо шеърҳо офаридаанд ва ҳамаи он абёт перомуни зиндагӣ, ҳаёт ва чархаи он мечарханд, ки чӣ тавр инсонро тарбия кунем ва онро ба шоҳроҳи зиндагӣ ҳидоят кунем. Ҳоло пас аз

руҷуи иҷмолӣ ба асли матлаб баргашта, масоили мавриди хешро пайгирӣ мекунем.

Ҳоло марҳилаи чоруми он оғоз шудааст. Муҳтавои он назарияи амалкунанда ва тавсияҳои амалӣ бо нигоҳ доштани таҷрибаи мусбии ҳаллу фасли мушкилоти кори мустақилона бо дарназардошти дигаргуниҳое, ки дар ҷамъият ва соҳаи омӯзишу парвариш дар чанд даҳсолаи охир ба вуқуъ пайвастааст, иборат мебошад.

Ин ҷо бо каме иктифо ва таваҷҷуҳ бархе аз дигаргуниҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Агар ба дунёи феълӣ аз иртифои имрӯз чашм андозем, тасвирҳои аҷибу ғариб ва то андозае пешгӯйишавандаро мебинем. Чанд вақт қабл ҳам, мушаххас буд, ки зиндагӣ ба таври якнавохт дар як бастар ҳаракат нахоҳад кард, ӯ ба масобаи дарёе ҳар аз гоҳе тағйири маҷро мекунад ва ин тағйирот ва дигаргуниро мо ба ҳайси ҷараёни табиӣ бипазирем ва қабул кунем ва мутмаин бошем, ки ҳамин тавр аст, на таври дигар. Дунё дар масири ҳамгирой ва ба ҳам наздик шудани фарҳангу тамаддунҳо ва ғояҳои мухталиф, яъне омезиши шадид қарор дорад ва мо инро ба ҳайси маҷрои табиӣ бипазирем. Мо магар роҳи дигаре дорем, ба назари инҷониб роҳи дигаре вуҷуд надорад. Агар ба ин қазия амиқтар фурӯ равем, як чиз барои мо бармало мешавад, ки инсон бо тамоми бузургӣ ва имконоташ дар баробари феълу инфиолоти дунё оҷиз аст ва ба он ҳеҷ гуна таъсире карда наметавонад. Ин як асли бебаҳс аст ва онро боястӣ пазируфт роҳи фирор ва гурезе вуҷуд надорад. Ҷаҳон дар масири иттилоъгарой ҳаракат мекунад ва дар ин масир ба як ҷузъи том мубаддал гаштааст [151].

Чун оқибат вазифаи асосии МТМУ имрӯз дар хонандагон ташаккул додани шавқу рағбати маърифатӣ, равиявӣ ва касбӣ, фаъолияти мустақилона, рушд додани кӯшиш барои мустақилона дастрас ва бой гардонидани босалоҳиятнокии худ ва муносибати эҷодӣ ба ҳисоб меравад [182, с. 186].

Аз рӯйи баъзе баҳодиҳиҳо, пешравии ҳисоби миёнаи баландшавии донишҳои ҷадид дар дунё наздики 4-6%-ро ташкил медиҳад. Ин аст, ки дар низоми маорифи ҶТ дар мустақилиятсозии шахс инъикоси худро ба таври ҳамаҷониба ёфтааст.

Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» самтҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодии рушди маориф, принсипҳои танзим, идоракунӣ, ваколату самтҳои фаъолияти мақомоти онро муқаррар менамояд ва барои дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ оид ба соҳаи маориф заминаи ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад.

Яъне, дар мамлакат заминаҳои ҳуқуқӣ барои фаъолияти муназзами низоми маориф таҳия карда шудааст ва ин низом дар чаҳорчӯбаи қонун ва низомномаҳои фаъол кори худро ба роҳ мондааст. Ин баёнгари қонунмандии раванди корҳо дар дохили ин низом маҳсуб меёбад.

Консепсияи миллии маълумот (30-юми майи соли 2002) ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ маҳсуб ёфта, рушду тараққии давлатро барои давраҳои баъдӣ мушаххас намуда, низоми аҳамияти стратегидоштаро низ дар шароити муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба танзим медарорад. Аносири аслии муҳтавои ин мадрак мақом, ҳадаф ва вазоифи маълумотро дар маҳалаи ҷадиди таърихӣ мушаххас менамояд.

Дар Консепсия масъалаҳое, аз қабили дарки хеш ва таъриху тамаддуни хеш ва суннату оинҳои миллӣ ва варосат аз тамаддун ва фарҳанги ғанию бой, ки ниёгони пурифтихор ба мо ба мерос гузоштаанд, сухан меравад. Дар ҳақиқат моро лозим аст, ки на танҳо собит кунем, ки мо ворисони ин тамаддуни дар ҳақиқат бузургу оламшумулем, балки онро соҳибӣ карда идома доданамон лозим аст ва дар ин шолуда бунёди ганҷҳои нав лозим аст, чун воқеан тасбит гардад, ки мо метавонем ва ҳам соҳиб бошем ва ҳам ифтихор кунем аз ин тамаддуну фарҳанг. Бар пояи ин Конснсепсия эҷоди низоми сифатан ҷадиди таҳсилот бунёд гардад, ки муҳтавои он тарбияти инсони комил ва таҳияи шароити сифатан нави зиндагӣ барои ӯ ва бароварда сохтани ниёзҳои ӯ мебошад.

Агарчанде тайи муддати тулонӣ дар самти таҳсилот ва маълумот дигаргуниҳо ва ислоҳотҳои гуногун роҳандозӣ шуда бошад ҳам, мо бо итминони комил гуфта наметавонем, ки дар ин масир муваффақ шудем ва ба ҳадафи аслии хеш расидем. Мушкилот дар соҳа зиёд аст ва корҳои илмӣ-тадқиқотие, ки дар ин муддат ба анҷом расонида шудаанд, муваффақ ба ҳаллу фасли пурра ва комилии ин масоил нашудаанд ва аз ин рӯ дастандаркорон ва масъулини соҳаро лозим аст, ки равиш ва корро нисбат ба вазоифи хеш тағйир диҳанд, аз усул ва роҳу равишҳои нав кор гиранд ва корро тавре ба роҳ гузоранд, ки мунҷар ба натиҷаҳои ҳангуфт шавад ва боиси пешравӣ ва тараққии куллӣ дар худи соҳа ва соҳаҳои ҳамҷавор гардад. Ин кор ба назари мо барои ин экип мақдур аст, чунки рӯйи шолудаи муҳкам ва қавие саворем, ки барои иҷрои ин корҳо имкони фароҳам мекунад.

Бар асоси талаботи Консепсияи миллӣ таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ таҳкурсии аслии низоми иҷтимоию иқтисодии ҷомеа маҳсуб меёбад ва мизони босаводии миллатро мушаххас карда, дар кулл насли ҷавонро ба зиндагӣ омода мекунад.

Таҳсилоти ибтидоӣ бошад, (синфҳои I-IV) 4 сол идома ёфта, дар ин давра кӯдакон савод омӯхта, яъне хондану навиштанро ёд гирифта, дар бораи оламу одам аввалин маълумотро касб мекунанд, тасаввуроти одӣ дар бораи оламу одам ба кӯдакони хурдсол имкон медиҳанд, онҳо муносибати хешро нисбат ба одамон ва олами атроф дуруст ба роҳ монанд. Дар ин давра, яъне давраи таҳсилоти ибтидоӣ хеле муҳим аст, ки омӯзгорон олами рангини кӯдаконро рангинтар кунанд, онҳоро соҳиби савод намуда, ба зиндагӣ омода намоянд, бо кӯдакон меҳрубон бошанд, лутфу марҳаматро дареғ надоранд. Вақте кӯдакон таҳсилоти ибтидоиро ба итмом расонида ба зинаи болотар мебароянд, бояд донанд, ки зиндагии онҳо вориди марҳалаи ҷадид шудааст ва ин марҳала аз марҳалаи қаблӣ мураккабтар ва печидатар буда, ба он омодагӣ ва тайёрии ҷиддӣ гиранд. Дар хонандагон аз ин овон мустақилиятро талқин

карда омӯзондан лозим аст. Ин кори моро дар солҳои минбаъда ба маротиб осонтар мекунад ва ба мо дар масири тарбияи ХСБ суҳулату мозоёҳое эҷод мекунад. Хулласи калом, ба қавли бузургон ҳар чи қадар ин давра заҳмат ба харҷ диҳем, ба ҳамон андоза дар солҳои баъдӣ роҳат мекунем ва натиҷаҳои дилхоҳро ба даст меорем.

Маълумоти асосии умумӣ (синфҳои V-IX) ҷараёнест, ки бояд тавассути он хонанда мафҳумҳои «ман»-у «дунё»-ро фаҳмад, ба умқи онҳо фурӯ равад. ба тарви мустақилона дар масири ҳаллу фасли баъзе аз масоил тасмим гирад Болотар аз ҳама донад, ки ӯ кист ва чӣ мехоҳад, ба саволҳои аслӣ ва печидаи зиндагӣ ворид шавад ва як чизро барои худ мушаххас кунад ва нағз донад, ки ҳаёт, зиндагӣ масирҳои тахту ҳамвор нестанд ва онҳо фарозу нишебҳои зиёде доранд, ки онҳоро боястӣ паси сар кард. Чӣ қадар муҳим аст, дарки ин масоил барои ҳамагон на танҳо барои ХСБ. Охир, зиндагиро на ҳар кас ташкилу роҳандозӣ карда метавонад, на ҳар кас қобилияти дарку фаҳми онро дорад, инони онро ба дасти худ гирад ва бар он бо итминони комил савор шавад. Мо аз зиндагии инсонҳо бисёр медонем, ки чи қадар инсонҳо дар масиру ҷодаи зиндагӣ роҳгумзада пайроҳаи зиндагии хешро пайдо карда натавонистанд. Охир, ин шоҳроҳ ҳаму печҳо ва кӯчаю танкӯча ва паскӯчаҳои зиёд дорад ва на ҳамеша харитаи роҳ дар даст дорем, ки аз ин бубастҳо берун биёем. Ана ҳамин мактабу маориф моро ҳидоятгар мешавад, ана ҳамин омӯзгор аст, ки дар чунин маворид роҳбалади мо мебошад ва дасти моро мегирад, то мо дар шоҳроҳи зиндагӣ ба қуллаи мақсуд бирасем. Ӯ моро мустақилият меомӯзад, ӯ ба мо меомӯзад, ки мустақил бошем ва битавонем дар ҳолати бисёр ногувор ва мушкил аз он берун биоем. Ин давраест, ки мо кӯдаконро барои оянда омода мекунем ва гоҳан нисбат ба онҳо сахтгирӣ намуда, онҳоро барои иҷрои корҳои гуногун маҷбур мекунем, ҳатто имкон дорад, ҳарфҳои пасту баланд гӯем. Аммо ба назари мо ин иштибоҳ нест, чун мо муваффақияти онҳоро мехоҳем ва ҳамон тавре мегӯянд, дӯсти инсон ҳеҷ гоҳ бо инсон ҳарфи

дурӯғ намегӯяд, лекин воқеият чунин аст, ҳарфи рост гоҳан талх аст ва мо онро шунида намехоҳем, аммо дӯстамон онро аз мо пинҳон накарда, росташро ба мо мегӯяд ва он ҳарф барои мо гӯшхарош аст.

Мактаббачагон бояд аз касбҳо бохабар шаванд, забонҳоро омӯзанд худро аз ҳар назар омода кунанд, ба қавли Рӯдакии бузургвор барои худ ҷавшан бисозанд, то он муҳофизи онҳо дар ҳаёту зиндагӣ бошад.

«Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст» [3].

Пас аз таҳсили муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ давраи нави таҳсили кӯдакон, таҳсил дар мактаби олӣ оғоз меёбад. Аксари шогирдони МТМУ таҳсилро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои дарёфти касб пеша мекунанд. Ин зинаи нави таҳсил шомили вижагиҳои хеш аст, ки онро бояд кӯдакон дарк кунанд ва бипазиранд. Яъне мустақилияти бештар дар касби илм ва ҳунар ба ин давраи таҳсил хос аст. Мо бояд як нуктаро ба довталабоне, ки сазовори номи пуршарафи донишҷӯйӣ мешаванд, талқин кунем, ки ин давра ба мустақилияти ҳар чи бештари худ фарқ мекунад, кӯдак, бача, яъне ҳамон донишҷӯ бо ҳидояти омӯзгор ба мутолиаи мустақилона мепардозад ва дар ин ҷода ба навиштани ҳар гуна корҳои мустақилона даст зада, худро аз ҳар назар месанҷад ва мебинад, ки то чи андоза ӯ мустақил шудааст ва то чи андоза мақдур ба иҷрои супоришҳо дар танҳоӣ мебошад. Инҳо нуктаҳои аслӣ ва муҳимми давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ маҳсуб меёбанд.

КММ дар ҶТ дар қатори мақсаду вазифаҳои асосӣ ташаккули «малакаҳои худомӯзӣ, худамаликунии шахсият»-ро пеш мегузорад. Консепсияи амсиласозии таълим дар ҷумҳурӣ салоҳдиди калиди

мустақилиятиро пешниҳод мекунад, яъне ба қатори арзишҳо дохил менамояд.

Дархости ҷомеаи ҳозира, таҷрибаи омӯзгорони беҳтарин ва омӯзгорон нишон медиҳад, ки имрӯз на ин ки омӯхтани донишҳо, балки қобилияти эҷодии хонандагонро рушд додан лозим аст, ки дар инҳо зоҳир мегарданд:

-дар маҳорат истифодаи донишҳои азхуднамуда дар ҳама вазъият, аз он ҷумла мустақилона гузоштани вазифаҳо;

-дар ҷустуҷӯйи роҳу равишҳои ҷадиди ҳаллу фасли мушкилот;

- ахзи тасмими мустақилона дар ҳолатҳои гуногун, манзурамон ҳолатҳои табиӣ ва ғайритабиӣ ва амсоли инҳо.

Дар ҳоли ҳозир корро дар муассисаҳои таҳсилотӣ тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки дар замири хонандагон фаъолияти мустақилона рушд карда, онҳоро барои ахзи тасмимҳо дар ҳолати гуногун водор намояд. Яъне мустақил буданро боястӣ тарбия кард, мо бояд шогирдонро омӯзем ва омода кунем ва ба онҳо имкон диҳем, ки онҳо дар масири зиндагии хеш мустақил бошанд ва гоҳан дар тасмимҳои худ ба иштибоҳ роҳ диҳанд. Мусалам аст, ки инсон аз иштибоҳҳои содир кардаи худ меомӯзад ва тараққӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, мулоҳизаву баррасии мо нишон дод, ки дар ин масир, яъне мустақилияти шогирдон ва умуман корҳои мустақилонаи таълимгирандагон корҳои зиёда анҷом шуда ҳарфу ҳадисҳои зиёде гуфта шудааст. Аммо, сарфи назар аз ин, айни замон дар назария ва амалияи таълим ба ҳалли проблемаи фаъолияти мустақилонаи хонандагон бо назардошти талаботи дар боло номбаршудаи ҷомеа ва тамоюли таълим таваҷҷуҳи даркорӣ дода намешавад. Аз ин рӯ, ба ин масъала бо таваҷҷуҳ ба шароити феълӣ ва он вазъияте, ки пеш омадааст, бархӯрд кардан лозим аст. Яъне, бо такя ба равишҳои илмӣ ин масъаларо ба таҳқиқ ва татбиқ кашидан лозим аст. Худ ба худ ин масъала роҳи ҳалли худро пайдо намекунад, балки он таҳқиқ ва пажуҳиши амиқро аз дидгоҳи ҷадид

бо такя ба шароити феълӣ тақозо мекунад. Дар бораи асосҳои назариявии мустақилияти фаъолияти хонандагон дар фасли оянда гуфта мегузарем.

Дар зербоби мазкур мо тамоюлҳои муосир ва механизмҳои татбиқи фаъолияти мустақилонаи хонандагонро дар шароити рақамӣ дида баромада, маълум намудем, ки масъалаи ФМХ дар давраи ҳозира, яъне марҳилаи чорум, зарурати таҳияи назарияи амалкунанда ва тавсияҳои амалиро бо дарназардошти дигаргуниҳои ҷамъиятӣ ва соҳаи омӯзишу парвариш тақозо менамояд. Дар ин ҷо ба тағйироти ҷаҳонӣ, аз ҷумла раванди иттилоотонӣ (глобализатсияи иттилоотӣ), ҳамчун як омили табиӣ ва ногузир ишора гардидааст. Ин тағйирот талаботи ҷомеаро ба шахсият дигаргун сохта, диққатро на танҳо ба омӯхтани донишҳо, рушди қобилияти эҷодӣ ва худмуайянкунӣ дониста, балки фаъолияти мустақилонаро масъалаи муҳим арзёбӣ мекунад.

Дар замони муосир раванди тағйироти глобалӣ ва ҳуқуқӣ дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ инъикос ёфтаанд. Мундариҷа ва усулҳои ташаккулёбии ФМХ дар МТМУ ба таври куллӣ тағйир дода ёфтаистодааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи муосири ФМХ бояд бар ду рукни асосӣ: амсилаи салоҳиятнокӣ ва технологияҳои рақамӣ асос ёбанд. Дар замони муосир, фаъолияти мустақилона на танҳо ҳамчун як усули таълимӣ, балки ҳамчун салоҳияти калидӣ дар сохтори маълумоти хонанда дида мешавад. Ин салоҳиятҳоро метавон ба таври зерин тасниф кард:

- Салоҳияти маърифатӣ-мустақилона (худтанзимкунанда). Қобилияти хонанда барои мустақилона банақшагирӣ ва назорат кардани раванди омӯзиши худ. Қобилияти мазкур барои муайян кардани ҳадафи таълимӣ, интихоби захираҳои дахлдор, таҳияи ҷадвали омӯзишӣ ва баҳодиҳии интиқодии натиҷаҳои бадастомада ифода меёбад. Ин масъала ба “худомӯзӣ” ва “худамаликунии шахсият” водор кардани муҳассилинро тақозо мекунад;

- Салоҳияти тадқиқотӣ-эҷодӣ. Ҷанбаи мазкур хонандаро барои "ҷустуҷӯйи роҳу равишҳои ҷадиди ҳаллу фасли мушкилот" ва "мустақилона гузоштани вазифаҳо" омода месозад. Дар раванди амалигардонии фаъолиятҳои инфиродӣ, гузаронидани таҳқиқоти хурд ва таҷрибаҳо зоҳир мегардад, ки дар натиҷа хонанда аз истеъмолкунандаи дониш ба эҷодкунандаи он табдил меёбад;

- Салоҳияти иҷтимоӣ-коммуникатсионӣ. Мустақилият дар шароити рақамӣ маънои танҳоиро надошта, қобилияти коркарди иттилоот ва ҳамкорӣ дар муҳитҳои маҷозиро талаб мекунад. Хонанда бояд донад, ки чӣ гуна аз манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ (пойгоҳҳои додаҳо, китобхонаҳои электронӣ) дуруст истифода барад ва чӣ гуна дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ (аз ҷумла, бо истифода аз абзорҳои муштараки онлайнӣ) саҳм гузорад.

Дар заминаи иттилоотонӣ ва рақамикунонии маориф, технологияҳои иттилоотӣ ба абзори асосии ташаккули ФМХ табдил ёфтаанд. Ҳалли масъалаи мустақилият дар шароити имрӯза бидуни истифодаи фарогири ин технологияҳо ғайриимкон мебошад. Дар раванди таълим дар МТМУ барои ФМХ имконияти зеринро фароҳам офардан лозим аст:

- истифодаи низомҳои идоракунии омӯзиш, ба монанди Moodle, Google Classroom ва ғайра, ки ба хонанда имкон медиҳад, ки мустақилияти вақт ва маконро ба даст орад. Дар ин платформаҳо, хонанда метавонад супоришҳоро иҷро кунад, маводи иловагиро омӯзад, супоришҳоро дар муҳлати муайяншуда супорад ва дар натиҷа маҳорати худтанзимкуниро инкишоф диҳад;

- дастрасӣ ба маводи таълимии кушода (китобҳои электронӣ, курсҳои онлайнӣ, видеодарсҳо) хонандаро водор месозад, ки мустақилона захираҳои зарурированию ҷустуҷӯ карда, дониши худро аз доираи маводи дар синф пешниҳодшуда васеъ намояд;

- технологияҳои муосир ба монанди ҷадвалҳои электронӣ (Excel) ва нармафзорҳо имкон медиҳанд, ки хонанда натиҷаҳои кори мустақилонаи худро ба таври муассир таҳлил ва муаррифӣ намояд.

Аз ин рӯ, дар марҳилаи ниҳоии рушди масъалаи фаъолияти мустақилона диққати асосӣ бояд ба интегратсияи низоми технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим дода шавад. Ҳадаф аз ин, на танҳо бо дониш мусаллаҳ намудани хонанда, балки тарбияи шахсияти комил, мустақил ва қобилияти гирифтани тасмими дуруст дар шароити номуайянии ҷаҳони муосир мебошад.

Асосҳои назариявӣ-методӣ ва низоми идоракунии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар МТМУ-и замони муосир на танҳо мақсад, балки воситаи калидии таъмини сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин ҳам коркарди ин масъала таҳлили амиқи масъалаҳои педагогиеро талаб мекунад, ки иҷрои ин вазифаро таъмин карда тавонанд. Асоси назариявӣ-методӣ барои амалисозии ФМХ-ро усулҳо ва дидгоҳҳои зерин ташкил медиҳанд:

- фаъолиятнокӣ, ки дар таҳқиқоти олимони маъруф (масалан, А. Н. Леонтев, П. Я. Гальперин) баррасӣ гардиданд. Онҳо бар он назаранд, ки донишҳои хонанда на танҳо тавассути шунидани лексия, балки дар ҷараёни фаъолияти мустақил ва фаъол ба даст оварда мешаванд. Фаъолияти мустақилона дар ин чаҳорчӯба як низоми амалҳоро дар бар мегирад, ки хонанда онро бо иродаи худ ва зери назорати худ анҷом медиҳад;

- ҳавасмандкунӣ, агар фаъолият бо таваҷҷуҳ ва эҳтиёҷоти хонанда алоқаманд набошад, мустақилият дар он пайдо намешавад. Аз ин рӯ, вазифаҳои мустақилона бояд ҳаётӣ ва ба соҳаи касбии ояндаи хонанда наздик интихоб карда шаванд;

- ташкили корҳое, ки хонандаро барои азхудкунии навъҳои гуногуни донишҳо (назариявӣ, амалӣ, методӣ) ва ҳалли масъала водор месозад;

- назорат ва худбаҳодиҳӣ муҳимтарин ҷузъи мустақилият аст. Хонанда бояд на танҳо вазифаро иҷро кунад, балки низоми баҳодиҳии худро таҳия карда, мунтазам хатоҳояшро муайян ва ислоҳ кунад.

Барои хонандагони мактаб, ин масъала тавассути татбиқи усули лоиҳавӣ ва машғулиятҳои таҳқиқотӣ амалӣ мегардад, ки дар онҳо хонанда аз муайян кардани мавзуъ то муаррифии натиҷаҳо мустақилона кор мекунад.

Дар асоси Консепсияи миллии маориф дар ҶТ, ки ҳадафи он ташаккули инсони комил мебошад, фардикунонии таълим ва равиши салоҳиятнокӣ бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар шароити муосир, инсони комил шахсест, ки салоҳиятҳои калидӣ дошта, қобилияти худмуайянкунӣ ва ташаккули роҳи инфиродии худро дорад. Бинобар ин, фаъолияти мустақилонаи хонандагон бояд бо масъалаи фардикунонии таълим ва равиши салоҳиятнокӣ ба роҳ монда шавад.

Фардикунонии раванди таълим мазмун, ҳаҷм ва усулҳои иҷрои кори мустақилонаро бо хусусиятҳои инфиродӣ, саъю кӯшиш ва сатҳи омодагии ҳар як хонанда мувофиқат кунад. Ин имкон медиҳад, ки хонандагони сустхон ба сатҳи зарурии мустақилият бирасанд ва хонандагони фаъол вазифаҳои эҷодӣ ва таҳқиқотии мураккабтарро иҷро карда тавонанд.

Фаъолияти мустақилона бояд на ба миқдори кори иҷрошуда, балки ба сифати ташаккули салоҳиятҳои калидӣ аз ҷумла, салоҳияти ҳалли мушкилот, салоҳияти таҳқиқотӣ ва салоҳияти рақамӣ равона карда шавад. Ҳар як супориши мустақилона бояд мақсади мушаххаси ташаккули салоҳиятиро дошта бошад.

Дар тӯли таърих ҳалли амалии масъалаи ФМХ бо “бархе номувофиқиҳо” дар ҷараёни тарбиявӣ-таълимӣ дучор мешуд. Дар даврони рақамӣ, омӯзгор набояд мустақилияти хонандаро тавассути назорати сахт маҳдуд кунад, балки роҳнамо ва мушовири ӯ дар ин

фаъолият бошад. Меъёрҳои асосии идоракуниро дар замони муосир ба қисматҳои зерин ҷудо мекунанд:

1. Усулҳои муосири ташкили кори мустақилона:

- технологияи модулӣ-салоҳиятнокӣ, ин технология ба ташкили ҷараёни таълим дар асоси модулҳо такя карда, ба ташаккули як ё якчанд салоҳияти мушаххас нигаронида шудаанд. Кори мустақилона дар дохили ҳар модул ба хонанда имкон медиҳад, ки дониш ва малакаи худро дар як самти маҳдуд ва бо назорати доимии натиҷаҳо тақвият бахшад;

- технологияи масофавӣ (онлайн), ин технология аслан дар асоси платформаҳои таълимӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо мавод дода шавад, балки сатҳи омӯхташудани он ҳам санҷида шавад. Омӯзгор метавонад фаъолияти ҳар як хонандаро ба таври худкор пайгирӣ карда, дар ҳолати лозимӣ дахолати саривақтӣ анҷом диҳад;

- истифодаи ҳолатҳои амалӣ, ба хонандагон супоридани вазифаҳое, ки ҳалли мушкилоти воқеии касбиро талаб мекунанд, сатҳи мустақилияти тасмимгирии онҳоро рушд медиҳад. Хонанда бояд мустақилона манбаъҳоро ҷустуҷӯ кунад, вазъиятро таҳлил намояд ва қарори асоснок қабул кунад, ки ин ба талаботи муосири меҳнат мебошад.

2. Аҳамияти омӯзгор ба ҳайси “роҳнамо”:

- устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қайд кардааст: “Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир”. Аз ин назар, ҳаёт ва таҷрибаи зиндагӣ омӯзгори беҳтарин аст. Вазифаи омӯзгори муосир назорат ё маҳдуд кардани ин раванд нест, балки ҳидоят ва пуштибонӣ мебошад;

- омӯзгор бояд на дониш, балки роҳҳои ба даст овардани донишро омӯзонад, нишон диҳад, ки чӣ тавр захираҳои дурустро интихоб карда, таҳлили интиқодӣ анҷом дода, хулосабарорӣ кунад.

Мусалам аст, ки инсон аз иштибоҳҳои содир кардааш меомӯзад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд фазои эҷодиеро фароҳам оварад, ки дар он

хонанда аз қабули қарорҳои мустақилона тарс надошта бошад, ҳатто дар сурате, ки онҳо нодуруст ҳам бошанд.

Маълум гардид, ки таҳқиқи фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар шароити имрӯза тақозои онро дорад, ки ин масъала аз дидгоҳи интегратсияи фаъолиятнокӣ бо технологияҳои рақамӣ мавриди омӯзиш қарор гирад, то ин ки фарди мустақил, босалоҳият ва қобилиятнок тарбия карда шавад.

## ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ

Дар педагогикаи миллӣ ҷараёни фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон собиқаи тулонӣ дорад, яъне ин ҷараён дар ин масир возеҳ ҳам набошад, аммо ба чашм мерасад. Донишмандони риштаҳои гуногун дар фаъолияти илмию амалии хеш истифода менамуданд. Аммо ФФМ-и таълимгирандагон фақат дар замони муосир ҷалбу пояи комилан илмӣ ва асоснок кардашуда касб намудааст.

1. Кишвари азизи мо - Тоҷикистони соҳибистиқлол ба марҳалаи рушди нави хеш ворид гардидааст бо итминон ва боварии комил гуфта метавонем, ки дар зери роҳбарии хирадмандона ва маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қуллаҳои баланди тараққии худ расида тамоми мавонеъ ва садҳои мавҷударо паси сар хоҳад кард.

2. Донишманди маъруфи педагогика Я.А. Коменский ҷараёни рушду тараққии шахсиятро дар асоси принсипҳои аёният, низомнокӣ, дастрас ва пайдарпай ба воситаи фаҳмиши мустақилонаи хонанда ва муҳити зист дида баромадааст. Ӯ чунин менигорад, ки омӯзиш ҷиҳати рушду тараққии шахсияти насли ҷавон кумак мерасонад, тасаввуроти онҳоро дар бораи оламе, ки моро иҳота намудааст, тавсеа мебахшад, нутқашонро ғанӣ ва пурмазмун мегардонад, насли наврасро ба

истифодаи амалии донишҳо ва маҳорати азхуднамударо дар ҳаёти мустақилона тақвият мебахшад.

3. Педагоги чехӣ Я.А. Коменский таълиму тарбияро ҷараёни хеле мураккаб ва мушкил меҳисобид, ки аз ҳар ду ҷониб ҳам ҷониби омӯзгор ва ҳам аз ҷониби таълимгиранда талошу кӯшиши беҳаду андозаро талаб мекунад. Дар ҷараёни таълим ба андешаи ӯ бояд омӯзгор ҳамаҷониба омодагӣ бигирад ва таълимгиранда низ боястӣ хоҳиши хондан ва таълим гирифтан дошта бошад. Он вақт ин ду ҷониб ба натиҷае мерасанд.

4. Консепсияи миллии маълумот дар ҶТ дар қатори мақсаду вазифаҳои асосӣ ташаккули «малакаҳои худомӯзӣ, худамаликунии шахсият»-ро пеш мегузорад. Консепсияи амсиласозии таълим дар ҷумҳурӣ салоҳдиди калиди мустақилиятиро пешниҳод мекунад, яъне ба қатори арзишҳо дохил менамояд.

5. Дархости ҷомеаи ҳозира, таҷрибаи омӯзгорони беҳтарин нишон медиҳад, ки имрӯз на ин ки омӯхтани донишҳо, балки қобилияти эҷодии хонандагонро рушд додан лозим аст

6. Таҳлилу баррасиҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи кору фаъолияти мустақилиятнокии фард дар ҳамаи давраҳои таърихи инсоният муҳим ва асосӣ маҳсуб меёфт: омӯзиш ва баррасии онро ба чанде аз давраҳо тасниф кардан мумкин аст: қабл аз ҳама, таҳқиқи пояи илмии мустақилиятнокии шахсият дар фаҳмиш (қарни IV то э.н.-қарни XVI э.н.); давраи гирдоварии маводи эмперикӣ (таҷрибавӣ) доир ба маърифати мустақилиятнокии шахсият (қарни XVII-миёнаи қарни XX); давраи шаклгирии назароти назариявии классикӣ ба фаъолияти мустақилиятнокии шахсият (солҳои 1960-1980); давраи дарку фаҳм ва ҳаллу фасли масъалаҳои фаъолияти мустақилонаи шахсият дар шароити иҷтимоӣ-иқтисодии ҷадиди солҳои 1990 то кунун).

7. Дар қарнҳои гузашта фаъолияти мустақилона аз сӯйи муҳаққиқони зиёд ҳамчун шароити дар таълимгирандагон ташаккул ёфтани дониш, маҳорат ва малакаҳои мухталиф, минҷумла касбӣ дида

баромада мешавад. Аммо ҳаллу фаслу амалии мушкилоти фаъолияти мустақилона хеле вақт нисбат ба вижагиҳои репродуктивии хеш ба чараёни омӯзишу парвариши таълимӣ зиддият менамуд, ки асосан роҳандозӣ ва наҳваи ироаи дониш, маҳорат ва малакаҳо аз омӯзгор ба таълимгирандагон иборат буд.

8. Давраи ҳозира дар омӯзиши фаъолияти мустақилона ба ҳайси зарурати кор кардани ҳолати назариявии амал ва тавсияҳои амалӣ чиҳати ҳаллу фасли проблема, бо нигоҳдории тачрибаи мусбии насли гузаштаи омӯзгорон ва ба ҳисоб гирифтани тағйироте, ки дар чомеа ва таълим дар даҳсолаҳои охир мегузаранд, баррасӣ мешавад.

# БОБИ II. ҶАНБАҲОИ МЕТОДИИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ КОРҲОИ ТАЪЛИМӢ - ТАРБИЯВӢ

## 2.1.Асосҳои методии ташкил намудани алоқамандии муносибатҳои муҳим нисбат ба сохтор ва давраҳои ташаккулёбии фаъолияти мустақилонаи хонандагон

Кори мустақилонаи хонандагон боиси рушди малакаю маҳорати маърифатии онҳо мегардад. Аз ин рӯ ҷиҳати фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни корҳои таълимӣ–тарбиявӣ ҷанбаҳои методии он хеле муҳим мебошад. Ҷанбаҳои методии ФФМ-и хонандагон ба асосҳои илмии педагогика такя намуда, боиси ба бор овардани муносиб дар ҷараёни корҳои мазкур хоҳад гашт.

Фанни педагогика ба тарзи муназзам барои роҳандозии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон аҳаммияти махсус медиҳад. Омӯзиши нуқтаю назари гуногун дар бораи мафҳуми «фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон» нишон дод, ки таърифи ин мафҳум-маънои муайян кардани таносуби он паҳлуи муносибатҳои гуногуни шахсро дорад: муҳтавои он, ҳадафи он дар зиндагӣ, ояндаи ҳаёт аст. Ин масъалаҳо меҳвар ва маънои ҳамаи фаъолиятро ташкил медиҳанд. Зимни бозкушоии муҳтавои мустақилияти шахс, ҳамеша аз маҳалли аниқу дақиқи таърихӣ барои инсон ҷонибҳои ҷадид ифтитоҳ мегардад, ки дар улуми гуногун аз қабили фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ бартарӣ дорад. Масъалаи инсон ва мавқеи он дар ҷомеа ва раҳоварди ӯ нисбат ба масоили гуногуни зиндагӣ мавзуи баҳси илмҳои мухталифи инсонгаро буд, ҳар кадоме аз он илмҳо вобаста ба имконот ва зарфияту мавзуи хеш яке аз паҳлуҳои он мавзуъро кушодаанд ва матраҳ кардаанд.

Тавре маълум аст, дар низоми мафҳумҳо, ки хосияти хоси объект ва мазмуни соҳаи фанни ҳамаи илмҳоро инъикос менамоянд, яке аз шаклҳои асосии низоми донишҳои илмӣ, аломати тасдиққунандаю ҳаматарафа асоснок ба таври низомавӣ ҷойдошта мебошанд. Дар бисёр ҳолатҳо як қатор мафҳумҳо ба сифати синоним истифода шуда, худи ин мафҳумҳо ҳеҷ хел шарҳи қаноатбахшро намебинанд.

Бетаваҷҷуҳӣ ё ин ки беаҳаммиятӣ нисбат ба таҳлили аниқи тасаввурот дар бораи мустақилияти фаъолияти хонандагон мунҷар ба он мешавад, ки ҳатто дар адабиёти илмӣ номувофиқиҳо дар маъно, таърифот, муайян кардани мафҳумҳои асосӣ, ки ба проблемаи мустақилияти маърифатӣ дахл доранд, мушоҳида мешавад. Ин санаду рақамҳо дуруст аст, ки барои комилан фаҳмидани масъалаи мустақилият аз тарафи омӯзгорон ва мустақилияти фаъолияти таълимгирандагон монеа эҷод мекунанд.

Масоилро омӯхта, онҳоро ба низом даровардем.

Ҷадвали 1.

**Алоқамандии муносибатҳои муҳимми методологие, ки дар рафти таҳқиқоти фаъолияти мустақили хонандагону ҷавонон истифода мешаванд.**




Қабл аз ҳама, мо кӯшиш ба харҷ хоҳем дод, маъно ва мафҳуми мустақилиятро шарҳу таҳлил намоем. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки мустақилият хусусияте аст, ки зимни дарк ва фаҳми муҳтавои матлаб

ошкор мегардад. Масалан, С.Л. Рубинштейн менависад: «Мустақилияти инсон, дар ягон доираи ҳаёт ошкор мегардад, шахсияти пурра дар ягонагии маънавӣ, эҳсосотӣ ва тарафҳои иродавӣ инъикоси худро меёбад» [134, с. 74].

Дар луғати педагогӣ дар бораи мустақилият чунин омадааст: «Яке аз хосиятҳои шахсият мебошад, якум - маҷмуи воситаҳо: дониш, маҳорат ва малакае, ки шахсият дорои он аст; дуюм - муносибати шахсият дар раванди фаъолият, ба амалбарории натиҷаҳо ва шароитҳои онҳо, инчунин дар раванди фаъолият пайдо шудани алоқаҳо бо дигар одамон маълумот дода мешавад» [97, с. 211].

Мустақилият ба ҳайси хосияти шахсият дар шаклҳои гуногун ошкор мегардад:

-худмуайянкунӣ;

-худмонандкунӣ;

-худомӯзӣ;

-худтарбиякунӣ;

-худмуайянкунӣ;

-худшиносӣ;

-худназоратӣ ва амсоли инҳо.

Пас, мустақилият яке аз хосиятҳои муҳимми инсон ҳамчун шахсият ва ҳамчун субъекти фаъолият аст. Онро метавон ҳамчун хосияти шахсият, қобилият ва нишондоди фаъол гаштани шахс ва меъёри пухтарасӣ дар амалияи иҷтимоии соҳаҳои гуногун муаррифӣ намуд.

Дар доираи ин таҳқиқот мо мустақилиятро ҳамчун меҳвари (тири) хосияти шахсият, инъикоскунандаи қобилияти озодамалкунанда ва дар асоси арзишҳо интихоб намуда, аз таъсиррасониҳои гурӯҳӣ новобаста будан дида мебароем.

Мустақилияти шахсият-гуногунақидагӣ ва гуногунҷанбагии таълим аст. Яке аз ошкоршавиҳо намуди мустақилияти шахсияти фаъолияти мустақилона мебошад. Зимни баррасӣ ва омӯзиши андешаҳои мухталиф

ва гуногуни ҷойдошта перомуни фаъолияти мустақилона мо ба чунин натиҷаҳо расидем, ки ин мафҳум, яъне фаъолияти мустақилонаро боястӣ аз ду ҷиҳат мавриди омӯзиш қарор дод.

-аввал, ба ҳайси сифати шахсият, инъикоскунандаи муносибати инсон ба дарки ҷараёни фаъолияти маърифатӣ, натиҷа ва шароити татбиқи он, инчунин имкониятҳои татбиқи фаъолияти маърифатӣ нисбатан новобаста сарфи назар аз таъсироти беруна;

-дуюм, маълумот дар бораи фаъолияти мустақилона идора кардани ҷараёни инсон, фаъолияти худ дар сатҳи мухталиф татбиқи он (аз азнавҳосилкунӣ то эҷодиёт).

Асос барои таҳқиқоти мо ҳолати дар алоқамандӣ рушд ёфтани шахсият ва фаъолият дар шароити иҷтимоӣ-мадании муайян мебошад. Дар ин ҷо ҳар як давра шомили вижагиҳои махсуси рушди худ мебошад. Яке аз донишмандони соҳа А.Н. Леонтев чунин менависад: «Фаъолияти пешбаранда ин фаъолиятест, ки рушди он дар асоси тағйироти муҳим дар равандҳои руҳӣ ва хусусиятҳои хосси психологии шахс дар ин давраи рушд ба амал меояд» [92, с. 66].

Улуми педагогӣ барои таълимгирандагон чунин самтҳои фаъолиятро пешниҳод намудааст:

-таълимӣ;

-маърифатӣ;

-таълимӣ-касбӣ.

Вақте мо ин мафҳумҳои дар болозикршударо ба риштаи таҳқиқ мекашем, барои мо бармало мешавад, ки ин мафҳумҳо дорои хусусиятҳои умумӣ ва фарққунанда мебошанд.

Фаъолияти таълимиро мо ҳамчун фаъолияти хонандагон, ки ба аз худ намудани салоҳдиди (кордонии) гуногун, рушди қобилияти маърифатӣ ва ташаккули ҷаҳонбинӣ равона карда шудаанд, мефаҳмем. Зимни таълим таълимгиранда дар барбари аз худ кардани донишҳо аз фанҳои муайян, инчунин ҳамчун шахсият ва инсони комил тарбия меёбад

ва тарбияро дар чунин ҳолат аз таълим ҷудо кардан номумкин. Мафҳуми «фаъолияти таълимӣ» нисбат ба мафҳуми «омӯзиш» васеъ буда, аз рӯйи мазмун баррасӣ карда мешавад, чунки ҳамзамон фаъолияти таълимдиҳанда фаъолияти таълимгирандаро низ дар бар мегирад.

Таълим шомили мавридҳои зерин мебошад:

- аз ҷониби таълимгирандагон аз бар намудани қобилиятҳои кордонӣ;

-ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, ахлоқӣ, идеявӣ-сиёсӣ, сифати эстетикии хонандагон;

-муайян ва рушди имконоти воқеии таълигирандагон;

-ҷалби таълимгирандагон ба фаъолияти ҷустуҷӯйӣ ва эҷодӣ [167, с. 42].

Фаъолияти маърифатӣ-баҳамтаъсиркунии фаъоли инсон бо муҳити зисте, ки барои қонеъ гардонидани талаботи фаъолияти он равона карда шудааст. Он заминаи асосӣ барои аз худ намудани таҷрибаи муваффақиятноки иҷтимоӣ, яъне татбиқи фаъолияти таълимӣ мебошад [78, с. 173].

Дар улуми педагогӣ фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон ба ҳайси равиши аслии ташаккули фаъолияти мустақилона марвиди баррасӣ қарор дода мешавад. Паҳлуҳои гуногуни ин масъала дар корҳои С.И. Архангелский, Б.П.Есипов, В.И. Загвязинский, Н.В. Кузмина, Р.А.Низамов, И.Пидкасистий, А.В.Усова, Ҷ.Шарифов ва дигарон инъикоси худро ёфтааст [11; 58; 59; 86; 105; 119; 151].

Онҳо ҳисоб менамоянд, ки фаъолияти эҷодии маърифатӣ дар ҳолати набудани намуна ва тарзи ҳал пайдо мешаванд. Таълимгирандагон маҷбуранд, ки худашон роҳҳои аз худ кардани донишҳоро мустақилона ҷустуҷӯ намоянд [92, с. 164].

Муҳаққиқин бар ин андешаанд, ки боястӣ шароити педагогӣ ҷиҳати ташаккули фаъолияти мустақилона таҳия карда шавад. Аксари

муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки он шарти аслии масъала маҳсуб меёбад:

- ташаккули ҳавасмандии хонандагон (Л.И.Божович, Г.И. Шукина ва дигарон) [34, с. 206];

- истифода бурдани шакл ва методҳои фаъоли таълим (Т.К. Аханян, В.В. Сериков, Г.Я. Шишмаренкова ва дигарон) [16; 131; 165 ва дигарон].

- таълими модулӣ (И.Б.Сенновский, П.И.Третяков, А.А. Чешков ва дигарон) [142; 163; 164 ва дигарон];

- роҳандозии кори мустақилона, муҳтавои он дар ҷараёни фаъолияти таълимгирандагон вижагии азнавҳосилшавӣ ва эҷодӣ доранд (Б.П.Есипов, П.И.Пидкасистий, Н.А. Половникова, Т.И.Шамова ва диг.) [185; 113; 124; 164 ва диг.];

- истифодаи нақшаҳои ҷамъбастӣ (В.А.Беликов, Г. Границкая, А.С. Усова ва диг.) [21; 46; 144 ва диг.].

- асосҳои дидактикии ташаккули малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯйён дар ҷараёни таълим (Ҷ. Шарифов).

Дар ҳамаи корҳои илмӣ омадааст, ки ташаккулёбии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар фаъолияти таълим шароити пешакии ошкоршавии он дар дигар намудҳои фаъолият мебошад, на фақат дар онҳое, ки хонандагон дар айни ҳол таълим мегиранд, балки онҳое, ки он дар оянда ба амал баровардa мешаванд.

Аз ин рӯ, дар соҳаи таҳқиқоти назариявӣ мо гуфта метавонем, ки дар илми педагогика нуқтаи назари ягонаи аз тарафи умум эътирофшуда зимни мавриди баррасӣ қарор додани проблемаи фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон мавҷуд нест. То замони ҳозира дар илми тоҷик оид ба масъалаи ба низом даровардани маводи гуногуни эмперикӣ, ки ба фаъолияти мустақилона бахшида шудаанд, диққати асосӣ дода нашудааст. Мо кӯшиш менамоем, ки таҷрибаи таҳқиқотчиёни

гузаштаро аз рӯйи муносибати методологӣ ба сифати пешбаранда қабул намоем ва онро ба таври муфассал дида бароем.

Сохтори фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 2. **Сохтори фаъолияти мустақилонаи хонандагон.**




1. Қисмати ақлии (маънавии) фаъолияти мустақилона сифатҳои ақлии раванди маърифатӣ, амалиёти фикрронӣ, салоҳдидро дар бар мегирад, ки таълимгирандагон мақсаднок ва натиҷанок фаъолияти мустақилона мебаранд.

Дар зери мафҳуми салоҳдид қобилияти то чӣ андоза хонанда дониш ва маҳоратро самаранок дар асоси таҷрибаи ҳаётӣ барои ҳалли вазифаҳои муайян истифода мебарад, фаҳмида мешавад [22]. Онро хонандагон дар раванди фаъолияти таълимӣ ва ғайритаълимӣ ҳосил мекунанд ва қисмати муайяни таҷрибаи ҳамаи инсоният оид ба дигаргунсозии табиат мебошанд. Ин салоҳдидро хонандагон барои иҷро намудани амалҳои гуногуни маърифатӣ истифода мебаранд. Онҳо дар тафаккури одам ҷой гирифта, ҳамчун заминаи муваффақиятнок гузаштани он хизмат менамоянд. Яъне дониш дар амалиёти фаъолияти

мустақил вазифаҳои муҳимро иҷро намуда, аломати зарурии худи равандро дарк кардан мебошад.

2. Қисмати бедоркунандаи эҳсосот паҳлуҳои ваҷҳнокӣ, иродавӣ ва эҳсосотии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро дар бар мегирад. Онҳо фикр, ҳиссиёт, ирода барои азхудкунии донишҳо, бедор кардани қувваю ғайрати худ хизмат менамояд [124, с. 45]. Ба сифати сабаби асосӣ мо якчанд мотивҳои фаъолиятиро мушоҳида намудем ва онҳоро вобаста ба самти фаъолияти таълимӣ- маърифатӣ тасниф менамоем:

-ваҷҳҳои таълимӣ-фаъолиятие, ки ба азхуд намудани тарзу усули фаъолияти маърифатӣ равона мебошанд;

-ваҷҳҳои худомӯзӣ, ки ба такмил додани ин тарзу усул равона карда шудаанд.

Боястӣ таълимгирандагон ба як кори бисёр муҳим омода бошанд, яъне онҳо бояд ба он тайёр бошанд, ки ба таври мустақилона бидуни кумаке ба аз худ кардани босалоҳиятҳои нав камари ҳиммат бубанданд, дар ин ҷода онҳо аз ҳар назар омода бошанд ва омодагии хешро дар ин масир нишон диҳанд.

Дар ҳамаи корҳо ба инсон, шахс ирода кумак мерасонад. Аз ин рӯ, шахс бояд иродаи худро мустаҳкам кунад ва барои иродаи қавӣ доштан онро тарбият кардан лозим аст. Яъне аз корҳои хурду реза гирифта, то корҳои бузург иродаро тақвият кардан лозим аст.

Нуқтаи назари эҳсосотии фаъолияти мустақилона, ки дар амалиёти фаъолияти ҳамроҳикунандаи хонандагон буда метавонанд онҳоро ҳавасманд намоянд ё ин ки боз доранд, иборат аст. Ин шароит ба кадом роҳ ба талабот ва ба ҳавасмандӣ алоқаманд будани шахсиятро муайян менамояд.

Фаъолияти мустақилона дар ҳамон ҳолат ҳосил меорад, ки онҳо дар ҳолати эҳсосот қарор дошта бошанд, агар омӯзгор тавонад талаботро бо меҳрубонӣ дар якҷоягӣ истифода намояд. Ин вазъро психологҳо чунин ташреҳ мекунанд: он андеша ва ақоид ба муддати

дароз ва пурра аз эҳсосоти мусбӣ бой гардида, ба ваҷҳи мустақил табдил мегардад. Аммо гуфтугӯ ба таври хуб сурат нагирад ва он хафагӣ биоварад он вақт он мунҷар ба натоиҷи ғайримусбӣ мегардад.

Хулласи калом, ваҷҳнокӣ, эҳсосотӣ ва иродавии шахсият дар як доир ба якдигар зич алоқаманд мебошанд. Иродаи инсон дар кору амалу ӯ ошкор мегардад. Мавҷудияти муборизаи байни онҳо қонунияти муҳимми ҷараёни иродавиро ташкил менамояд. Ирода ва ваҷҳҳо якдигарро пурра менамоянд. Бинобар ин, ҳамаи нуқтаи назари фаъолияти мустақилонаро мо дар як қисмат бедоркунии эҳсосотӣ якҷоя намудем.

Алоқамандии қисматҳои мустақилияти маърифатӣ дар фаъолияти таълимӣ-фаъолиятии хонандагон равшан маълум аст. Ба таври нақшавӣ алоқамандии қисматҳои мустақилияти фаъолияти хонандагон дар ҷадвали 3 нишон дода шудааст. Ҳар як қисмат дар фаъолияти хонандагон вазифаи муайянро иҷро мекунанд. Қисмати эҳсосотӣ-бедоркунанда хонандагонро ба азхуд намудани донишҳо, роҳҳои фаъолияти мустақилона ва ҳавасмандии иродавиро барои бартараф намудани мушкилиҳои маърифатӣ бедор менамояд. Он барои ба охир расонидани фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ равона мебошад, ки азхудкунии дониш ва маҳоратро таъмин мекунад.

Мақсади асосии таълим бо ташаккулёбии шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта равона карда шудааст. Он вақт метавонем дар бораи шахс ҳамчун шахси мустақилона ташаккулёфта ҳарф бизанем, ки зимни таълим ва тардрис соҳиби босалоҳиятҳои ҷадид шуда бошад, яъне қодир ба иҷрои корҳое гардад, ки қаблан аз уҳдаи онҳо намебаромад ва алъон хеле роҳат ин корҳоро бидуни каму костӣ анҷом медиҳад. Дар маҷмуъ, мустқилият ва мустақил фаъолият намудан ҳовии як дида аз босалоҳиятҳое мебошад, ки дар ниҳояти кор шахсро мунҷар ба муваффақ шудан дар роҳи зиндагӣ месозад. Дар болотари рисолаи хеш перомуни

ин бахш андешаҳои худро иброз дошта будем ва боз бар ҳасби ниёз ба ин масъала бармегардем.

Фаъолияти мустақилона дар раванди фаъолияти хонандагон дар ҳама давраҳои мавҷудияти он ташаккул меёбад. Аз ин ҷо таърифоти мафҳуми «ташаккули фаъолияти мустақилона» ва «давраҳои ташаккули фаъолияти мустақилона» шартӣ аст. Ташаккули фаъолияти мустақилона ин пай дар пай дар якҷоягӣ амалкунии педагогии субъектҳои раванди таълиму тарбия аст, ки ба пешравии хонандагон аз давраи ташаккулёбӣ ин сифати шахсият то давраҳои рушд ва фаъолиятнокии онҳо амал менамоянд.

Давраҳои шаклгирии  фаъолияти мустақилона-муддати амалӣ шудани ин ҷараён маҳсуб меёбад. Мо се давраи шаклгирии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагонро фарқ менамоем: ташаккулёбӣ, рушд ва фаъолгардонӣ.

Аз мавқеи масъалаи мазкур ин ҷо гап дар бораи ташаккул ва фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон меравад. Онҳо шомили ин бахшанд, ки дар таълимгоҳҳо шакл ва категорияҳои гуногун ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Маълумоти мухтасар дар бораи фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷадвалҳои 3 ва 4 оварда шудаанд.

Мувофиқи интихоби мавзуи таҳқиқот мо давраи ҷамъбастии ташаккули мустақилияти фаъолияти хонандагон ва давраи фаъолгардониро дар назар дорем. Бинобар ин, яке аз мафҳумҳои калидии таҳқиқот фаъолгардонии фаъолияти  мустақилона ҳисоб мешавад.

Масъалаи моҳияти мустақилияти фаъолияти хонандагон дар педагогика ҳалли ягонае, ки аз тарафи ҳама эътироф шуда бошад, надорад. Дар адабиёти педагогӣ бисёр ба мафҳумҳои «фаъолнокии таълим», «фаъолгардонии фаъолияти хонандагон» вомехӯрем.

Ба масъалаҳои фаъолиятнокии таълим бисёриҳо даст заданд, баъзеҳо кӯшиш намуданд, ки проблемаи рушди қобилияти фикрии хонандагонро ҳал намоянд. Аммо роҷеъ ба ин масъала андешаи воҳид ва ягона вуҷуд надорад.

**Ҷадвали 3.**

**Алоқамандии қисматҳои фаъолияти мустақилонаи хонандагон**



Ҷадвали 4.

**Давраҳои ташаккулёбии фаъолияти мустақилонаи хонандагон**

| Давраҳо | Ахбор |
|---|---|
| **1. Шаклгирии фаъолияти мустақилона** | Роҷеъ ба азхуд намудани нуқтаи назари одии фаъолияти маърифатӣ: таҳлил, синтез, қиёс; таълим ба таври механикӣ аз бар кардани салоҳдид ва равишҳои амалиёти маърифатӣ зимни иҷрои тамринҳо аз рӯйи улгу ё ин ки доир кардани салоҳдиди азхудкарда ва равишҳои фаъолият аз рӯйи вазъияти тағйирёбии ду-се нишондодҳо; оид ба аз худ намудани равишҳои даҳонӣ баён кардани ҳаводис, далелҳое, ки бо таври таҷрибавӣ ҳосил намудем, таҳлили амалиёти мухталиф дар асоси қавоид ва қавонин; мавҷуд набудани маҳорати азхудкунии шаклҳои печидаи амалиёти фикркунӣ: ҷамъбаст, абстрактӣ (фикран истисно кардан ва ғайраҳо). |
| **2. Тараққии фаъолияти мустақилона** | -Дар таълим такя кардан ба далелҳое, ки бо роҳи муҳокимарониҳои мантиқӣ ҳосил карда шудаанд;<br>-Таълиме, ки ахбори азхуднамуда барои ҳаллу фасли вазифаҳо ва ҳосил кардани ахбори нави субъективӣ мавриди истифода қарор мешавад;<br>-Барои азхудкунии ҳамин хел равишҳо, ба монанди тақсими том ба қисмҳо, ҷудо намудани хосият, алоқаҳо, муносибати қисмҳо, ҷудо намудани ҳодисаҳо ба якумдараҷа ва дуюмдараҷа ба низомдарории далелҳо дар асоси робитаҳои ҳосилнамуда;<br>-Татбиқи фаъолият бо аломатҳои эҷодиёт ва ғайраҳо. |
| 3. **Фаъолиятнокии мустақилияти маърифатӣ** | -мустақил аз худ намудани салоҳдиди фаъолкунонӣ;<br>-азхудкунии маҳорати ёфтани роҳҳои нави ҳалли масъалаҳо ва татбиқи онҳо;<br>-аз худ намудани маҳорати додани маълумоти аввалин то он дараҷа, ки барои хонанда ҳалли ҳама таснифи масъалаҳо имконпазир гардад;<br>-аз худ намудани методҳо ва усулҳои фаъолият, ки хусусияти ҷустуҷӯйӣ доранд;<br>-аз худ намудани маҳорати дуруст гузоштани пурсиш, дарёфти посухи он, ҷудо кардани мушкилот, ёфтани роҳи мувофиқи ҳалли он. |

**Ташаккули маърифати мустақилонаи хонандагон**

Ташаккулёбӣ-дар ин давраи кӯшиш ва қобилияти мақсаднок бо қувваи худ ташкил намудани фаъолияти маърифатӣ пайдо мешавад

Рушд-дар ин давра кӯшиши нисбатан бошуурона ва бо маҳорати баланд, бе ёрии дигар шахс аз худ намудани донишҳо ва роҳҳои фаъолият пайдо мешавад

Фаъолгардонӣ-дар ин давра талаботи мустаҳкамтар нисбат ба худомӯзӣ, такмили қобилият ва маҳорати бо қувваи худ пеш бурдани фаъолияти маърифатӣ пайдо мешавад

Дар аввали асри XX усулҳои фаъоли таълим пайдо шуданд. Яке аз он талаботи баланд нисбат ба фаъолияти хонандагон ва таълим ба воситаи амалиёти таълимӣ иборат аст. Чи хеле ки баъдан маълум шуд, ин кӯшиши берунаи фаъолгардонии фаъолияти таълимгирандагон аст, ки В.А. Лае, Э. Клапед ва Дюӣ пешниҳод намудаанд ва аз принсипи ҳиссиётӣ ва амалияи фаъолгардонӣ иборат мебошад. Таҳлили равоншиносӣ-педагогии онҳо барои ҳалли мушкилоти баландбардории фаъолиятнокии хонандагон басанда нест [56; 72; 86].

Дигар усул бо номи Г.Гаудича ва Г.Кершенштейнер алоқаманд аст. Муҳтавои он аз амалиёти берунӣ (моторикӣ) - хонандагон иборат буда, аз фаъолияти дохилӣ, фаъолнокии фикрӣ, ки амалиёти берунӣ ва фаъолияти амалиро идора менамоянд, иборат аст [40; 70]. Чанде баъд донишмандони соҳа андешаеро бар он ироа карданд, ки тафаккур аз амалиёт сарчашма мегирад (Д. Дюӣ, П.У.Брифимен) [37].

Дар педагогикаи муосир мақсади ФФМ-и хонандагон аз он иборат аст, ки сатҳи фаъолияти фикрронииро баланд бардорем, онҳоро на ин ки аз амалиёти алоҳидаи тасодуфӣ, балки амалиёти муназзами фикрронииро, ки ба онҳо ҳалли мустақилонаи вазифаҳо хосанд, фаъолияти фикрии эҷодиро талаб мекунанд, омӯзонем. Бо такя ба вазъи кунунии таълим чунин талабот айни муддао мебошад. Вақте таълимгирандагон бо низом тасаллути комил пайдо карданд, онҳо тадриҷан ба эҷодкорӣ шуруъ мекунанд, ин тағйирот боиси арзи вуҷуд кардани фаъолияти фикронӣ гардида, барои пайдо шудани намуди нави тафаккур бо исми илмӣ, танқидӣ, диалектикӣ замина мегузорад.

Ҷиҳати рушду тараққӣ додани чунин намуди тафаккур омӯзгор боястӣ мунтазам вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд оварда, дар таълимгирандагон маҳорат ва малакаи мустақилона гузошта тавонистани мушкилот, асоснок намудани фарзия ва бо роҳи амалӣ намудани донишҳои мавҷуда дар якҷоягӣ бо далелҳои ҷадид, малакаҳои санҷиши дурусти ҳалли проблемаи гузоштшударо ташаккул диҳад. Аз

ин ҷо, моҳияти фаъолгардонии фаъолияти мустақилияти таълимгирандагон, дар фаъолгардонии шавқ завқи маърифатӣ, тафаккур ва амсиласозии равандҳои фикрӣ, эҷодиёти ҳақиқии комилан мувофиқ иборат аст. Пас малакаҳои мустақилона ҷустуҷӯ намудани роҳҳои ҳалли назариявӣ ва амалии масъалаҳо ҳосил карда мешаванд.

Аз ин рӯ, боло бурдани мизони кори мустақилона на танҳо барои аз худ кардани малакаю маҳорати ҷадид, балки барои ба даст овардани муносибати бошуурона нисбат ба омӯзиш, нуқтаи назари фаъол ба идрок равона карда шудааст. Дар фаъолияти хонандагон субъекти фаъолият ва омӯзгор нақши ташкилотчии ин фаъолиятро мебозад. Дар ин ҷо омӯзгор нақши ба худ хоси ёрдамчигӣ дорад. Ӯ вазифаҳои фаъолиятиро ба муҳокима мегузорад ва ба хонандагон барои иҷрои ҳалли он ёрӣ мерасонад.

Хонандагон бо ёрии омӯзгор такя намуда, фаъолияти мустақилонаи худро нишон медиҳанд: ҳар чӣ қадар хонандагон ба ёрии омӯзгор муҳтоҷ бошанд, ҳамон қадар ӯ номустақил аст. Ин раванди бефосилаи болоравӣ мебошад. Фаъолияти таълимии омӯзгор ва хонанда оҳиста-оҳиста дигаргун мешаванд, даромадан ба сохтори фаъолият оғоз ёфта, боиси тақвияти шуурнокии он мегардад.

Раванди таълим ба таври объективӣ ихтилофҳои муҳим дорад. Аз ин рӯ ба омӯзгор лозим аст, ки ба фаъолияти хонанда, ба ирода, ҳиссиёти ӯ таъсир расонад. Ин ду намуди фаъолият (таъсиррасонии омӯзгор ва амалиёти фаъолияти мустақилонаи хонанда) дар раванди таълим ҳамчун зиддият баромад менамоянд, ки ҳалли онҳо ба пиндори мо, дар ташкили дурусти ҳамкории педагогии омӯзгор ва хонанда ба роҳ монда мешаванд.

Гуфтаҳои болоро ба назар гирифта, мо чунин таърифоти мафҳуми «фаъолгардонии фаъолияти мустақилона»-ро қабул намудем.

Фаъолгардонии фаъолияти мустақилона бо неруи фикрии таълимгирандагон муртабит мебошад. Вазифаи он ба шаклгирии

талаботи фикрӣ, рушди умумии шахсияти хонанандагон ва нуқтаи назари ҳаётии он равона карда шудаанд.

**Давраҳои синнусолӣ** ин ҷудокунии онтогенезӣ (рушди фардӣ) ба давраҳои ҷудогона маҳсуб меёбад. Л.С. Виготский дар асари хеш бо номи «Проблемаи синнусол» онтогенезро ба ҳайси тағйирёбии ҷараёнҳои ба таври доимӣ ивазшавии синнусолии устувор ва қатъӣ (бухронӣ, хатарнок) таҳлил менамояд. Мафҳуми «синнусол»-ро донишмандон раҳоварди вижаи нотакрор дар нисбати атфол ва муҳите, ки онҳоро фаро гирифтааст, меҳисобанд ва қабл аз ҳама онро ба ҳайси падидаи иҷтимоӣ шарҳ медиҳанд [40]. Дар мавриди синнусол гуфтан ҷоиз аст, ки воқеан дигаргуниҳои амиқ ва бесобиқа гоҳан дар иртибот ба синнусол дар инсон рух медиҳад, ҳоло ба умқи ин мафҳум фурӯ нарафта, мехоҳем ин нуктаро зикр кунем, ки бо таваҷҷуҳ ба боло рафтани синнусол дар бадани инсон тағйирот ва дар андешаи он низ дигаргуниҳои амиқ ба амал меояд, ки реша дар дигаргуниҳои физиологӣ ва иҷтимоӣ доранд, ин ба он маъно аст, ки тағйирот ҳам решаи физиологӣ ва ҳам решаи иҷтимоӣ дорад. Вақте бадани инсон мундарис мешавад, имконоту зарфияти он ҳаҷим мегардад, яъне меафзояд ва ба махзане табдил меёбад, ки ин дуруст ва бояд ҳам ҳамин тавр бошад.

Донишмдони соҳа аз қабили А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, В.В. Давидов, Д.Б. Элконин перомуни ин масъала андешаҳои тоза ва фикр баён доштаанд.

Масалан, А.Н. Леонтев дар иртибот ба ин масъала чунин мефармояд: «Тағйироти ҷойе, ки кӯдак дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ишғол мекунад, кӯшиши ҷавоб додан ба саволи қувваи теладиҳандаи (пешбарандаи) рушди руҳии он мебошад» [92, с. 234]. Донишманди варзидаи тоҷик Холназаров Санг дар иртибот ба қазияи болозикр баён медорад, ки давраҳои рушду инкишофи шахсият, мавқеи инсон дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва намуди (типи) асосии фаъолият муайян карда шудааст [159].

Дар асоси таҳлили муносибатҳои гуногун ба давраҳои синнусолии одам [7; 5; 36; 76; 129] ва маълумоти давраҳои ташаккулёбии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар нақшаи 5 маълумоти давраҳои синнусолии хонандагон ва ба онҳо ҳамроҳ кардани давраҳои ташаккулёбии фаъолияти мустақилона оварда шудаанд. Мо дар ин ҷо ба фикрҳои О.В. Петунин пурра розием. [188, с.115]

Ҷадвали *5*

**Аз рӯйи синнусол ба давраҳо ҷудокунии таълимгирандагон ва ташаккули давра ба давраи фаъолияти мустақилона**

| **Давраҳои синнусолӣ** | **Солҳо** | **Фаъолияти асосӣ** | **Рушди вазъияти иҷтимоӣ** | **Давраҳои ташаккули мустақилияти маърифатӣ** |
|---|---|---|---|---|
| Синнусоли хурди мактабӣ | 6 (7)-<br>10 (11) | Фаъолияти таълимӣ-бозӣ | Азхудкунии дониш, рушди маънавӣ (ақлӣ)-фаъолият | Ташаккулёбӣ |
| Синнусоли наврасӣ | 10 (11)-<br>14 (15) | Муносибати самимӣ-шахсӣ дар раванди фаъолият | Азхудкунии муносибатҳо бо одамони гуногун | Рушдёбӣ |
| Синнусоли барвақти ҷавонӣ | 14 (15)><br>-16 (17) | Фаъолияти таълимӣ-равиявӣ | Азхудкунии донишҳо, маҳорати фаннӣ аз рӯйи равияҳо | Фаъолиятнокӣ (фаъолшавӣ) |
| Синнусоли дери (охири) ҷавонӣ | 16(17)-25 | Фаъолияти меҳнатӣ-касбӣ | Аз худ кардани фаъолияти касбӣ (дониш, малака, маҳорати касбӣ) | Давомёбии равандҳои такмили маърифатӣ мустақилона |

Тавре аз ҷадвали 5 бармеояд, давраҳои ФФМ шахсони синнусоли аз 14 то 25-сола, яъне ҷавононро дар бар мегирад. Чун мо роҷеъ ба ашхосе сухан меронем, ки дар муассисаҳои гуногун ба таълим фаро гирифта шудаанд, дар тадқиқоти мо яке аз мафҳумҳои калидӣ мафҳуми «хонандагон» маҳсуб меёбад. Дар ҳамин ҷо зикр кардан бамавқеъ аст, ки гоҳан ин мафҳумро мо бо номи таълимгирандагон, омӯзандагон ва шунавандагон низ зикр кардаем, ки мафҳуми болоро дар назар дорад.

Аксари донишмандон ашхоси ҷавонро ба ҳайси гурӯҳи синнусолӣ-иҷтимоии вижа меҳисобанд, ки бо давраи синнусолии хеш дар ҷомеа фарқ мекунанд.

Бархе аз муҳаққиқон дигар мафҳуми «ҷавон»-ро ба ҳайси маҷмуи одамони ҷавон маънидод менамоянд, дар ҷомеа ба онҳо имконот ташаккули имтиёзноки иҷтимоӣ, сабукӣ додааст ва иштироки фаъолонаи онҳоро дар доираи ҳаётии муайяни иҷтимоӣ манъ кардааст [15; 36; 70].

Мутобиқ ба андешаи донишмандон ҷавонии барвақти синни 14-17 солагӣ ва ҷавонии дер синни 18-25 солагӣ маҳсуб меёбад. Ба ҳамагон маълум аст, ки синни дери ҷавонӣ аксаран донишҷӯйи макотиби олӣ мебошад.

Фаъолиятнокии мустақилияти фаъолиятии хонандагон, баробари ташаккул ва рушди ин сифатҳо дар таълимгирандагони синнусолӣ нисбатан баробар аст, метавон дар доираи раванди тарбиявию таълимӣ ва берун аз он ба амал ояд. Таҳқиқотро дар доираи раванди тарбиявию таълимӣ мегузорем, бинобар ин ба ҳайси мафҳуми калидии таҳқиқотӣ мо ҷараёни омӯзишу парварваришро мавриди истифода қарор медиҳем.

Дар луғати педагогӣ мафҳуми «раванди таълимӣ-тарбиявӣ» чун «мазмуни равандҳои таълимию тарбиявие, ки ба ҳалли вазифаҳои таълим, тарбия ва рушди шахсият дар асоси стандарти давлатии таълим равона шудаанд, маънидод карда мешаванд» [102, с. 176]. Ин мафҳумро таҳқиқотчиёни гуногун (Ю.К. Бабинский, М.Л. Данилов, В.С. Илин, Б.Т. Лихачев, И.П. Подласий, В.А. Сластёнин ва дигарон) аз нуқтаи назари гуногун дида баромадаанд [15; 51; 161; 93; 133].

Дар таҳқиқоти В.А. Сластенин ҷараёни омӯзишу парвариш «ташаккули ҳамкории вижа, ҳадафнокии педагогҳо ва таълимгирандагонро, ки ба ҳаллу фасли вазифаи таълимӣ ва тараққӣ равона карда шудаанд, истифода мешаванд» [140, с. 164].

Б.Т. Лихачёв таҳти ҷараёни раванди омӯзишию парваришӣ «ҳамкории фаъолияти педагогии мақсаднок, мазмунноку комилии

калонсолон ва ба ҳам алоқаманди атфол, ки дар натиҷаи фаъолияти ҳаётии фаъол, зимни нақши асосӣ ва равонакунандаи мураббӣ ҳосил мешавад, фаҳмида мешавад» [94, с. 87].

И.П. Подласий ҷараёни омӯзишу парваришро ба ҳайси «ҳамкории рушдёбандаи мураббӣ ва тарбиягиранда, ки барои расидан ба мақсади муайяншуда ва ҳолати тағйироти пеш муайян карда шуда ва дигаргун сохтани хосият ва сифати тарбиягирандагон оварда мерасонад, маънидод менамояд» [125, с. 162].

Баррасии иҷмолии ин ҷараён нишон дод, ки роҷеъ ба ҷараёни таълиму тарбия ва раванди омӯзишу парвариш назари донишмандон хеле зиёд аст ва ҳар кадоми онҳо бар асоси андешае ақоиди хешро тасбит намуда, далоили тасдиқкунанда овардаанд. Аммо як чиз возеҳу равшан аст, ки ин раванди муназзами таълимӣ ва тарбиявӣ буда, шомили мушкилот ва масоили хеш мебошад, ки дар бастари он ҳаллу фасл карда мешаванд.

Субъектҳои ҷараёни тарбиявӣ-таълимӣ шомили ду паҳлуи ба ҳам муртабит мебошанд: самти маълумотдиҳанда, яъне омӯзгор ва тарафи пазиранда, яъне таълимгиранда. Дар ин ҷо раванди тарбия-таълим танҳо дар ҳолати ҳамкории таълиму тарбиядиҳанда ва тарбияю таълимгиранда натиҷанок мегардад.

Ҳамин тариқ, мо раванди тарбия-таълимро ҳамчун ҳамкории мақсадноки педагогии омӯзгорон ва хонандагон, ки ба аз худ намудани салоҳдид, тарбия ва таълими шахсияти таълимгирандагон равона карда шудааст, дида мебароем.

Дар маҳдудаи таҳқиқоти хеш мо ҷараёни омӯзишу парваришро дар муассисаҳои таълимии ҶТ аз рӯйи як барномаҳои таълимӣ вохӯрдем. Омӯзише, ки мо доир кардем, дар якчанд муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ татбиқ карда мешавад.

Бо назардошти андешаҳои боло мо чунин мавзуи марказии таснифи таҳқиқоти худро қабул намудем, ки он «Фаъолгардонии

фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши муассисаҳои таълимӣ» номида мешавад. Фаъолгардонии фаолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълими муассисаҳои таълимӣ-ин давраи охирин (ҷамъбастии) ташаккули фаъолияти мустақилона дар зинаи охирини таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд.

Натиҷаи коркарди асосҳои назариявии таҳқиқоти худро дар намуди хулосаҳои «фаъолияти мустақилона», «ФФМ», «раванди таълимӣ-тарбиявӣ-таълимӣ», «фаъолгардонии фаъолиятии хонандагону ҷавонон дар раванди таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таълимӣ» ва муносибатҳои маънои онҳо пешниҳод намудем:

1. Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш дар муассисаи таълимӣ давраи ҷамъбастии ташаккулёбии фаъолияти мустақилонаест, ки ба ҳавасмандии тафаккур, ташаккули мустақилияти насли ҷавон дар фаъолияти маърифатӣ, эҷодкорона азхудкунии онҳо буда, натиҷаи такмил ёфтани шакл, технологияи таълим ва худомӯзӣ мебошад.

2. Фаъолгардонии фаъолияти мустақилона ҳосил кардани ҳавасмандӣ дар шахс ба ҷараёни пазириш, тасаввурот, ҷаҳонбинӣ, тафаккур, ҳамчунин талоши азбар карадани босалоҳияти ҷадид ва дархост ба эҷодкорӣ (эҷодиёт) мебошад.

3. Мустақилияти маърифатӣ - сифати шахс мебошад, ки дар таълимгирандагон дархост ва маҳорат ба аз бар кардани босалоҳияти ҷадид, аз бар намудани усулҳои фаъолияти маърифатӣ, пурра кардани онҳо ва ба таври эҷодӣ мавриди истифода қарор додани онҳоро дар ҳаллу фасли масоили мухталиф арзи ҳастӣ мекунанд.

4. Таълимгирандагони ҷавони барвақтӣ-гурӯҳҳои синнусолии иҷтимоии 14-17-сола маҳсуб меёбанд, ки ба гурӯҳи намояндагони он бештар фаъолияти таълимӣ-касбӣ доир карда мешавад ва бештар таъсир мекунад.

Асосҳои назариявии фаъолиятнокии мустақилияти фаъолияти таълимгирандагонро дар ҷараёни омӯзишу парвариши муассисаҳои таълимӣ дида баромада, ба коркарди консепсия ва низоми педагогии фаъолгардонии сифатҳои таҳқиқшаванди шахсияти таълимгирандагон шуруъ намудем. Лекин ин кор муайян кардани омилҳоеро, ки ба фаъолиятнокии мустақилияти фаъолияти хонандагон таъсир мерасонад, талаб намуд. Ин проблемаро дар фасли оянда дида мебароем.

## 2.2. Роҳу усулҳои ташаккули марҳала ба марҳилаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон

Натоиҷи кулли ҷараёнҳои педагогӣ, минҷумла фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон шомили авомили мухталиф мебошад. Аммо авомилончунон зиёданд, ки то ба ҳол онҳо ба таври пурра омӯхта ва ба риштаи таҳқиқ кашида нашудаанд. Ин сабабҳо баррасӣ ва таҳқиқу омӯзиши зиёдро талаб мекунанд ва мо итминони комил дорем, ки муҳаққиқини соҳа даст ба ин кор зада, чанде аз ин авомилро барои мо бармало месозанд, то мо аз он авомил дар асраи вақт ҷиҳати ФФМ-и таълимгирандагон ба таври васеъ истифода намоем. Мо дар болотар роҷеъ ба кори мустақилона истода гузашта, шарҳ дода будем, ки кори мустақилона мақдур ба эҳё кардани неруҳои ниҳоии инсон дар масири омӯзишу парвариш буда, инсонро ба корҳои хеле амиқу дақиқ ва васею пурра суқ медиҳад ва моро лозим аст дар ин масир ҳаракати бештар дошта, кори мустақилонаро зиёд намуда, бо истифода аз имконоту зарфиятҳои ҷадид фаъолияти мустақилонаро тавсеа бахшем.

Ин мушаххас аст, ки барои фаъолгардони фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон мо боястӣ ба он таъсирҳои ончунонӣ ва муассир бирасонем, то ба ҳадафи хеш дар ин масир ноил гардем.

Ғавру баррасӣ ва пажуҳиши адабиёт ва манобеи илмӣ нишон медиҳад, ки омилҳои муассири фаъолгардонандаи фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон мухталиф мебошанд ва донишмнадони соҳа низ дар ин раванд назароти гуногун доранд, яъне донишмандони ришта дар ин ҷабҳа назароти воҳид надоранд.

Донишмандони соҳа бар асоси таснифоти мухталиф авомили дохилӣ ва берунӣ, идорашаванда ва идоранашаванда, субъективӣ ва объективӣ ва дигар гурӯҳи авомилро, ки ба ҷавониби мухталифи ҷараёни омӯзишу парвариш таъсиргузор мебошанд, ном мебаранд [182; 44; 68].

Вақте мо ба ин хели андешаҳои мутафовит рӯ ба рӯ мешавем, ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин кори тасодуфӣ нест, балки амали чида ва шумурдашудае маҳсуб меёбад. Инчунин ин гуногунандешӣ аз мактабҳои гуногуни илмӣ сарчашма мегиранд. Мо хуб медонем, ки ин мактабҳои илмӣ дар зери роҳбарии донишмандони ҷудогонае ва бар асари ҷараёнҳои мухталиф шакл гирифтаанд ва он ҷараён ва авомили таъсиркунандаро дар худ инъикос мекунанд. Ин воқеиятест, ки мо зимни таҳқиқи кори хеш ба он рӯ ба рӯ шудем ва бар асоси он мактабҳо андешаҳоро зимни таҳлили масъала ёдовар шудем.

Бо таваҷҷуҳ ба имконоти мавҷуда, (истифода бурда) тавсия медиҳем, ки омилҳои ба ФФМ-и хонандагон таъсиркунанда аз рӯйи муносибати низоми мантиқӣ тасниф карда шавад. Бар пояи он мо дар навбати хеш якчанд гурӯҳи авомилро, ки ба сохтори ҷузъии ФФМ-и хонандагон таъсиргузор мебошад, ҷудо намудем.

**Гурӯҳи аввал.** Ба ин гурӯҳ авомиле шомиланд, ки ба қисмати мақсаднокии раванди ФФМ, ба ҳайси бахши лоинфаки кору фаъолияти омӯзгорӣ ба ҳар як машғулияти таълимӣ таъсиргузор мебошад. Бахши аввал ба мисли авомили дигар авомили мақосид исмгузорӣ карда шуд.

Ҳадаф аз алоими низомсози (муайянкунанда) фаъолияти омӯзгорӣ маҳсуб меёбад. Инҷост, ки масъалагузорӣ худ сирри аввалини муваффақият маҳсуб меёбад. Агар билфарз масъала дуруст ва

ҳадафмандона гузошта шавад, ин сирри аввалини комёбӣ маҳсуб меёбад. Маъмулан таъйини ҳадаф ба ҳайси ҷараёни аз сӯйи субъект гузоштани ҳадаф пазируфта шудаст. «Мақсади фаъолият-ин натиҷаи бартарӣ дошта мебошад» [159, с. 112]. Вазифаҳо мақсадро мушаххас менамоянд, аз рӯйи моҳият, тарзи қадам ба қадам расидан ба ҳадаф аст.

Фаъолияте, ки ҳадафмандона нест, бемаҳсул буда, аз ин рӯ шомили вижагии рафтори бефикрона мебошад: таърифоти мақсадҳои алоқаманд ба ФФМ-и хонандагон, аз он ҷумла барои он зарур аст, ки фаъолиятнокии шахсии таълимгирандагон ба таври муназзам ва мутобиқ ба нақшаи муайяне амалӣ карда шавад.

Ҳадафи аз ҷиҳати педагогӣ дуруст гузошташуда ба якчанд тақозо посух мегӯяд:

-натоиҷи кори педагогиро инъикос менамояд;

-нақши бедоркунандаи амалиётро ифо мекунад;

-ҳамчун меъёри интихоби воситаи амалиёт хизмат менамояд;

Фақат мақсади ташхис метавонад ҳамчун бедоркунандаи ваҷҳҳои фаъолият ва ғайра хизмат намояд [24; 47; 116; 138].

Вобаста ба талабот нисбат ба мақсади гузошташуда, чунин омилҳоро, ки таъсиргузори ҷараёни омӯзишу парвариш мебошад, ҷудо кардан мумкин аст. Ин омилҳоро мо ба ду зергурӯҳ ҷудо намудем:

1) Омилҳои алоқаманд ба мақсадгузории берунӣ, ки онро омӯзгор дар амал татбиқ менамояд:

-дуруст муайян кардани мақсад ва вазифаҳои фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона ва аз ин тариқ ба аъзоёни синф расонидани онҳо;

-бедор кардани ҳиссиёти таълимгирандагон ба фаъолияти мақсадноки фаъолияти мустақилона (фаъолияти мустақилона яке аз воситаҳои асосии ошкоршавӣ ва ФФМ мебошад);

-ба ҳам мувофиқ омадани ҳадафҳои дарс ба дараҷаи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандгон;

-мизони дарёфти хонандагон ба ҳадафҳои дарс (мутобиқ ба замону вақт, мушкилӣ ва амсоли инҳо).

2) Авомили муртабит ба ироаи аҳдофи ботинӣ, ки аз сӯйи шахси таълимгиранда ба амал бароварда мешавад:

-тобеияти фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон ба ҳадафҳои хориҷӣ, ки ба ҳайси сифати шахсӣ интихоб ва пазируфта шаванда;

-ба таври мустақилона гузоштани вазифаҳо аз сӯйи таълимгирандагон ба супоришҳои ҳадафноки хориҷии фаъолияти мустақилона;

-аз ҷониби таълимгирандагон на танҳо ба таври мустақилона гузоштани вазифаҳо, балки аҳдофи кори мустақилона.

Бо мақсади муайян намудани дараҷаи таъсири фаъолияти мустақилонаи хонанда тибқи омилҳои мақсадноки номбаршуда, мо дар байни хонандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ тадқиқот гузаронидем. Аз рӯйи натиҷаи ду зергурӯҳ омилҳои мақсадноки онҳоро мувофиқи аҳаммияташон ҷой додем. Натиҷаи ин кор дар ҷадвали 6 оварда шудааст.

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 6 бармеояд аст, таъсири омилҳои мақсадноки гуногун ба фаъолияти мустақили хонандагон аз тарафи таълимгирандагон ва омӯзгорон гуногун баҳо дода мешавад.

Хонандагон дар байни омилҳое, ки ба авомили ҳадафҳои хориҷӣ алоқаманд мебошанд, дар мақоми якум омили «Аз сӯйи омӯзгор дар ҷараёни омӯзишу парвариш ҳадафҳои фаъолияти кори мустақилонаи таълимгирандагонро мегузоранд». Омӯзгорон таъсири ин омилро ба фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона нисбатан пасттар-21,9% ҷой медиҳанд, яъне дар ҷойи 3-юм мегузоранд.

Ин ҷо мо дар навбати хеш ҷонибдори андешаи таълимгирандагон мебошем, ба хотири он ки зимни таъйини ҳадафҳо фаъолияти сабабнокро ба назар гирифтан имконнопазир аст. Ҳамеша зимни иҷрои коре мо, қабл аз ҳама, дар назди хеш ҳадаферо мегузорем ва даст ба ин ё он кор задан ба иллате ё сабабе рух медиҳад, яъне дар ҳама гуна

фаъолият сабаб ва ваҷҳ, хеле муҳим аст, Ба ин маъност, ки мо ҳамеша ба иллате ва ё сабаб ба иҷрои коре камари ҳиммат мебандем, дар ғайри ин сурат дар масири аҳдофи хеш муваффақ нахоҳем шуд.

**Ҷадвали *6***

**Омилҳои мақсадноке, ки ба фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд (аз рӯйи натиҷаи 600 нафар таълимгирандагон ва 160 нафар омӯзгорон)**

| № | ***Омилҳо*** | **Интихоби омили хонандагон (%)** | **Дараҷа (ҷой)** | **Интихоби омили омӯзгорон (%)** | **Дараҷа (ҷой)** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Омилҳое, ки ба мақсаднокии беруна вобастаанд** | | | | | |
| 1 | Дар раванди тарбия-таълим гузоштан аз тарафи омӯзгорон бо мақсади ФФМ-и хонандагон | 63,4 | 1 | 21,9 | 3 |
| 2 | Аниқ гузоштан ва ба маълумоти синф расонидани мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилона | 20,4 | 2 | 36,3 | 1 |
| 3 | Дараҷаи дастрас будани мақсади машғулият ба хонандагон | 9,8 | | 9,1 | 4 |
| 4 | Мувофиқати мақсади машғулият ба сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилона | 6,4 | 4 | 32,7 | 2 |
| **Омилҳое, ки ба мақсаднокии дохилӣ вобастаанд** | | | | | |
| 1 | Дар раванди тарбия-таълим аз тарафи омӯзгорон дар назди хонандагон гузоштани мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилона | 48,4 | 1 | 32,6 | 2 |
| 2 | Ба мақсадҳои берунаи фаъолияти мустақилона итоат кардани хонандагон, ки интихоб ва ба сифати шахсӣ қабул мекунанд | 23,2 | 2 | 39,6 | 1 |
| 3 | Аз тарафи хонандагон мустақилона гузоштани на танҳо вазифаҳо, балки мақсади фаъолияти мустақилона | 18,4 | 3 | 11,5 | 4 |
| 4 | Итоат намудани хонандагон танҳо ба мақсадҳои берунаи фаъолияти мустақилона | 9,8 | 4 | 16,3 | 3 |

Ваҷҳу сабаб дар ҳама кору фаъолият муҳим ва аввалиндараҷа маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, инро метавон чунин шарҳ дод, ки бидуни ҳадаф фаъолият нест ва бидуни ваҷҳ фаъолияти ҳадафмандона ба

натиҷае намекашад, яъне натиҷае ба бор намеорад. Мо чунин андеша дорем, ки таваҷҷуҳи омӯзгоронро ба ин самт гардонем ва дар ин гузаргоҳ аз васоити дуруст оқилона, эҳсосот ва ирода кор гирем, ки ин авомил мунҷар ба ваҷҳе мешаванд, ки дар поёни кор натиҷаи мусбат ба бор хоҳанд овард. Ин нуктаро донистан ва дар назар гирифтан хеле муҳим ва асосӣ маҳсуб меёбад.

Дар бораи таъсири омилҳо ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилона алоқаманд ба омилҳои берунаи мақсаднок, фикри хонандагон ва омӯзгорон, наздик дар бораи аниқ дар назди синф гузоштани мақсад ва вазифаҳои ба фаъолиятнокии фаъолияти мустақилии равона карда шуда наздик шуд. Хонандагон ин омилро дар ҷойи 2-юм гузоштанд, омӯзгороне, ки дар ҷойи якум қарор гирифтаанд мутаносибан 20,4%-36,3% баробар мебошад. Ин арқом баёнгари он мебошанд, ки тамоми субъектҳо ин масоилро хуб дарк мекунанд, ки дар кори озмоишӣ ҳадаф, ки ба таълиму тарбия ва ФФМ-и таълимгирандагон равона карда шудааст, нақши калидиро мебозад ва ин масоил боиси боло рафтани он нишондиҳанда хоҳад шуд.

Таълимгирандагон дар мақоми сеюм (13,4 %) он чиз, яъне дастрасу фаҳмо буданро гузоштаанд. Омили дигареро аз қабили расидан ба ҳадафро дар мақоми аз ҳама охир гузоштанд (11, 5 %). Ин рақамҳо барои мо як нуктаро баён медоранд, ки аъзоён ё ба ном субъектони ҷараёни омӯзишу парвариш на ҳамеша нисбат ба вазифаҳои хеш ба таври ҷидӣ ва сахтгирона муносибат мекунанд, яъне нисбат ба вазоифи хеш саҳлангоранд. Ин вазъ моро ба он водор мекунад, ки зимни иҷрои корҳои озмоишӣ нисбат ба кор хеле ҷиддӣ ва сахтгир бошем.

Омили мувофиқати ҳадафи машғулият ба дараҷаи фаъолиятнокии мустақилияти фаъолияти таълимгирандагонро дар ҷойи 4-ум (6,4%), омӯзгорон дар ҷойи дуюм (32,7%) ҷой доданд. Аз ин мо ба чунин натиҷа ва хулоса расидем, ки омӯзгорон аз як сӯ  имконоти таълимгирандагон беҳтару дурусттар арзёбӣ мекунанд, аз сӯйи дигар, ба масъалаи

банақшагирии кори фаъолгардонии фаъолияти мустақилона муҳтотона бархӯрд мекунанд. Лекин дар ҳар сурат ҳадаф боястӣ ба дараҷаи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон комилан мувофиқ бошад.

Фикри хонандагон ва омӯзгорон дар бораи таъсири зергурӯҳи омилҳои алоқаманд ба мақсадгузории дохилӣ (ботинӣ) ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилона нисбат ба якдигар наздиканд.

Ба фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон аз мақсад берун ва вазифа гузоштан, таълимгирандагон (48,4%) ва омӯзгорон (32,6%) мутаносибан ҷойи 1 ва 2-ро ҷудо намуданд.

Таълимгирандагони синфҳои болоӣ ба авомили гурӯҳи дуюм, ки мувофиқи онҳо фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон ба ҳадафҳои беруна тобеъ мебошад, баҳои баланд доданд, аммо на ҳамааш онҳоро ба ҳайси сифати шахсӣ пазируфтаанд, ба онҳо ҷойи 2-юмро (23,2%) ҷудо намуданд. Ҳамчунин ба таъсири авомилии ФФМ омӯзгорон низ баҳои хеле баланд доданд (39,6%).

Таъсири авомили «Мустақилона гузоштани таълимгирандагон на танҳо вазифа, балки ҳадафи фаъолияти мустақилона» ба фаъолиятнокии мустақили маърифатӣ на он қадар баҳои баланд доданд. Хонандагон ин саволро дар ҷойи сеюм (18,4%), омӯзгорон дар ҷойи 4-ум (11,5%) гузоштанд.

Ҷонибдорони авомиле, ки тибқи он вазъият ба ҷараёни ФФМ-и таълимгирандагон таъсири амиқ дорад ва фаъолиятнокии таълимгирандагонро фақат ҳадафҳои беруна муайян менамоянд, на он қадар зиёд буда, дар байни хонандагон (9,8%, ҷойи 4-ум), дар байни кормандони омӯзгорӣ (16,3%, ҷойи 3)-юмро ишғол мекунанд.

Хулласи калом, баррасии посухҳои иштирокдорони пурсиш, ки дар шароити зарурии интихоби як омили муҳимми зергурӯҳи «дуюм» қарор доштанд, нишон дод, ки таълимгирандагон ва омӯзгорон муҳиммии ироаи аҳдофи дохилиро дар зимни ҷараёни омӯзишу парвариш ба роҳатӣ

метавонанд дарк кунанд. Аммо омӯзгорон боз оид ба масъалаи қобилияти дар пеши худ гузоштани мақсади хусусияти маърифатӣ дошта, аз тарафи хонандагон эҳтиёткорӣ ва боварии пурра зоҳир менамоянд.

Пас аз он ки мо авомили ҳадафмандонаи ҷиҳати фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро мавриди баррасӣ қарор додем, ба ин натиҷаҳо расидем:

-ҳузури ҳадафҳои педагогии босаводона дуруст ва аниқии алоқаманд ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаро метавон яке аз авомили муҳимми натиҷаноки татбиқи ин ҷараён номид;

-мавҷуд набудани ҳадафҳо, ки амалигардониашон ба фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона равона карда шудааст, ё ин ки бесаводона гузоштани онҳо ба фаъолгардонии сифати шахсияти хонанда таъсирӣ манфӣ дорад;

-бошуурона гузоштани ҳадаф ҷиҳати татбиқи фаъолгардонии фаъолияти мустақилона равона кардашударо, қабл аз ҳама, боястӣ омӯзгорон ёд диҳанд, чунки он ба аҳдофи умури озмоишии мо мувофиқат доранд;

-дар ҷараёни гузоштани мақсад омӯзгорон боястӣ таваҷҷуҳи асосиро ба аспектҳои ваҷҳнокӣ равона кунанд. Чунки он ба фикри таълимгирандагон қисмати хеле муҳимми гузоштани ҳадафи хориҷиро ташкил медиҳад.

Тамоми ин андешаҳо зимни коркарди низоми омӯзгории ФФМ-и таълимгирандагон дар (зербоби 2.1) дар мадди назар гирифта шудааст. Масъалаи мустақилияти субъектҳои раванди таълиму тарбия ва амалӣ намудани ҳамкории байни онҳо, талаботи рӯз мебошад. Бинобар ин, ҳангоми ФФМ-и хонандагон дар якҷоягӣ дуруст истифода бурдани мақсадҳои дохилӣ ва берунӣ мувофиқи талабот аст.

Тибқи интихоби таснифи мо гурӯҳи дуюми авомил қисмати мазмуннокии фаъолгардонии мустақилонаи маърифатӣ (омили мазмун) ба ҳисоб меравад. Мазмун (мундариҷаи) таълим ҳолати иҷтимоии

ҷамъият, равияи аслии тараққии онро инъикос менамояд ва мутобиқшавӣ (адаптатсия) шудан ва бо кадом роҳ низоми педагогии донишҳо, маҳорат ва малакаҳо, таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва муносибати эҳсосотӣ-арзишнокро ба олам мутобиқат мешавад» муайян мекунад [139, с. 105].

Ба стандартикунонии мазмуни таълим дар пояҳои мухталиф ва барномаҳои фанҳои ҷудогонаи таълимӣ нигоҳ накарда, ин бахши ҷараёни омӯзишу парвариши афзалият дорад, ба андешаи мо, тавоноии қудратманди фаъолгардонии маърифатнокии мустақилонаи таълимгирандагон махсуб меёбад. Муҳтавои предметҳои ҷудогонаи таълимӣ, кадом фанни таълимиеро гирем, барои ФФМ кумаку ёрмандии хешро мерасонанд, дар сурате, ки якчанд талаботро иҷро намоем:

-дар мазмуни машғулиятҳои таълимӣ ҳадафи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон инъикоси худро бояд ёбад;

-мазмуни машғулиятҳои таълимӣ ҳолати ҳозираи рушди иҷтимоӣ, донишҳои илмӣ, ҳаёти маданиро бояд дар бар гиранд;

-бояд ягонагии самтҳои муҳтаво ва тартиботи ин таълим муроот карда шавад. Ҳангоми ба нақшагирии муҳтавои мушаххаси машғулият ба назар гирифтани принсип ва технологияи додани он ва азхудкунӣ, банақшагирии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандгон ба назар гирифта шавад;

-муҳтавои маводи омӯзиш дар машғулиятҳо дорои аҳамияти амалӣ буда, дар навбати аввал чун дастгоҳи идоракунии ваҷҳҳои таълимгирандагон хизмат менамояд;

Дар ин замина баррасӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ, талаботи болозикр ва таҷрибаи педагогии шахсӣ нишон медиҳад, ки чунин авомил мазмун ба ФФМ-и хонандагон таъсири мусбӣ мерасонанд:

-дар мазмуни машғулиятҳои таълимӣ инъикос намудани фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон;

-дар осори таълимӣ нишон додани дастовардҳои улуми ҳозира;

-нишон додани мизон ва дараҷаи амалии маводе, ки барои омӯзиш ироа гардидаанд;

-барои омӯхтан ва аз бар кардани маводи таълимӣ ҷудо намудани вақт;

-дараҷа ва мизони мушкилӣ ва мураккабии маводи таълимӣ ба дараҷа ва фаҳму дарки таълимгирандагон бояд мувофиқат дошта бошад;

- инъикоси равобити байнифаннӣ дар маводе, ки барои таълим ва омӯзиш ироа гаштааст ва амсоли инҳо.

Ҷиҳати мушаххас намудани дараҷаи таъсир ба ФФМ-и ҳар як омили мазмун, чун ҳолати омилҳои мақсаднок, ба таълимгирандагон, омӯзгорони муассисаҳои таълими озмоишӣ таҳқиқот гузаронида шуд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 6 нишон дода шудааст.

Ба хотири муайян кардани дараҷаи таъсири авомилии муҳимми муҳтаво ва мазмуни ба фаъолиятнокии фаъолияти мустақилияти таълимгирандагон маълумоти ба дастомадаро ба риштаи таҳлил кашидем (Ҷадвали 7).

*Ҷадвали 7*

**Омилҳои мазмун, ки ба фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд (аз рӯйи фаъолияти 600 нафар хонандагон ва 160 нафар омӯзгорон)**

| № | Омилҳо | Интихоби омили хонандагон (%) | Дараҷа (ҷой) | Интихоби омили омӯзгорон (%) | Дараҷа (ҷой) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Аҳамияти амалии маводи омӯхташаванда | 26,2 | 1 | 15,1 | 5 |
| 2 | Мувофиқати ҳаҷми маводи омӯзиш ба вақти ҷудо кардашуда | 24,2 | 2 | 25,2 | 1 |
| 3 | Мувофиқати маводи омӯзиш аз рӯйи мураккабӣ ба имкониятҳои хонандагон | 18,2 | 3 | 4,4 | 6 |
| 4 | Дар маводи таълимӣ инъикоси муваффақияти илми ҳозира | 16,3 | 4 | 15,8 | 4 |
| 5 | Инъикоси мақсади фаъолгардонии фаъолияти мустақилона дар мазмуни машғулиятҳои таълимӣ | 8,9 | 5 | 21,3 | 2 |
| 6 | Дар мазмуни маводи таълимӣ (омӯзишӣ) мавҷуд будани алоқаҳои байнифаннӣ | 6,2 | 6 | 18,2 | 3 |

Аз байни омилҳои мазмун хонандагон ҷойи якумро ба омили аҳамияти амалидошта додаанд (26,2%), яъне онҳо ҳисоб мекунанд, ки ин омил ба ФФМ таъсири зиёд дорад. Ин аз муҳиммии тарафи ваҷҳнокии фаъолиятмандии фаъолияти мустақилона шаҳодат медиҳад. Омӯзгорон аҳаммиятнокии ин омилро дар ҷойи 5-ум (15,2%) гузоштаанд.

Вақте мо ин озмоишҳои доир кардаро меомӯзем, ба назар чунин мерасад, ки омӯзгорон аҳамияти амалии маводи омӯзиширо сарфи назар карда бошанд, аммо воқеият ин тавр нест. Омӯзгорон баръакс ин вижагиро таъкид кардаанд. Шояд чунин бошад, ки омӯзгорон вижагии илмии маводи омӯзиширо дар назар дошта бошанд ва чунин фикр кунанд, ки фақат маводи ҷанбаи илмидошта барои ФФМ муассир аст. Албатта, ин далелро низ дар ин масир сарфи назар кардан лозим нест, аммо воқеият чизи дигар аст. Роҷеъ ба аҳамияти амалии маводи таълимӣ, ба ҳайси манбаи ваҷҳҳои ФФМ-и таълимгирандагон дар ҷараёни кори илмӣ-методӣ диққати омӯзгоронро ба ин масъала ҷалб кардан зарур аст.

Фикри хонандагон ва омӯзгорон нисбат ба омили «Мувофиқати ҳаҷми маводи омӯзиш ба вақти ҷудо кардашуда» ба ҳам наздик аст. Таъсири он ба ФФМ-и таълимгирандагон ҷойи 2-юм (24,2%) ва омӯзгорон (25,2%) ҷойи 1-ум лоиқ донистанд. Ин мисол возеҳи он аст, ки дар омӯзгорон ва таълимгирандагон фаҳмиши он далел, ки ҳаҷми зиёди мавод, кам кардани миқдори соатҳо барои аз худ кардани бисёр фанҳо ба ФФМ таъсири манфӣ дорад, барои пурра равона намудани шакл, технология ва методҳо ба натиҷаи охирин, рушди шахсияти таълимгирандагон имконият намедиҳад.

Ҷойи 3-юмро аз рӯйи таъсир ба ФФМ-и хонандагон ба омили «Мувофиқати маводи омӯзиш аз рӯйи мураккабӣ ба имкониятҳои хонандагон» (18,2) додаанд. Ин омил аз нуқтаи назари омӯзгорон ҷойи охиринро ишғол мекунад (6%). Ин ҷо метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки он чизе барои таълимгирандагон пешниҳод шудааст, аз назари мушкилӣ

ва мураккабӣ барои таълимгирандагон дастрас ва фаҳмо мебошад. ХСБ ҳисоб мекунанд, ки маводи барои азхудкунӣ мураккаб дар бисёр вақт барои фаъолияти мустақилона имконият намедиҳад.

Ҳангоми баҳо додан ба таъсири омили «Инъикоси муваффақиятноки илми ҳозира ба маводи таълим» ба ФФМ-и хонандагон ҳамаи категорияҳои пурсидашудагон ҳамфикрӣ зоҳир намуда, ҷойи 4-умро доданд: 16,3% хонандагон ва 15,8% омӯзгорон бошанд, онро омили асосӣ ҳисоб намуданд. Албатта, хусусияти илмӣ доштани маводи омӯзиш, мазмуни ин ё он фанро бой мегардонад. Истифодаи муваффақияти илми ҳозира, дар маводи таълим, ҷалби таълимгирандагон ба азхудкунӣ, омӯзиши онҳо барои ФФМ ва рушди шахсияти онҳо имконияти васеъ фароҳам меорад.

Хонандагон ба омили «Инъикоси мақсади фаъолгардонии фаъолияти мустақилона дар мазмуни машғулиятҳои таълимӣ» ҷойи 5-умро (8,9%) додаанд. Омӯзгорон ин омилро дар ҷойи 2-юм (21,3%) гузоштанд. Дар ин ҷо омӯзгорон ҳангоми муайян кардани таъсири ин омил ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилона нуқтаи назари касбӣ ба раванди тарбиявию таълимӣ зоҳир намуданд. Таълимгирандагон мутобиқ ба вазоифи таълимии берунӣ ширкат намеварзанд, аз ин рӯ, таъсири ин авомилро чунин арзёбӣ кардаанд.

Омили аз ҳама охирини ин гурӯҳ «Дар мазмуни маводи таълимӣ мавҷуд будани алоқаҳои байнифаннӣ» - таълимгирандагони синфҳои боло ҷойи 6-ум (6,2%) ва омӯзгорон ҷойи 3-юмро сазовор донистанд. Албатта, омӯзгорон дар қиёс бо таълимгирандагон имконоти алоқаҳои байнифанниро дар ҷараёни фаъолгардонии кори мустақилона беҳтар дарк мекунанд. Тавассути кумак ва ёрмандии алоқаҳои интегратсионии мухталифсамт метавон дар сатҳи баланд заминаи дидан ва ҳалли мушкилоти мураккаби фаннӣ на фақат ҷиҳати амиқ ва ҳамаҷониба боз намудани муҳтавои фанҳои таълимӣ имконот фароҳам меоваранд, балки бо ёрии ҷалби донишҳои дигар фанҳо ба фаъолиятнокии кори

мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни аз бар кардани донишҳои ҷадид дар ҷараёни дарсҳо ва кори мустақилона кумаку ёрмандӣ мерасонанд. Акнун ин ҷо бояд таълимгирандагон ҳарфи худро бигӯянд ва нишон диҳанд, ки онҳо дар аз худ кардани мавод чӣ қадар тезчанголу боҳушанд ва дар ҳамин ҷо аз худ ибтикор нишон дода, маводи таълимиро бе каму костӣ аз худ намоянд. Гап дар сари он, ки имконот ва зарфияти хонандагон ва инъитофи онҳо барои аз бар кардани маводи таълимӣ иҷозат медиҳад, фақат омӯзгоронро лозим аст, ки ҷавонон дар навбати мо таълимгирандагонро барои иҷрои ин кор сук диҳанд ва ташвиқ кунанд. Ин ҷо нақши сук ва ташвиқ боло меравад, чун ҳанӯз таълимгирандагон ба умқи хеле аз масоил намерасанд ва таҷрибаи ками зиндагӣ дар ин маврид дастгирӣ онҳо нест.

Дар асоси омӯзиши дараҷаи таъсири омилҳои мазмун ба ФФМ-и хонандагон ба чунин натиҷа расидан мумкин аст:

-танҳо инъикоси пурраи мазмуни ин ё он фанни таълимӣ, машғулияти алоҳида бо мақсади ФФМ-и хонандагон барои маҳсулнок ба амал баровардани ин раванд аҳамияти калон доранд;

-омӯзиши мавод имкон дорад, ба ҷараёни фаъолгардонии фаъолияти мустақилона дар шакли мусбӣ таъсиргузор бошад, агар ҳаҷми он ба вақти ҷудошуда мувофиқат намояд;

-маводи омӯзиш аҳамияти амалӣ дошта, барои фаъолгардонии қисмати бедоркунӣ-эҳсосоти фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон кумак мерасонад;

-робитаҳои байнифаннии мазмуни маводи таълим, барои ташаккул ва рушди маънавии хонандагон, ки ба мақсадҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилона мувофиқанд, ёрӣ мерасонанд.

Ҳангоми таҳлили омилҳои мазмун ва хулосаҳои овардашуда, инчунин дар мавриди коркарди низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди тарбиявию таълимии

муассисаҳои таълимӣ фаъолияти назарраси ҳамаи онҳо зимнан ба инобат гирифта шудаанд.

Ҳамин тавр, муҳтавои ин ё он предмет, машғулияти конкрети авомили муҳимми таъсиркунанда ба ҷараёни фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон ва наврасон маҳсуб меёбад. Агар муҳтавои ҳадафи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаро инъикос намояд, ба талаботи аҳамияти амалӣ, илмӣ будани он ва мумкин ба азбаркунии хонандагон дар вақти ҷудошуда ҷовобгӯ буда, қобилияти ба таври мусбӣ таъсир кардан ба натиҷаи таҳқиқотро дорад.

**Бахши сеюми авомил** бар асоси таснифи асосӣ, ки қисмати ташкилӣ-фаъолияти ҷараёни ФФМ-и таълимгирандагон ном бурда шуд, омили фаъолият маҳсуб меёбад.

Гунаи анъанавии шарҳдиҳӣ-тасвирии таълим аз сӯйи таълимгирандагон ба азбар кардани донишҳои омода бунёд ёфтааст. Дар ин хели таълим таълимгиранда зимни азбар кардани донишҳо нақши ғайрифаъол дорад, ки бояд онро қабул ва аз худ карда (дар хотир нигоҳ дорад), дар имтиҳон онро муҷаддадан ҳосил кунад. Дар амсилаи анъанавии таълим таълимгиранда дар аксари маворид дар нақши объект баромад менамуд, фаъолиятнокии танҳо омӯзгор пайдо мешуд. Ин амсилаи мактабиро дар аксари маворид «Хотираи мактабӣ» исм мебурданд. Аммо дар чунин таълим на ҳама вақт ва фаъолгардонии фаъолияти мустақилона ва рушди имкониятҳои эҷодии хонанда таваҷҷуҳ карда мешуд. Амсилаи анъанавии таълим бар асоси муоширати фронталии омӯзгор ба хонанда пешниҳод менамуд, ки то андозае ба кам шудани суҳбат, муоширати байни иштирокдорони ҷараёни омӯзишу парвариш сабаб мешуд.

Муносибати танқидӣ ва таълими шарҳдиҳӣ-таълимӣ аллакай дар қарни гузашта пайдо шуда буд [183; 63]. Сабаби тағйир ёфтан, ин талаботи ҷамъият нисбат ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумӣ, инчунин мутаносибан дигаргун шудани ҳадафҳои таълим буд.

Аллакай ба далели он, ки амсилаи таълими муосир бо дарназардошти таъсири (шарҳи) илмии ҳолати рушду тараққии ҷомеа, зиндагӣ дар оянда ва тарғибу ташвиқи эшон бунёд карда шавад, шакку шубҳае вуҷуд надорад.

Тавре болотар ишора карда шуд, таълим наметавонад бидуни муҳосиба ва баҳисобгирии арзишҳои маънавӣ вуҷуд дошта тавонад. Яъне ин маворид барои таълим як чизи зарурӣ ва ҳатмӣ маҳсуб меёбанд. Агар мо бихоҳем дар ҷараёни таълим дигаргунӣ ва тағйироте ворид намоем, боястӣ корро тавре ба роҳ монем, ки тамоми фаъолияту амали мо дар масири ироаи мустақилияти таълимгирандагон ҷараён гирад, он вақт мо бо итминони комил метавонем бигӯем, ки кори мо натиҷаи хуб ба бор меорад ва мо ба нияту аҳдофи мушаххас кардаи хеш мерасем. Ба андешаи мо роҳи дигаре вуҷуд надорад ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад.

Амсилаи педагогӣ барои мо як нуқтаро бармало месозад, ки дар ҷараёни таълим ин ду субъект, яъне таълимгиранда ва омӯзгор ба якдигар таъсир мекунанд.

Ҷанбаи ташкилӣ-фаъолиятнокии ҷараёни омӯзишу парвариши таълимӣ зимни иҷрои якчанд талабот нисбат ба фаъолгардонии мустақилияти маърифатӣ кумак мерасонад:

- фаъолгардонии фаъолияти мустақилона ва ҷараёни рушду тараққии таълимгирандагон боястӣ дар ягонагии танго-танг қарор дошта бошанд, ҳатто фаъолиятнокӣ рушду тараққии таълимгирандагонро шавқманд гардонида, ҳамзамон ба натиҷаи он такя менамояд;

-шаклгирии босалоҳият боястӣ ҳадафи ниҳоии ҷараёни омӯзишу парвариши таълимӣ набуда, танҳо василаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилона ва рушду тараққии таълимгирандагон маҳсуб меёбад;

-алъон мо дар шароите қарор дорем, ки ва шаклҳои анъанавӣ, технология ва равишҳои таълимро тағйир диҳем, ки равобити аломатҳои мустаҳкамӣ, тағйирёбӣ, консервативӣ ва динамикии таълим якдигарро такмил намоянд ва анъанаҳои маданӣ-маърифатӣ, педагогии таълимии ватаниро мунъакис намоянд;

-ба таври ҳатмӣ таълими фардӣ ва тафриқавиро роҳандозӣ ва рушду тараққӣ диҳем;

-пойгоҳи моддӣ-таълимии муассисаҳои таълимиро бар асоси дархости ҳозиразамон ва технологияҳои ҷадиди таълим ва ғайраҳо таҷдид мекунем [183; 116; 124; 144].

Ба гуфтаҳои боло такя карда метавонем гӯем, ки аз авомили роҳандозии фаъолият ба ФФМ инҳо таъсиргузор мебошанд:

-дар ҷараёни таълиму тарбия истифодаи хелҳои анъанавӣ, технология ва методҳои таълим (дар муассисаи таълимӣ низоми синфӣ-дарсӣ, таълимӣ, шарҳдиҳӣ-тасвирӣ ва ғайраҳо);

-дар раванди тарбиявӣ-таълимӣ истифода намудани шаклҳои анъанавӣ, технология ва методҳои тағйирот даровардашуда (дарсҳо ва лексияҳои проблемавӣ, маърузаҳои муҳокимавӣ, семинар-баҳс, дарсҳо ва семинарҳои тадқиқотӣ, машғулиятҳои амалии ба интихоби касб равона кардашуда ва амсоли инҳо);

-дар ҷараёни омӯзишу парвариш татбиқи хелеҳои ҷадиди технология ва методҳои таълим (амсиласозӣ), бозиҳои мухталифи омӯзишӣ, тренинг, аз бар кардани давраҳои омӯзишӣ тавассути Интернет ва амсоли инҳо;

- мавриди истифода қарор додани таълими равиявӣ дар ҷараёни тарбиявӣ-таълимӣ (барои мактабҳои равиявӣ, синфҳои равиявӣ), корҳои истеҳсолӣ, рефератҳо ва амсоли инҳо;

- истифодаи васеи таълими фардӣ ва тафриқавӣ дар ҷараёни омӯзишу парвариш;

-таҳкими пойгоҳи моддӣ-таълимии муассисаҳои таълимӣ дар асоси талаботи замони ҳозира ва амсоли инҳо;

Пурсиши таълимгирандагон, омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҷрибавӣ дар бораи таъсири омилҳои ташкили фаъолият ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилона дар ҷадвали 8 оварда шудааст.

Натиҷаҳои дараҷаи таъсири омилҳои ташкили фаъолиятро ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таҳлил менамоем.

Аз шаш омиле, ки пешниҳод гардид, 26,2% таълимгирандагоне, ки дар пурсиш иштирок карданд, омили «Дар раванди таълиму тарбия ҷорӣ кардани шаклҳо, технология, методҳои нави таълим»-ро дастгирӣ намудаанд. Аз рӯйи натиҷаи интихоби омӯзгорон ин омил дар ҷойи сеюм (18,8%) мебошад. Ин аз он хабар медиҳад, ки омӯзгорон хоҳиши дар раванди таълиму тарбия истифода намудани шаклҳои нав, технология ва методҳои хусусияти навдоштаро надоранд.

Якум, ки 18,8% қариб панҷ қисми ҳамаи пурсидагонро ташкил менамояд. Дуюм, ҳудудан теъдоди хеле ками омӯзгорон (9,6%) метод, технология ва шаклҳои анъанавиро барои фаъолгардонии кори мустақилонаи таълимгирандагони ҷавон пурсамар меҳисобанд. Дар ин вазъият мумкин аст, ки дар омӯзгорон куҳнапарастӣ (консерватизм) мулоҳизакорӣ нисбат ба шаклҳои инноватсионӣ, технология ва методҳои таълим пайдо шудааст. Мумкин, ки на ҳамаи омӯзгорон ҳатто дар ҳолати мавҷуд будани хоҳиши истифода намудани шаклҳо, технологияҳо ва методҳои таълим, онҳоро дар амалия истифода бурда метавонанд. Барои ҳамин тарзи истифодаи онҳоро ба омӯзгорон бояд омӯзонем.

Ба фикри насли ҷавон омили муҳимми таъсиркунанда ба фаъолияти маърифатӣ «Дар раванди таълиму тарбия ба амал баровардани таҷрибаи равиявӣ ва корҳои истеҳсолӣ, иҷрои рефератҳои равиявӣ мебошанд» (20,6%, ҷойи 2). Ин бори дигар хулосаи қаблан баровардаро тасдиқ менамояд, ки аҳамияти амалии донишҳоро аз худ карда, ҳолати ваҷҳнокии фаъолгардонии кори мустақилонаро баланд

мебардоранд. Озмоиш нишон дод, ки хонандагони калонсолтар аз масоил огоҳӣ пайдо карда, хуб арзёбӣ мекунанд. Таъсири ин омилро омӯзгорон хоксорона арзёбӣ карда, дар рейтинг ҷойи 5 (12,6%)-ро гирифт.

Ҷадвали 8

**Омилҳои ташкили фаъолияте, ки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд (тибқи назарсанҷии 450 нафар хонандагон ва 160 нафар омӯзгорон)**

| № | Омилҳо | Интихоби омили хонандагон (%) | Дараҷа (ҷой) | Интихоби омили омӯзгорон (%) | Дараҷа (ҷой) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Дар раванди таълиму тарбия ҷорӣ кардани шаклҳо, технология ва методҳои нави таълим | 26,2 | 1 | 18,8 | 3 |
| 2 | Дар раванди таълиму тарбия амалӣ намудани раванди равиявӣ, истеҳсолӣ, иҷрои корҳои реферативӣ, | 20,6 | 2 | 12,6 | 5 |
| 3 | Мувофиқати базаи моддӣ-таълимӣ ба талаботи муосир | 19,8 | 3 | 19,4 | 2 |
| 4 | Дар раванди таълиму тарбия истифода бурдани шаклҳои анъанавӣ, технология ва методҳои нави аз нав дида баромадашуда | 18,6 | 4 | 24,8 | 1 |
| 5 | Дар амалияи таълиму тарбия ҷорӣ намудани таълими фардӣ ва тафриқавӣ | 11,8 | 5 | 15,8 | 4 |
| 6 | Дар раванди таълиму тарбия истифода бурдани технология, методҳо ва шаклҳои нави таълим | 10,7 | 6 | 9,6 | 6 |

Дар рейтинг ҷойи нисбатан болоро омили ташкили фаъолият ишғол менамояд, аз рӯйи пурсиш таълимгирандагон (19,8%, ҷойи 3), омӯзгорон (19,4, ҷойи 2) ба ин омил доданд, ки ҳолати пойгоҳи моддӣ-таълимии муассисаи таълимие, ки ба талаботи замони муосир посухгӯ мебошад, ба ФФМ таъсири мусбӣ дорад. Ин андешаеро, ки якчанд маротиба такрор шуд, татбиқи шаклҳо, технологияҳо, равишҳои ҷадиди таълим бе мавҷудияти пойгоҳи моддӣ-техникӣ (таҷҳизоти лабораторӣ, таҷҳизот бобати истифода дар ҷараёни омӯзишу парвариш таълими

технологияи ахбори коммуникативӣ-иртиботи ва амсоли инҳо ғайра) ғайриимкон аст, тайид менамояд.

Натиҷаҳои омӯзиш нишон медиҳад, ки ба амал баровардани фардикунонӣ ва тафриқа аз нуктаи назари чи хонандагон ва чи омӯзгорон метавонанд ба таври ҷиддӣ ба раванди таълиму тарбия таъсир расонанд. Ин омилро (11,8% ҷои 5) хонандагон ва (15,8% ҷойи 4), омӯзгорон муҳим шумориданд. Инҳо хотиррасон менамоянд, ки дар раванди ФФМ-методҳо, технологияҳо, шаклҳои нави таълим, ки фардикунонӣ ва тафриқавӣ дар амалияи таълим дар якҷоягӣ истифода карда шаванд, яъне бо назардошти хусусиятҳои типологии фардӣ-равоншиносии хонандагон тағйир дода шудаанд, ба раванди фаъолгардонии фаъолияти мустақилона таъсири мусбӣ мерасонанд.

Аз тарафи омӯзгорон дар раванди тарбиявию таълимӣ амалӣ намудани таълими фардӣ ва тафриқавӣ, яке аз омилҳои калидии фаъолиятнокии фаъолияти мустақилият мебошад. Таъсири муҳимми таълими фардӣ ва тафриқавӣ ба фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона ҳангоми коркарди консепсия ва низоми педагогии таҳқиқотии сифатҳои шахсияти хонандагон бояд ба назар гирифта шаванд.

Иштирокчиёни пурсиш дар бораи паст будани имкониятҳои шаклҳо, технологияҳо ва методҳои таълимии анъанавӣ барои фаъолгардонии қобилияти фаъолияти хонандагон ҳамфикр буданд, хонандагон (0,7%) ба ин омил бартарӣ доданд. Ин аз кӯшиши хонандагон оид ба дар раванди тарбияю таълим ишғол кардани ҷойи «фаъолтар» дарак медиҳад. Ба таъсири ин омил ба фаъолгардонии мустақилонаи маърифатӣ 9,6% омӯзгорон баҳои хуб додаанд.

Омӯзиши дараҷаи таъсири омилҳои ташкили фаъолият ба ФФМ барои баровардани чунин хулосаҳо имконият дод:

-тағйир додани равишҳои таълим, технология ва хелҳои анъанавӣ, истифодаи таълими анъанавӣ ва инноватсионӣ дар ҳамгироӣ метавонад

ба хеле боло рафтани фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон оварда расонад;

-шаклҳои азнавсозӣ, технология ва равишҳои таълиме, ки дар ҷараёни омӯзишу парвариш тавассути васоити фанни таълимӣ ва таҷҳизоти таълимии муосир мавриди истифода қарор дода мешаванд, шомили имконоти азими татбиқи ФФМ-и таълимгирандагон маҳсуб меёбад;

-вижагии тамоюлӣ (бобати таълимгирандагони синфҳои болоӣ) ба ФФМ имкон дорад, таъсири мусбӣ расонад;

-дар амалияи таълим мавриди истифода қарор додани шакл, технология ва равишҳои таълиме, ки ба ФФМ-и омӯзгорон равона карда шудааст, боястӣ таълими фардӣ ва тафриқавӣ ҳамроҳӣ намоянд.

Хулласи калом, бар асоси натиҷаи таҳқиқот авомили роҳандозии фаъолият ба ФФМ-и таълимгирандагону наврасон таъсири амиқ ва ҳамаҷониба дорад. Ба ин таъсиркунии субъективии иштирокчиёни раванди тарбиявию таълимӣ, ки ба шаклҳои фаъол ва рушддиҳии технология ва методҳои таълим асос ёфтаанд, метавонад ба ФФМ-и хонандагон таъсири калон гузорад. Агар дар ҷараёни омӯзишу парвариш танҳо шаклҳо, технология, равишҳои таълими анъанавӣ мавриди истифода қарор дода шавад, имкон дорад ин равиш боиси коҳиши сифатнокии ФФМ гардад. Яъне татбиқи равиш ва усулҳои ҷадид дар ҷараёни таълим ва бавежа ФФМ-и таълимгирандагон хеле муҳим ва зарурӣ мебошад.

**Гурӯҳи чоруми авомил** мувофиқи муносибати низомию мантиқие, ки мо дар асоси таснифи онҳо интихоб намудем, ба қисмати баҳодиҳӣ-самарабахши (натиҷанок) ҷараёни ФФМ маҳсуб меёбад. Ин гурӯҳ омили ташхиси натиҷа аст. Таҷриба нишон медиҳад, ФФМ-и хонандагон на фақат тавассути мазмуни фанҳои таълимӣ, шакл, технология ва методҳои таълим, инчунин бо ёрии амалиёти ташхисӣ амалӣ карда мешаванд.

Бахши арзёбӣ-самарабахш дар байни дигар қисматҳои раванди ФФМ-и хонандагон ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Он равобити баръакси байни омӯзгорон ва таълигирандагонро таъмин менамояд, ба омӯзгорон ва хонандагон барои тасдиқи натиҷаҳои меҳнати худ имконот фароҳам меоранд. Робитаҳои баръакс ба омӯзгор маълумоти мушаххаси ФФМ-и насли ҷавон дар оянда пешниҳод мекунад.

Назорат, санҷиши педагогӣ ва баҳо додан ба самаранокии фаъолияти ояндаи касбии омӯзгор ба таври доимӣ омӯхтан ва баҳо додан ба вазъияти динамикии (серҳаракатӣ) раванди ФФМ ва пай дар пай рушд ёфтани объектро дар назар дорад: хонандаи синфҳои боло.

Ташхиси педагогӣ ба ФФМ-и хонандагон мусбӣ таъсир мекунад, агар он ба як дида дархост посухгӯ бошад:

«-ташхиси ФФМ-и кулли шогирдон дар тули давраҳои омӯзиши ин фанни таълимӣ шомили хусусияти доимӣ бошад;

-ташхис боястӣ бар асоси муносибати маҷмуӣ (комплексӣ) амалӣ шавад, ки ҳамаи шаклҳои мухталиф, равишҳо ва воситаҳои назорат, санҷиш, арзёбӣ иртиботи танҳо-танҳо ва ягонагӣ ба ҳадафи ягона итоат намоянд. Чунин муносибат равишҳои ҷудогона бобати кулли истифодашаванда ва васоити ташхиси сатҳи ФФМ-и таълимгирандагонро дар назар надорад;

-мазмуни дастгоҳи ташхисӣ (супориш, машқ, масъалаҳо, тестҳо, саволҳо ва амсоли инҳо) бояд аз назари илмӣ асоснок бошанд;

-ташхис бояд дар шакли боз, аз рӯйи як меъёри ба кулли таълимгирандагон якнавохт доир карда шавад;

-зарур аст, ки таълимгирандагон барои комёб шудан дар кори фаъолияти мустақилона ташвиқ карда шаванд, минҷумла бобати фаъолияти эҷодӣ ҳавасмандкунии ваҷҳӣ татбиқ карда шавад;

-эълони натиҷаҳои ташхис, баррасӣ, таҳлили онҳо боястӣ вижагии кушода дошта бошад;

-ташхис боястӣ бобати ташаккули комилан мувофиқи ҳударзёбӣ, муносибати танқидии хонандагон ба комёбиҳои худ ёрӣ расонад;

-дар ҷараёни амалиёти ташхисӣ муҳайё сохтани фазои педагогие, ки ба эҳсосот, нобоварӣ, хафашавӣ, нороҳатии ХСБ сабаб шавад, роҳ додан лозим нест» [15; 44; 62; 60; 109].

Вобаста ба тасаввуроти мавҷуда роҷеъ ба накши қисмати баҳодиҳӣ-самаранокии ҷараёни ФФМ ва ироаи талабот ба амалиёти арзёбӣ ба андешаи чунин номгӯйи авомили ташхиси самаранокӣ ҳамроҳ мешавем:

-низомнок гузаронидани ташхиси натиҷаҳои ФФМ ва мувофиқати мазмуни ташхис ба маводи пеш омӯхташуда;

-дараҷаи кушоду равшани баҳодиҳӣ ба ФФМ ва мавҷудияти функсияи ҳавасмандкунӣ дар баҳодиҳӣ дар фаъолиятнокии мустақилияти фаъолияти хонандагон;

-дараҷаи мувофиқи равоншиносӣ дар амалиёти баҳодиҳӣ ба натиҷаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон.

Маълумоти таҳқиқот дар бораи натиҷаи таъсири омилҳои ташхис ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилона дар нақшаи 9 оварда шудааст.

Зимни таҳлили натоиҷи назарсанҷӣ роҷеъ ба таъсири авомили ташхиси натиҷаи ФФМ таваҷҷуҳи асосиро аслан мувофиқати андеша роҷеъ ба таъсири баъзе авомили ин гурӯҳ ҷалб менамоянд, ки таълимгирандагон изҳор намуданд (омилҳо ҷойи якум ва дуюмро гирифтанд, ҷамъашон-56,4% пурсидашудагонро ташкил мекунанд) ва гуногунандешӣ перомуни накши авомили ин тим дар васати омӯзгорон (омиле, ки ҷойи 1-ум (22,1%) ва охиринро гирифтаанд-18,1%. Аз ин бармеояд, ки дар ҷараёни омӯзиш авомили ироашуда бобати таълимгирандагон «ҷолиб» буданд, андешаи омӯзгорон перомуни ин гурӯҳи авомил ва «ҷолибии» онҳо мухталиф маҳсуб меёбанд. Ин чиз ба мо нишон медиҳад, ки омӯзгорон кулли омилҳоеро, ки дар ҷараёни

омӯзишу таҳқиқ ироа карда шудаанд, меҳисобанд, чунки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилона қариб ба таври мусовӣ таъсиргузор мебошанд.

Ҷадвали 9

**Омилҳои ташхиси самаранокӣ», ки ба ФФМ-и хонандагон таъсир менамоянд (аз рӯйи натиҷаи назарсанҷии 600 нафар хонандагон ва 160 нафар омӯзгорон)**

| № | Омилҳо | Интихоби омилили хонандагон (%) | Дараҷа (ҷой) | Интихоби омили омӯзгорон (%) | Дараҷа (ҷой) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Дар баҳодиҳии фаъолиятноки мустақилияти фаъолияти хонандагон мавҷуд будани ҳавасмандӣ | 30,8 | 1 | 20,2 | 3 |
| 2 | Мавҷудияти шароити хуби психологии баҳодиҳӣ ба самаранокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилона | 25,6 | 2 | 18,1 | 5 |
| 3 | Баҳодиҳии ошкорову шаффоф ба самаранокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилона | 23,4 | 3 | 18,8 | 4 |
| 4 | Мувофиқати мазмуни маводи ташхисӣ ба маводи пеш омӯхташуда | 12,8 | 4 | 20,8 | 2 |
| 5 | Ташхиси доимии самаранокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилона | 7,4 | 5 | 22,1 | 1 |

Қисми зиёди хонандагон (30,8%) дар байни омилҳои ташхиси самаранокӣ омилеро, ки ба натиҷаи ФФМ-и хонандагон таъсири зиёд дорад, ҳавасмандкунӣ меҳисобанд. Зимни таҳлили натиҷаи омӯзишу таҳқиқ таъсир ба фаъолиятнокӣ, амалан кулли авомил ба вазъияте дучор меоем, ки таълимгирандагон он омилҳоеро ҷудо мекунанд, ки ба ҳавасмандкунии мотиватсионии фаъолияти фаъоли мустақилона ҳидоят шудаанд. Ин як маротибаи дигар моро водор месозад, ки таваҷҷуҳи асосиро ба фаъолгардонии қисмати бедоркунандаи эҳсосотии фаъолияти мустақилона равона созем. Дар рафти пурсиш 20,2% омӯзгорон ин омилро ҳамчун воситаи муҳимми таъсиркунанда ба фаъолияти

мустақилонаи хонандагон дар раванди тарбия ва таълим ҳисоб намуданд.

Дар ҷойи дуюм, аз рӯйи натиҷаи таҳқиқоти хонандагон омили мавҷудияти шароити хуби баҳодиҳӣ ба самаранокии ФФМ-ро гузоштаанд, 25,6% пурсидашудагонро ташкил менамоянд. Омӯзгорон ин омилро дар ҷойи 5-ум гузоштаанд (18,1%). Ин натоиҷ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар қисмати бештари субъектҳои раванди тарбиявӣ-таълимӣ фаҳмиши муҳим нақши якҷоя амал кардан, ҳамчун шарти самараноки фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро мебозад.

Омили кушоду шаффоф баҳодиҳӣ ба самараноки ФФМ аз рӯйи натиҷаи тадқиқи хонандагон ҷойи 3-юмро ишғол намуд (23,4%). Омузгороне, ки дар ин таҳқиқот ширкат намуданд, ба ин омил ҷойи 4-ум (18,8%) баҳо доданд. Чи тавре аз ин бармеояд, таълимгирандагон ва омӯзгор вижагии ошкорою шаффоф доштани ташхисро ҷонибдорӣ менамоянд, ҳисоб мекунанд, ки ин ҳолат барои ФФМ муҳим аст.

Таълимгирандагоне, ки дар таҳқиқот иштирок намуданд (12,8%, ҷойи 3-юм) сифати аз ҳама муҳим «омили ташхиси самаранок»-ро ном бурданд, ки ба ҳолати пеш омӯхта мувофиқат менамояд. Омӯзгорон нисбат ба насли ҷавон, ба ин омил ҷойи 2-юмро (20,84%) муносиб донистанд. Ба фикри мо сабаби ин фарқият боз ҳам ҳолати касбии омӯзгорон дар кори ташхиси педагогӣ мебошад.

Натиҷаи ҷавобҳоро бо саволи таъсири ФФМ-и хонандагон омили «Ташхиси доимии самаранокии фаъолияти мустақилона» то як дараҷа муқобил маънидод кардан мумкин аст. Омӯзгорон ин омилро аз ҳама боло (22,1, ҷойи 1-ум), хонандагон бошанд, дар ҷойи охирин (7,4%, ҷойи 5-ум) гузоштаанд. Вақте мо ба ин натоиҷ нигоҳ мекунем, то андозае мушаввашхотир мешавем, ба он сабаб ки ҷиҳати ба зарурати баҳамтаъсиркунии (ҳамкории) педагогӣ дар ҷараёни ФФМ камтар мувофиқат менамояд. Он чизе мо ба даст овардем, яъне ахборе, ки ба

даст омад, моро ба ҷустуҷӯйи шаклу роҳҳо ва технологияҳои ҷадид сук дода, водор мекунад, ки мо дунболи равишҳои нави ташхис бошем. Ва болотар аз ин омӯзгоронро низ бо анвои технологияи ҷадид ошно намоем.

Аз ин ҷо, омӯзиши таъсири омилҳо, ташхис ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилона барои ба даст овардани бархе аз хулосаҳо имконот фароҳам мекунад:

-функсияи муҳимми ташхиси педагогӣ ҳавасмандии фаъолияти мустақили фаъолияти таълимгирандагон маҳсуб меёбад;

-арзёбӣ ба самаранокии ФФМ, боястӣ дар шароити хубу гуворо ва дилчаспи равонӣ доир шавад, ки барои барқарор кардани ҳамкории якҷояи субъектҳои ҷараёни омӯзишу парвариш кумак мерасонад;

-ташхиси педагогӣ дар он сурат ба фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон таъсири мусбӣ мерасонад, ки агар он хислати доимӣ, озод, шаффоф дошта бошад ва аз рӯйи маводи ташхиси мухталиф ва босаводона таҳия ва доир карда шавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили натоиҷи таҳқиқот ва таъсири авомил ба фаъолиятнокии мустақилияти маърифатӣ ба мо нишон дод, ки аспектҳои гуногуни раванди тарбиявию таълимӣ дорои имкониятҳои гуногуни фаъолгардонии сифатҳои шахсияти таълимгиранда мебошад, ки ҳангоми таҳқиқот бояд ин раванд ҳатман ба инобат гирифта шавад. Тавре таҳқиқот нишон дод, нуқтаи назари муҳим дар таъсир ба фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон ва омӯзгорон чунин омилҳо мебошанд:

-мавҷуд будани мақсаде, ки хонандагонро ба фаъолияти мустақилона водор намояд;

-бо мақсади фаъолияти мустақилона бе супориш аз берун хонандагон мустақилона вазифа гузошта тавонанд;

-мувофиқи ҳаҷми маводи омӯзиш барои азхудкунӣ ҷудо кардани вақт;

-дар раванди тарбияю таълим ҳарчи зиёдтар истифода бурдани шакл, технология ва методҳои нави таълим;

-ҳангоми баҳодиҳӣ ба самаранокии фаъолияти мустақили хонандагон мавҷудияти ҳавасмандӣ.

Хулласи калом, дар асоси бахшҳои ҷараёни фаъолиятнокии маърифатӣ мо омилҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо намудем: омилҳои ҳадаф, мазмун, роҳандозии фаъолият ва авомили ташхиси самаранокӣ. Ҳамаи ин авомил аз таҳқиқоти пештара истифода бурда, дар ҷадвалҳои пешниҳодгардида низ инъикос намудаем.

Агар таснифи пешниҳодшударо бобати такмил ва ҳаматарафа таҳлил намудани омилҳое, ки ба фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти хонандагон дар раванди тарбиявию таълимии муассисаҳои таълимӣ таъсир менамоянд, дар ҳар сохтори қисматҳои ҷараёни таҳқиқот дида бароем, мо мефаҳмем, ки ба ҷараёни фаъолиятноки фаъолияти мустақилонаи таъсири мусбӣ ё ин ки манфӣ нисбат ба доираи дигари омилҳо низ мерасонанд (Ҷадвали 10.).

Мо хуб медонем, ки авомили аслии таъсиркунанда ба фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи насли ҷавон, инҳо мебошанд:

-дараҷаи омодагии умумии таълимгирандагон;

-имконот ва зарфияти хонандагон ба фаъолияти таълимӣ;

-хусусиятҳои хосси андешаи таълимгирандагон ва амсоли инҳо;

Омилҳое, ки ба кору фаъолияти омӯзгорон алоқамандӣ доранд:

-дараҷаи омодагии илмӣ-методии ин ё он омӯзгор;

-дараҷаи дониши назариявии омӯзгор аз рӯйи фанне, ки таълим медиҳад;

-тавоноӣ ва қудрати кори омӯзгор;

-маълумотномаи шахсияти омӯзгор ва амсоли инҳо.

Мо қайд кардем, ки баҳисобгирӣ ҳамчун шароити зарурии самаранокии фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти хонандагон дида баромада мешавад.

**Ҷадвали 10.**

**Омилҳое, ки ба фаъолиятнокии мустақилонаи хонандагону ҷавонон дар раванди таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ таъсир мерасонанд**

| Омилҳои мақсад | Омилҳои мазмун |
|---|---|
| -гузоштани омӯзгорон, мақсади фаъолиятнокии маърифати мустақилияти хонандагон;<br>-аниқ гузоштан ва ба маълумоти синф расонидани мақсадҳо ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ;<br>-дараҷаи дастрас будани мақсадҳои машғулият барои хонандагон ва амсоли инҳо | -дараҷаи аҳамияти амалӣ доштани маводи омӯзиш;<br>-мувофиқати ҳаҷми маводи таълимӣ ба вақте ки барои азхудкунӣ ҷудо карда шудааст;<br>-мувофиқати мураккабии маводи омӯзиш ба имкониятҳои хонандагон;<br>-дар маводи омӯзиш инъикос ёфтани муваффақиятҳои илми ҳозира ва амсоли инҳо |

**Фаъолиятнокии мустақилияти хонандагон дар раванди таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ**

| Омилҳои ташкили фаъолият | Омилҳои мақсад |
|---|---|
| -дар раванди таълим татбиқ намудани шаклҳо, методҳо ва усулҳои нави (инноватсионии) таълим;<br>-дар амалияи таълим татбиқ намудани равандҳои равиявӣ ва истеҳсолӣ;<br>-мувофиқати базаи моддӣ-таълимии муассисаи таълимӣ ба талаботи замони ҳозира ва ғайраҳо. | -ҳангоми баҳодиҳӣ ба фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ мавҷуд будани функсияи ҳавасманд кардан;<br>-дараҷаи ташкили ҳузуру ҳаловати психологӣ ҳангоми муайян кардани самаранокии фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти и хонандагон ва ғайраҳо. |

Фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш дар муассисаи таълимӣ ҳамчун низоми томи (пурраи) педагогӣ дида баромада мешавад. Ояндаи таҳқиқот ба коркарди низоми педагогии фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълимию тарбиявии муассисаи таълимӣ бахшида мешавад.

## ХУЛОСАИ БОБИ ДУВУМ

Фанни педагогика ба тарзи муназзам барои роҳандозии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон аҳамияти махсус

медиҳад. Омӯзиши нуқтаю назари гуногун дар бораи мафҳуми «фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон» нишон дод, ки таърифи ин мафҳум-маънои муайян кардани таносуби он паҳлуи муносибатҳои гуногуни шахсро дорад: муҳтавои он, ҳадафи он дар зиндагӣ, ояндаи ҳаёт аст. Мустақилияти шахсият-гуногунақидагӣ ва гуногунҷанбагии таълим аст. Яке аз ошкоршавиҳо намуди мустақилияти шахсияти фаъолияти мустақилона мебошад. Фаъолияти мустақилона дар раванди фаъолияти хонандагон дар ҳама давраҳои мавҷудияти он ташаккул меёбад. Аз ин ҷо таърифоти мафҳуми «ташаккули фаъолияти мустақилона» ва «давраҳои ташаккули фаъолияти мустақилона» шартӣ аст. Ташаккули фаъолияти мустақилона-ин пай дар пай дар якҷоягӣ амалкунии педагогии субъектҳои раванди таълиму тарбия аст, ки ба пешравии хонандагон аз давраи ташаккулёбӣ ин сифати шахсият то давраҳои рушд ва фаъолиятнокии онҳо амал менамоянд.

1. Кору фаъолияти мустақилона ин сифати шахсиятест, ки дар таълимгирандагон зимни зуҳури дархост ва маҳорати азхудкунии босалоҳияти ҷадид, аз бар кардани воситаҳои фаъолияти маърифатӣ, такмили онҳо ва истифодаи эҷодкоронаи онҳо ҷиҳати ҳаллу фасли масоили мухталиф бармало мегардад.

2. Ҷараёни фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона ба ҳайси бедоркунандаи шавқу ҳаваси ҷараёни пазироии фард, хаёлот, тафаккур, инчунин талоши аз бар кардани босалоҳияти ҷадид ва тақозо ба эҷодкорӣ дида баромада мешавад.

3. Омилҳое, ки ба раванди фаъолгардонии фаъолияти мустақилияти хонандагон таъсир мекунанд, инҳоянд:

-омилҳои мақсад: гузориши мақсад аз тарафи педагог дар ҷараёни таълими фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон; гузоштани ҳадафи мушаххас ва расонидани он ба синф (гурӯҳ) вазифаҳои фаъолиятнокии мустақилияти маърифатӣ; мизони муваффақшавӣ ба хотири машғулият бобати таълимгирандагон;

мувофиқати ҳадафи машғулият ба мизони фаъолиятнокии мустақилияти фаъолияти таълимгирандагон ва амсоли инҳо ;

-авомили муҳтаво: мизони аҳаммияти амалии маводи таълимӣ; мувофиқати ҳаҷми маводи омӯзиш ба вақти ҷудо кардашуда; мувофиқати маводи таълимӣ ба имкониятҳои фаъолияти хонандагдагон; инъикоси муваффақияти илми ҳозира дар маводи таълим; дар мазмуни маводи омӯзиш ҷой додани робитаҳои байнифаннӣ ва ғайраҳо;

-авомили мусамири ташхис: дар ҷараёни арзёбӣ таҳияи шароити ҳузуру ҳаловати фаъолиятнокии фаъолияти мустақилиятӣ; шаффофияти самаранокии фаъолгардонии мустақилонаи маърифатӣ; мувофиқати маводи ташхисӣ ба маводи қаблан азбар карда шуда; ташхиси пайвастаи мусамири ФФМ ва ҳоказо.

Фаъолгардонии фаолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълими муассисаҳои таълимӣ-ин давраи охирин (ҷамъбастии) ташаккули фаъолияти мустақилона дар зинаи охирини таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд.

Натиҷаи коркарди асосҳои назариявии таҳқиқоти худро дар намуди хулосаҳои «фаъолияти мустақилона», «фаъолгардонии фаъолияти мустақилона», «раванди таълимӣ-тарбиявӣ-таълимӣ», «фаъолгардонии фаъолиятии хонандагону ҷавонон дар раванди таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таълимӣ» ва муносибатҳои маънои онҳо пешниҳод намудем

# БОБИ III. КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ – ОЗМОИШИ ДОИР БА ФАЪОЛГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ КОРҲОИ ТАЪЛИМӢ – ТАРБИЯВӢ ВА НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ ОНҲО

## 3.1.Низоми фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ

Имрӯз таълим аз рӯйи эҳтиёҷ, амалан таҳлил гардида, андӯхтани таҷрибаи нав тавассути устодони навҷӯ ва маводи омӯзиш, омӯхтани маълумоти наву саҳеҳ зарур ва амалан татбиқшаванда самарабахш аст. Омӯзиш тавассути танҳо гуфтану шунидан кифоя нест. Аз ин ҷо, сохтори низоми педагогии фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ нақши худро дорад.

Низоми педагогии фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ ба ҳар касе, ки бомуваффақият барои худ ва дигарон кор кардан мехоҳад, зарур аст. Дуруст ташкил ва интихоб кардани амсилаи  низоми педагогӣ на танҳо дар ҳаёти шахсӣ, инчунин дар кор лозим мешаванд, идораи ҷараёни дарс ҳамчун низом аст. Баъзан аз назар дур мондани ягон унсури номаълуму камаҳамият метавонад боиси бозистодани ҷараён гардад.

Бобати татбиқи вазоифи омӯзишию тадқиқотӣ мо таҳияи низоми педагогии ФФМ-и таълимгирандагонро ба кор гирифта, онро татбиқ намудем.

Дар рисолаи мо «сохтани амсила ба ҳайси равиш ва усули ифодаи ғайримустақими объект (раванд) истифода мешавад, ки ба ҳайси намунаи нусхаи асл таҳия мегардад» [96, с. 87]. Дар рисолаи мо ин намуна низоми педагогии фаъолгардонии маърифатӣ мустақилона таҳия карда шуда маҳсуб меёбад. Вай дар навбати хеш объекти таҳқиқотро муҷаддадан ҳосил ва инъикос мекунад, ки ҷараёни фаъолиятнокии

мустақилонаи фаъолияти таълимгирандагон ва наврасон дар як вақт онро дар чунин хел иваз мекунанд, ки омӯзиши низоми педагогии тахия карда ба мо роҷеъ ба ҷараёни воқеаи як таҳқиқот ахбори ҷадиду дурустро ироа кунад.

Дар амсиласозии мо васоити таҳқиқот ва таҷдиди ҷараёни фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон баррасӣ карда мешавад. Равиши амсиласозӣ ба мо бобати аз нав ҳосил кардани ҷараёни омӯзиш, сохтори он, алоқаҳо, мавҷудият ва нигоҳ доштани ин томият дар ҳама давраҳои таҳқиқот ёрӣ расонид.

Ҳамон тавре мо болотар зикр кардем, амсиласозии мо ба ҳайси дигаргуншавии вижагии фаъолият низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин хели дигаргунсозӣ воқеан зимни чунин таҳқиқоти гуногунҷанбаи мураккаб, ки ФФМ-и таълимгирандагон маҳсуб меёбад, хеле зарур буд. Зимни иҷрои корҳо мо як чизро ба хубӣ дарк кардем, ки дар ҳар сурат кам кардани бархе аз бахшҳо ва сода кардани амсила ба вуқуъ мепайвандад. Ҳамзамон мо зарур мешуморем, ки дар низоми педагогие, ки мо тахия кардем, вижагиҳои асосии раванди мавриди таҳқиқ ҳифз хоҳанд шуд. Мо бояд як чизро хуб дарк кунем, ки муваффақияти сохтани амсила зимни таҳияи низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилона аз ҳар ҷиҳат ба он марбут аст, ки то кадом андоза содакунониро бо интихоби дурусти аломатҳо ва содакунии онҳоро доир мекунем ва дар раванди бефосилаи раванди фаъолияти мустақилонаи хонандагон онҳоро нигоҳ медорем.

Аз рӯйи хосияти худ раванди таълиму тарбияро дар пуррагӣ ва ФФМ-и хонандагон, аз он ҷумла раванди мураккаби «диффузионӣ» номидан мумкин аст. Ғавру баррасӣ ва омӯзиши онҳо ба мо нишон дод, ки авомили мушкил ва печидаи мувофиқати одӣ бо маълумоти таҷрибавӣ наметавонад, тасдиққунандаи дурустии низоми педагогии амсиласозӣ хизмат намояд, чунки ҳамавақт имконоти тағйир додани амсилаи дигар низом, ки мусбӣ будани озмоишро тасдиқ намояд, мавҷуд аст. Дурустии

борварии низоми педагогии таҳия кардашударо амалияи дароз бар асоси фаъолияти муайян қайд менамояд. Бинобар ин, нишондоди муҳимми ҳақиқӣ будани низоми педагогии фаъолгардонии мустақилонаи фаъолияти таълимгирандагон барои мо инҳо маҳсуб меёбанд:

-мувофиқат ба дархосте, ки ба ҷараёни омӯзишу парвариш дар замони ҳозираи рушду тараққии ҷомеа тақозо мекунад;

-мувофиқат ба дараҷаи рушду тараққии илмӣ-педагогӣ;

-мувофиқати дархости ташкили сохторӣ-вазифавӣ ба талаботи умумиилмии назарияи амсиласозӣ.

Тавре дар боло ишора кардем, зимни интихоби амсиласозӣ ва таҳияи амсилаи низомии ФФМ-и таълимгирандагон мо ба нишондодҳои назарияи умумиилмии амсиласозӣ такя намудем. Бар асоси ин назария, ҷойи амсиласозӣ дар таҳқиқоти фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатӣ муайян карда шудааст:

«-омӯзиши падидаи таҳқиқот тавассути ҷамъоварии далоил;

-дар ҷараёни амсиласозӣ низоми педагогии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи таълимгирандагон ва омӯзиши ин низом, истифодаи натиҷаҳои ҳосил намуда, дар фаъолияти амалӣ, яъне ҷараёни ҳақиқии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи таълимгирандагон» [50, с. 88].

Ба нишондодҳои умумиилмии назария, ки асоси амсиласозиро ташкил менамояд, мо тасаввуроти мақсадноки монанд ба коркарди низоми педагогӣ ва раванди ҳақиқии ФФМ, ягонагии объективӣ ва субъективӣ дар амсиласозиро дохил намудем [77; 96; 70; 75].

Дар зери низоми педагогии ФФМ-и хонандагон дар раванди таълиму тарбия, мо маҷмуи робитаҳои байниҳамдигарии қисматҳои сохторӣ ва вазифавӣ, ки ягонагӣ, томият ва мақсадҳои зердастон ва вазифаҳои баланд бардоштани сатҳи ошкоршавии ин сифати шахсияти таълимгирандаро инкор месозад, мефаҳмем.

Низоми педагогии ФФМ-и хонандагон дар раванди таълиму тарбия кор карда шуд, сохтори вазифавӣ (функсионалӣ) мебошад. Тарафҳои функсионалии низоми педагогии фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатӣ дар динамика (рушд, ҳаракат) ошкор мегарданд. Тарафи сохторӣ дар ҷудо кардани қисматҳои таркиб, ки монандии низоми педагогии фаъолгардонии маърифатӣ ва раванди ҳақиқии фаъолиятнокии ин сифати шахсияти хонандагонро дар омор, дар ташкилии дохилӣ, дар шаклҳои алоқамандии қисматҳо инъикос менамояд.

Дар рафти коркарди низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, боястӣ равобити назарӣ ва амалӣ дар ҳама давраҳои таҳқиқот таъмин карда шаванд:

-тадқиқи методологии ФФМ-и хонандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши воҳидҳои таълимӣ;

-муайян намудани асосҳои назариявии ФФМ-и таълимгирандагон;

-таҳқиқи эмперикии ахбори аввалаи ҳолати ФФМ-и таълимгирандагони муассисаҳои таълимие, ки дар озмоиши педагогӣ бевосита ширкат меварзанд;

-омӯзиш ва муҳосибаи омилҳое, ки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилона таъсиргузор мебошанд;

-таҳлили фаъолияти амалии омӯзгорони муассисаҳои таълимие, ки дар озмоиши педагогӣ иштирок намуданд.

Натиҷаи ҳалли ҳар як вазифаи номбурда инъикоси худро дар сохтори низоми педагогии ФФМ-и хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ёфтааст. Амсилаи низоми педагогии таҳия кардашуда шомили панҷ қисмат мебошад **(ҷадвали 11)**:

1. Мақсади низоми педагогии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш муассисаи таълимӣ;
2. Тасаввуроти аввалини назариявӣ-методологӣ дар бораи ФФМ;

3. Бонки ахбори эмперикии маълумоти аввалини дараҷаи фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокии таълимгирандагону наврасон ва авомили таъсиркунанда ба ҷараёни таҳқиқ шуда истода;

4. Қисматҳои сохторӣ ва функсионалии низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон;

5. Таъмини технологие, ки бобати татбиқи низоми педагогии ФФМ заруранд.

Низоми педагогии ФФМ-и таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши муассисаҳои таълимӣ аз маҷмуи робитаҳои байниякдигарии қисматҳо, ки ягонагӣ, устуворӣ ва томиятро таъмин менамоянд, иборат аст.

**Ҷадвали 11.**

**Қисматҳои амсилаи низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**



Ҳар як панҷ қисмати амсилаи низоми педагогиро, ки кор карда шудааст, дар зер дида мебароем.

**Мақсади низоми педагогӣ** таъмин кардани сатҳи баланди ФФМ-и хонандагон ҳамчун шароити рушди шахсият мебошад.

Тасаввуроти назариявӣ-методологии аввалини маълумот инҳоянд:

-тамоюли рушди таълим, дар якҷоягӣ амал намудани омӯзгорон ва таълимгирандагон, бобати аз бар карадани салоҳдиди фаъолияти мустақилона равона карда шудааст;

-бар асоси муносибати низомавӣ ва назария амсиласозӣ;

-амсилаи низомавӣ, ки дар ҷараёни омӯзишу парвариш ва илми педагогика татбиқ мегардад;

-асосҳои назариявии амсилаи ФФМ, ки мо бо ҷалби муносибатҳои фарҳангӣ ва фаъоли шахсият нисбат ба мушкилоти таҳқиқшаванда ба даст овардем:

-андешаҳои аввалин, аҳдоф, вазифаҳо, қонунҳо, принсипҳо, мазмун, тарзи баамалбарории ҷараёни таҳқиқшаванда ва амсоли инҳо.

Бар асоси асосҳои назариявӣ-методологии ФФМ-и таълимгирандагон, таҳлили ҳолати аввалаи фаъолиятнокии ин сифати шахсияти таълимгирандагон, омилҳое, ки ба ҷараёни таҳқиқшаванда ва ҳадафи ташкили низоми педагогӣ таъсир мерасонанд, сохтори функсионалии низоми педагогии фаъолиятнокии сифати шахсияти омӯхташаванда муайян карда шуд.

Дар зери қисматҳои сохтории низоми педагогии ФФМ-и хонандагон таркиби асосии он, маҷмуи мавҷудият ва фарқияти он аз дигар низомҳо фаҳмида мешавад. Қисматҳои функсионалӣ ҳамчун робитаи асосии амсилаи қисматҳои низоми педагогии ФФМ-и хонандагон, ки ҳангоми фаъолият пайдо мешаванд ва бо ин ба такмили низом ва мустаҳкамии муайянии он сабаб мешаванд, дида баромада мешавад.

Дар ин низоми педагогӣ бо роҳи таъсиррасонӣ робитаҳои байниқисматҳои онро метавон ба бевосита ва бавосита ҷудо намуд.

**Робитаҳои бевоситаи (ростакӣ) -** таъсиррасонии аввал аро ба объекти муайян дар назар дорад. **Робитаи бевосита (баръакс)**-ин аз тарафи объект инъикос намудани таъсироти бевоситаро, ки ба сарчашмаи ин таъсиррасонӣ равона карда шудааст [18; 34; 23; 77].

Ҳангоми коркарди низоми педагогии ФФМ ҳолати раванди таҳқиқшаванда ва амсилаи ҳаракати он ба назар гирифта шуд. Ҳолати раванди ФФМ, дар бораи маҷмуи тарафҳо, ки дар ин ё он ҳолат ба амал меояд, маълумот медиҳад.

**Амсилаи ҳаракат -** аз рӯйи табиати динамика инъикос ва дар раванди низоми педагогӣ муайян карда шуд, ки ҳангоми гузаштан аз як ҳолат ба ҳолати дигар, аз як қисм ба дигараш, ки аз рӯйи функсияи худ дар ҳал ва вазифаҳои фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбия фарқ менамоянд, дида баромада шуд.

Қисмати муҳимми амсилаи низоми педагогии коркардашуда зернизомҳои онҳо мебошад. Ҳангоми ҷудо кардани онҳо мо ба амсилаи ФФМ коркардашуда такя намудем. Дар ин низоми педагогӣ мо якчанд зернизомро низ ҷудо намудем.

**Зернизоми педагогии** ФФМ-и хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ инҳо мебошанд:

-фаъолияти омӯзишии таълимгирандагон;

-фаъолияти хориҷ аз дарсии таълимгирандагон;

-омодагии илмӣ-методии омӯзгорон;

-ислоҳ кардани таъсиррасонӣ (якҷоя амал кардани) педагогӣ.

Ин зернизомҳо дар якҷоягӣ ҳамаи кори педагогии ФФМ-и хонандагонро дар бар мегиранд.

Хусусияти динамикии ФФМ-и хонандагон дар он аст, ки дар давраи муайян мегузарад. Давраҳо ва чорабиниҳо аз омилҳои объективӣ вобаста мебошанд. Инчунин таҳияи шароити мусоид ва амсоли инҳо.

Ба қисмҳо ҷудо кардани раванди мазкур аз рӯйи «уфуқӣ» дар асоси муайян намудани сатҳ ва натиҷаи омӯзиши фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокии хонандагон (банди 2.3), дар давраҳои кори педагогии пешравии хонандагон ба сатҳи баландтари фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокӣ равонагардидашуда ҷудо карда шудааст:

-давраи якум - роҳ надодан ба сатҳи пасти пешравии фаъолгардонии фаъолияти мустақилона;

-давраи дуюм - таъмин намудани пешравии хонандагон аз паст ба миёнаи ФФМ;

-давраи сеюм - таъмини пешравии хонандагон аз сатҳи миёна ба сатҳи баланди ФФМ.

Аз рӯйи «амудӣ» дар низоми педагогии коркардашуда зернизомҳое, ки дар боло нишон дода шуда буданд, ҷудо гардида ба нуқтаи назари гуногун таъсири ҳамдигарии педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ин амсила таркиби асосии низоми педагогии ФФМ-и хонандагонро дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ташкил менамояд.

Феълан мо ба марҳилае ворид шудем, ки метавонем аз муаррифии амсила ба баёни сохтори функсионалии низоми педагогии мунтақил шавем. Ин ҷо низ мо дар навабти хеш аз худ эҷодкрӣ нишон дода онро ба тариқ ва наҳваи хеле сода ва равон баён хоҳем дошт. Дар ин ҷода баҳси дигаре вуҷуд дошта наметавонад.

Он аз ошкор шудани робитаҳои мустаҳкам дар байни зернизомҳо дар раванди мавҷудияти низоми педагогии ФФМ-и хонандагон ва дар вазифаҳое, ки ин зернизомҳо иҷро мекунанд, томияти раванди мустақилонаи фаъолияти онҳо иборат аст. Робитаҳои байни зернизомҳо

барои такмил додани худи низоми педагогӣ дар раванди амал ва ба он то як андоза мустаҳкамӣ бахшид.

Робитаҳои бевосита (ростакӣ) дар низоми педагогӣ дар таъсири зернизомҳо ба якдигар ошкор гардиданд:

-«тайёрии илмӣ-методии омӯзгорон»-«фаъолияти таълимии хонандагон»-робитаҳои ин ду зернизом иборат аз он аст, ки сатҳи тайёрии илмӣ-методии омӯзгорон аз бисёр ҷиҳат омили муҳимми таъсиркунанда ба мусамирии фаъолияти омӯзишии таълимгирандагон, дар маҷмуъ ба натиҷанокии фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона дар доираи фаъолияти таълимӣ;

-«тайёрии илмӣ-методии омӯзгорон»-фаъолияти берунaзтаълимии хонандагон»-алоқаи бевоситаи байни ин зернизомҳо мавҷудияти зернизомҳо «фаъолияти берунaзтаълимӣ (берунaздарсии) хонандагон» ва самаранокии фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокии хонандагону ҷавонон дар ин намуди фаъолият аз сатҳи тайёрии илмӣ-методии омӯзгорон дар иртибот мебошад;

-«фаъолияти таълимии хонандагон»-«фаъолияти фориғ аз дарсии (таълимгирандагон»-ин ду зернизомиро дар ҷараёни татбиқи низоми педагогӣ дар байни якдигар ба таври таъсиррасонӣ ба ҳамдигар муртабит мебошанд: комёбиҳои таълимии хонандагони синфҳои боло, сатҳи фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокӣ, ки зимни фаъолияти таълимӣ бармало мегарданд, ҳамчун шарти фаъолиятнокии сифати таҳқиқшавандаи шахсияти хонанда дар фаъолияти берунaзтаълимӣ ва баръакс хизмат менамояд. Дар баъзе аз маворид татбиқи ин ду зернизомро дар ҷараёни омӯзишу парвариши воқеӣ аниқ ҷудо намудан мушкил аст;

-«фаъолияти таълимии хонандагон» ва «фаъолияти фориғаздарсии мактаббачагон»-«ислоҳ кардани баҳамтаъсиррасонии (якҷоя амал намудани) педагогӣ» робитаҳои ин зернизомҳо, дар ҷараёни ислоҳи таъсиррасонӣ (якҷоя амалкунӣ), ки ба фаъолиятнокии фаъолияти

мустақилонаи таълимгирандагон, сохтор ва ҳузури ин ду зернизом ба хотири муваффақ шудан ба самаранокии зиёдтар ин тағйирот дохил карда мешаванд;

-«омодагии илмӣ-методии омӯзгорон»-«ислоҳи педагогии таъсири мутақобил»-саривақтӣ ва бобарории дигаргунӣ дар фаъолияти таълимӣ ва фориғаздарсии таълимгирандагон, ки ба фаъолияти мустақилона равона карда шудааст, аз буъдҳои мухталиф мавҷудияти «тайёрии илмӣ-методии омӯзгорон»- ро муайян мекунад.

Ин тарзи робитаҳои бевосита дар низоми ФФМ-и хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ, худро дар таҳти таъсири мутақобилаи ҳамаи зернизомҳо (дар рафти мавҷудияти онҳо шароити педагогӣ ба амал баровардa шуд) ба натиҷаи охирини ФФМ-и хонандагон, ҳамчун шароити рушди шахсияти хонандагон ошкор месозад.

Аз нишон додани робитаҳои бевосита байни зернизомҳо бо дида баромадани функсияҳо зернизомҳо ва томияти раванди фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон мегузарем.

Тавре ишора кардем, ФФМ-и таълимгирандагон ҳадафнок ва барқасдонаи субъективии ба ҳамтаъсиркунии омӯзгорон ва талабагон маҳсуб меёбад. Ин ба ҳамтаъсиркунӣ дар доираи низоми педагогии махсус коркардашуда амалӣ карда мешавад. Ба иллати он ки ҳузури ин низом, яъне низоми педагогӣ татбиқи комплекси комили педагогиро дар назар дорад, ҷараёни ФФМ шомили якчанд ҷараён мебошад: аз тарафи педагогҳо аз худ намудани масъалаҳои назария ва амалияи ФФМ-и хонандагон; аз сӯйи насли ҷавон аз худ кардани методҳо ва усулҳои ФФМ дар кори таълимӣ; аз худ кардани хонандагон намудҳои мушаххаси салоҳдид оид ба фаъолияти беруназдарсӣ; фаъолияти худомӯзии хонандагон ва ғайраҳо. Ҳамаи ин равандҳо пайдошавии (ошкоршавии) вазифаи ин ё он зернизом мебошад.

Ҳар кадоме ин чараёнҳо, дар кулл, бахши таркибии ФФМ-и таълимгирандагон махсуб ёфта, татбиқи онҳо, иҷрои маҷмуи вазоифии таъсири ҳамдигарӣ (дар якҷояги амал кардани) омӯзгор ва хонандаро ташкил менамоянд. Такмил додани вазифаҳои алоҳида, барои такмил додани маҷмуи вазифаҳои педагогии ҳамкорӣ барои ФФМ-и хонандагон зарур аст.

Вобаста ба ин муайян кардани вазифаи раванди томи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи шахсияти хонандагон вобаста ба вазифаҳои фаъолгардонӣ мувофиқи мақсад мебошад:

-дар таълими хонандагон (вазифаҳои таълимӣ);

-дар тарбияи хонандагон (вазифаҳои тарбиявӣ);

-дар рушди хонандагон (вазифаҳои рушддиҳандагӣ);

-дар иҷтимоикунонии хонандагон (вазифаҳои иҷтимоӣ).

Вазифаҳои раванди ФФМ-и хонандагон:

**-таълимӣ:** дар хонандагон ташаккул додани босалоҳияти пурра ва мустаҳкам дар натиҷаи омӯзиши фанҳои гуногуни таълимӣ; дар хонандагон васеъ намудани амалиёт бо таври фаврӣ таъминкунандаи ин ё он вазифаҳои маърифатӣ; дар хонандагон ташаккул додани чандирии маънавӣ ва тезамалкунӣ ва ғайраҳо;

**-тарбиявӣ:** дар хонандагон ташаккул додани малакаҳои зарурии идоракунии талаботи фаъолияти худ;

**-рушдёбӣ:** дар хонандагон рушд додани талаботи худтакмилдиҳӣ, худомӯзӣ, ҳамчун сарчашмаи фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ; дар хонандагон ташаккул додани мақсадҳои аниқи ояндаи фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокӣ; рушди қобилияти фардии (инфиродии) хонандагон; ташаккул ва рушди устувории руҳии насли ҷавон нисбат ба мушкилиҳои маърифатӣ ва ғайраҳо;

**-иҷтимоикунонӣ:** дар хонандагон ташаккул ва захира (ҷамъ намудани) таҷрибаи иҷтимоии рафтор; омӯзондани насли ҷавон маҳорату малакаи худшиносӣ ва худамалкунӣ дар коллектив; ташаккул

додани худбаҳодиҳии комилан дуруст дар хонандагон; дар замири хонандагон рушд додани маҳорати мувофиқкунонии рафтори худ бо амалиёти дигар одамон ва ҳоказо.

Ин вазифаҳо асоси худро аз равандҳое, ки дар рафти мавҷудияти зернизом пайдо мешаванд, мегиранд. Ба воситаи ин вазифаҳо мазмуни фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки онро Консепсияи миллӣ муайян кардааст, амалӣ карда мешаванд.

Аз ин рӯ, мо маълумотро роҷеъ ба синфҳое, ки дар онҳо тадқиқотро анҷом додем, дар поёни кор хоҳем овард.

Аз сабаби он ки раванди фаъол саҳми фаъолияти мустақилонаи низоми амалкунанда мебошад, бинобар ин натиҷааш ба сифати вазифаҳосилкунанда баромад менамояд.

Натиҷаи мазкур фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокии хонандагон, ҳамчун шароити муҳимми рушди шахсияти онҳо ҳисоб мешавад. Меъёри асосии баҳодиҳии натиҷаи он меъёрҳои ваҷҳнокӣ-иродавӣ, тезчанголӣ ва раванднокӣ мебошад. Натиҷаи функсияи низомҳосилкунанда нисбат ба раванди фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокии хонандагон на танҳо дар низоми педагогие, ки коркардашуда ошкор гардиданд, балки онҳо дар ҳақиқат ҳангоми амал намудани робитаҳои бевоситаи «сатҳи ФФМ-и хонандагон сохт ва зернизомҳои низоми фаъолиятнокии мустақилонаи хонандагон» ошкор карда шуданд.

Ҳамин тариқ, дар низоми педагогии коркардашуда ҳангоми омӯзиши натиҷаи фаъолиятнокии мустақилонаи хонандагону ҷавонон робитаҳои функсионалии баръакс мушоҳида карда мешаванд. Дар рафти амал кардани шароити педагогии фаъолияти мустақилонаи маърифатнокӣ акси насли ҷавон инъикоси худро меёбад. Омӯзиши ин «акс» дар намуди натиҷа (ин ё он сатҳи фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокӣ) маҷбур сохт, ки дар якҷояамалкунӣ (баҳамтаъсиррасонӣ)

ба тарафи фаъолиятнокии сифати шахсияти таҳқиқшаванда тағйирот дароварда шавад.

Дар ин низоми педагогӣ қонуният ва принсипҳои фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокии таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши муассисаҳои таълимӣ татбиқи худро меёбанд. Аз сабаби он ки онҳо аз рӯйи қисматҳои раванди фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокӣ ба гурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд, дар ин раванд қонуниятҳо ва принсипҳо аз бисёр ҷиҳат хусусияти таъсиррасонии педагогиро бо насли ҷавон дар вақти кори таълимӣ ва берунaзтаълимӣ, дорои талаботи муайяне мебошанд, ки ба томияти низоми педагогӣ равона карда шудаанд.

Дар низоми педагогии коркардашуда қонуният ва принсипҳои ФФМ-и хонандагон дар чунин маълумоти ин раванд инъикоси худро меёбанд:

-фаъолнокии таълимгирандагон дар иртибот бо ҷараёнҳои иҷтимоӣ, мизони малакаю дониш ва дигар имконоти ҷараёни таълим қарор доранд;

-томияти фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокии таълимгирандагон, ки қобилияти таъмини натиҷаи мусбии ин равандро доранд;

-борварии фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокии таълимгирандагон аз рӯйи вижагиҳои фаъолият, ки таълимгирандагон ба он ҷалб карда шудаанд, мушаххас карда мешавад;

-кам-кам пеш рафтани фаъолияти мустақилонаи маърифатнокӣ ҳамчун раванди болобарояндаю пешраванда дар асоси мазмун, шаклҳо ва методҳои педагогӣ таъсири ҳамдигарӣ ҳангоми баҳисобгирии тағйироти сифатие, ки дар шахсияти хонандагон пайдо мешаванд, инъикоси худро меёбанд;

-ба таври низомавӣ гузаронидани назорати ташхисӣ оид ба раванди таҳқиқшаванда-яке аз омилҳои натиҷаҳои мусбии ФФМ-и хонандагон ва ғайраҳо.

Амалӣ намудани маҷмуи қонуният ва принсипҳое, ки ба ҳамаи қисматҳои раванди таҳқиқшаванда дахл намуда, ба фикри мо самаранокии мақсад ва вазифаҳои ФФМ-и хонандагонро дар раванди таълим ва тарбияи муассисаи таълимӣ таъмин менамоянд.

Ба фаъолияти инсон умуман ва аз он ҷумла, маърифатнокӣ на танҳо аз рӯйи мақсадҳо ва ваҷҳҳо, балки ба воситаи роҳҳои муайян ба амал бароварда мешавад. Инро коркарди технологии амалӣ намудани низоми фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон талаб менамояд.

**Технологияи таъмини татбиқи низоми педагогӣ** - ин амалиёти педагогии муайяни силсиладорест, ки бобати борвар анҷом додани ФФМ-и хонандагон натиҷаи баландшавии сатҳи ошкоршавии ин сифати шахсиятро дорад.

Таъмини технологии амалиёти пайдарпайи зеринро дар назар дорад:

-дар раванди таълиму тарбия мавҷуд будани зернизоми ФФМ-и хонандагон, ҳамчун натиҷаи муҳайё сохтани хонандагон ва шароити фаъолиятнокии сифати таҳқиқшавандаи шахсияти хонандагон мебошад;

-ташхис ва баҳо додан ба самаранокии татбиқи шароити педагогии низоми педагогии коркардашуда;

-ислоҳ даровардан ва ҳамкории педагогӣ ба фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти хонандагон мебошад **(ҷадвали 12)**.

Татбиқ ҳамчун давраи якуми таъмини технологии амалӣ намудани низоми педагогӣ бо коркард ва санҷиши таҷрибавӣ (озмоишӣ) шароити педагогии фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокӣ алоқаманд аст. Ин дар раванди таълим ва тарбия ҷорӣ кардани шакл, технология ва методҳои ФФМ-и хонандагонро дар фаъолияти таълимӣ ва

берунazтаълимӣ, тайёрии илмӣ-методии омӯзгорон ва дигаронро дар назар дорад. Ҳар як шароити педагогии коркардашуда, дар раванди таълим ва тарбия дар доираи мавҷудияти як зернизом дар чорчӯбаи низоми педагогии ФФМ-и хонандагон амалӣ карда шуд (Ҷадвали 12.).

Ҳамин тариқ, дар доираи низоми педагогии ФФМ-и хонандагон фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти хонандагон маҷмуи шароити педагогӣ кор карда шуд. Амалӣ намудани онҳо ба баланд бардоштани самаранокии ФФМ-и хонандагон, ки баландшавии сатҳи фаъолиятнокии сифати хонандагонро нишон медиҳанд, равон карда шудааст.

-давра ба давра амалӣ намудани фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти хонандагон дар фаъолияти таълимӣ (дар доираи амал кардани зернизоми «фаъолияти таълимии хонандагон»;

-ҷалби хонандагон ба фаъолияти берунaзтаълимӣ бо мақсади ФФМ (дар доираи амал кардани зернизоми «Фаъолияти берунaзтаълимии хонандагон»);

-таъмини тайёрии илмӣ-методии хонандагон, ҳамчун субъекти раванди таълиму тарбия (дар доираи амал кардани зернизоми «тайёрии илмӣ-методии омӯзгорон»);

-тағйирот даровардан дар таъсири якдигарии (ҳамкории) педагогие, ки ба ФФМ-и таълимгирандагон равона карда шудааст (дар доираи амал кардани зернизоми «Ислоҳ намудани (тағйирот даровардан) дар фаъолияти педагогӣ».

Ташхиси ҳамкории педагогӣ оид ба ФФМ-и хонандагон коркарди меъёрҳо ва сифати онҳоро дар назар дорад.

Бояд ёдоварем шавем, ки бар асоси яке аз қонуниятҳо фаъолгардонии фаъолияти мустақилонае, ки мо дар навбати хеш онро мушаххас кардем, мусамирии он ба таври доимӣ дар ҷараёни таълиму тарбия ба доир кардани назорати ташхисӣ дар иртибот мебошад.

**Ҷадвали 12.**

**Технологияе, ки амалӣ намудани низоми педагогии ФФМ хонандагонро дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таҳсилоти умумӣ таъмин менамояд**




Бар пояи ахбори ташхисӣ ва арзёбии мусамирии татбиқи низоми педагогӣ ва шароити педагогии ФФМ ироа гардида, дар ҳамкории педагогӣ тағйирот даровarda шуданд. Онҳо аз муқоисаи маълумоте, ки

дар давраи озмоишӣ ташаккулдиҳии мобайнии назорат бо сатҳи аввалаи ФФМ-и хонандагон ва дар ҳолати зарурӣ даровардани тағйирот дар низоми педагогӣ ва шароити педагогии коркардашуда, инчунин пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба фаъолгардонии ин сифати насли ҷавон иборат буданд.

Он чи баён шуд, онҳоро ҷамъбаст карда, хулоса намудан мумкин аст, ки маҷмуи шароити педагогии ФФМ аз бисёр ҷиҳат аз рӯйи мазмуни фаъолгардонӣ ва хусусияти хоси муҳит, ки дар он низоми педагогӣ амалӣ карда мешавад (вижагии хоси ташкилӣ, субъектҳои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ) иртибот дорад.

Хулласи калом, низоми педагогии ФФМ-и таълимгирандагон ҷараёни омӯзишу парвариши воҳидҳои таълимиро фаро мегирад:

-тасаввуроти назариявӣ-методологиро роҷеъ ба ФФМ-и таълимгирандагон, ҳадаф ва вазоиф, ахбори эмпирикии захирашуда перомуни сатҳи аввалаи фаъолиятнокии таълимгирандагон ва авомили таъсиркунанда ба ҷараёни таҳқиқшаванда;

-сохтори татбиқӣ, ки чор зернизом, давраҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, робитаҳои бевосита ва бавоситаи байни қисматҳои амсила ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Зернизомҳои низоми педагогии коркардашуда аз инҳо иборат аст: фаъолияти таълимии хонандагон; омодагии илмӣ-методии омӯзгорон; ворид намудани тағйирот (ислоҳот) дар ҳамкорӣ (таъсири мутақобилаи) педагогӣ;

-таъмини технологии татбиқи низоми педагогие, ки шомили он аст: муҳайё сохтани шароити педагогие, ки низоми педагогӣ дар назар дорад; ташхис ва арзёбии борварии татбиқи шароити педагогӣ; ворид намудани тағйирот ба ҳамкории педагогӣ.

Дар асоси амсилаи низоми педагогии ФФМ-и хонандагон фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти хонандагон, ки дар ҷадвали 11 нишон дода шудааст, ҳамаи қисматҳои дар боло номбаршуда инъикоси

худро меёбанд. Хоначаҳои нақша бо маълумоти асосии қисматҳои амсилаи низоми педагогӣ пур карда шудаанд. Ҳар як хонача қисмати амсилаи низоми педагогии ФФМ-и хонандагонро дар раванди таълим ва тарбияи муассисаи таълимӣ нишон медиҳад.

Низоми педагогӣ бобати асоснок намудани мантиқи ҷараёни ФФМ-и таълимгирандагон ва таҳияи шакл, технология ва равишу усулҳои татбиқи ин ҷараён дар муассисаҳои таълимии таҷрибавӣ (озмоишӣ) ба ҳайси девори аслии он маҳсуб меёбад.

Натиҷаи амалӣ намудани низоми педагогӣ-фаъолгардонии сифати таҳқиқшавандаи шахсияти хонанда, ҳамчун шароити муҳимми рушди шахсияти хонанда дида баромад шуд. Аз ин ҷо, равобите, ки боиси тавлиди низомҳо мегарданд, ба ФФМ ва натоиҷи ироашуда алоқаманд мебошанд. Меъёрҳои асосии баҳодиҳӣ ба натиҷаи меъёрҳои ваҷҳнокӣ-иродавӣ, тезчанголӣ ва протсессуалӣ мебошанд.

Таъмини технологӣ, дар амалия татбиқ намудани низоми педагогии ФФМ ҳамчун амалиёти муайяни педагогии пайдарпай аст, ки мақсадаш самаранокии раванди фаъолгардонии хонандагон мебошад. Онҳо аз давраҳои зерини амаликунии низоми педагогӣ иборатанд: дар амал татбиқ кардан, ташхис ва ислоҳкунӣ-баҳодиҳӣ.

Низоми педагогии ФФМ-и таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш дар муассисаи таҳсилоти умумӣ яке аз намудҳои низоми педагогӣ мебошад.

Кор аз болои низоми педагогии ФФМ-и хонандагон дар раванди таълиму тарбия моро ба зарурати омӯхтани сатҳи аввалаи фаъолиятнокии сифати таҳқиқшавандаи шахсияти хонандагон дар муассисаи таълимии таҷрибавӣ (озмоишӣ) овард. Ин ҳалли масъалаи меъёр ва нишондоди фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокии хонандагонро талаб намуд, ки фаслиояндаи таҳқиқотро ба он мебахшем.

## 3.2. Меъёрҳо, нишондодҳо ва сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия

Дар рафти кори таҳқиқотӣ муайян кардани меъёрҳо, нишондодҳо ва сатҳи ФФМ-и хонандагон дар муассисаи таълимӣ-озмоишӣ шарти зарурист. Таҷриба нишон дод, ки муайян кардани сатҳи ФФМ-и хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар таҷриба (озмоишӣ) ширкат варзида, коркарди меъёрҳо ва нишондодҳои муайянро талаб менамояд.

Натоиҷи таҳқиқоти эмпирикиро ҷамъбаст намуда, мо дар дараҷаи аввал ба чунин натиҷа расидем, ки бахшҳои асосии мустақилиятнокии фаъолияти таълимгирандагоне, ки мо дар аввоили кор ба назар гирифта будем, ҷузъҳои томи сифати шахсият маҳсуб меёбанд, барои он ки онҳо дар иртиботи таъсиррасонии байниякдигарӣ қарор доранд ва дорои истиқлоли нисбӣ мебошанд.

Сониян, таҳияи меъёр, нишондод ва усулу равиши муайян кардани мизони фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти хонандагон шароити муҳимми ташхис, такмил ва ислоҳи педагогии ҳамкории (таъсири мутақобилаи) ба фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокии хонандагон маҳсуб меёбад.

Омӯзиши муҳтавои фаъолияти мустақилона, ҷойи он дар низоми шахсияти таълимгирандагон, андешаи олимон ба шаклгирии ин сифати онҳо нишон дод, ки ҷараёни ФФМ аз мавҷудияти як қатор шароити педагогӣ вобаста буда, дараҷаи амалӣ намудани он аз рӯйи маҷмуи меъёрҳо ва нишондодҳои фаъолиятнокии ин сифатҳои шахсияти хонандагон баҳо дода мешавад.

Ҷиҳати дастёбӣ ба аҳдофи ниҳоии тадқиқоти хеш барои корҳои омӯзишӣ таълимгирандагони синфҳои 9-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ҷалб кардаем ва инчунин, дар маҷмуъ, дар озмоишҳои

мо болиғ бар 160 нафар омӯзгорони макотиби миёна ва директорони ин муассисаҳо щиркат варзиданд.

Дар ҷараёни тадқиқот мо муштаракан аз равишҳои педагогӣ ва иҷтимоӣ мавриди истифода қарор додем, яъне сарчашмаҳои илмиро варақ гардондем, мушоҳида гузаронидем ва асноду мадорики макотиби миёнаи умумиро омӯхта аз тест-пурсишҳо истифода қардем.

Аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани меъёри натиҷаҳои фаъолияти педагогӣ дар корҳои олимони маъруф, аз қабили А.В. Барабаншикова, В.И. Вдовюка, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, С.Холназаров,Ҷ. Шарифов, М. Нуъмонов, А. П. Городов, В. П. Давидов, Н. Б. Саханский ва дигарон инъикоси худро ёфтааст, ки асоси объективии меъёрҳо ин кори амалӣ ва рафтор, фаъолияти одамон ҳисоб мешавад [26; 183; 187; 152; 157].

Меъёрҳои субъективии асосиро ваҷҳҳои ин рафторҳо ташкил менамоянд. Нуқтаи назария ва амалияи педагогии ин ҷиҳатро тарафдорӣ намуда, дар рафти фаъолияти озмоишӣ таваҷҷуҳи зиёд ба коркарди меъёрҳои ФФМ-и хонандагон дода шуданд.

Фаъолгардонии фаъолияти мустақилона - ин давраи сеюм, охирин сифати ҳамгироии шахсияти таълимгирандагон маҳсуб меёбад. Дар иртибот ба ин мо чунин мешуморем, ки мусамирии ин ҷараёнро мо метавонем тавассути фаъолиятнокии таълимгирандагон дар якчанд меъёрҳо ва нишондодҳо, ки ба ин сифати шахсият дар давраи поёни ташаккули шахсият хос мебошад, андозагирӣ кунем.

Вақте меъёр мегӯем, мо андоза ва ченакеро дар назар дорем, ки бобати мушаххас ва муайян кардани арзише ироа гаштааст ва боястӣ мо он арзишро бо ченакҳо мушаххас карда арзёбӣ намоем.

Бо такя ба гуфтаҳои боло дар зери меъёрҳои фаъолгардонии маърифатнокии мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши муассисаҳои таълимӣ мо ҷамъбасти арзёбии ҷараёнҳо, ҳолат ва хосияти шахсияти таълимгирандагоне, ки ахбори нопурра ва пурра

дошта, дар фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ ошкор мегарданд, инъикоси худро меёбад. Меъёр ба тариқи дараҷаи дар хонандагон ошкор кардани фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ ва барои объективона санҷидани самаранокии раванди фаъолиятнокии сифати таҳқиқшавандаи шахсият имконият медиҳад.

Сарфи назар аз он ки меъёрҳои ФФМ  аз якдигар тафовут доранд, дар онҳо умумияти муҳим ҷиҳати татбиқи аҳдофи ин тадқиқот ба назар мерасад. Аввал аз ҳама, вижагии ба роҳи муайян равона будани шавқу рағбат ва арзишҳои таълимгирандагон, ки нуқтаи назари мазмуни ФФМ-и таълимгирандагонро мушаххас мекунанд, дуюм, фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона нисбатан ҳангоми ҳамкории муҳити таълимӣ ва таълимгирандагон то чӣ андоза самаранок мегузарад.

Ҳангоми баҳо додан ба фаъолияти самаранок оид ба ФФМ-и хонандагон интихоби нишондодҳоеро, ки миқдори маълумотро дар бораи расидан ба сатҳи зарурии дар назар дошта нишон медиҳанд, бояд ба назар  гирем.

Нишондоди фаъоли фаъолияти мустақилонаи - ин теъдоди маълумоти муҳимми дараҷаи ошкоршавии ин ё он меъёрҳои фаъолиятӣ ва мустақилонаи таълимгирандагон дар раванди ҳамкории педагогии ба фаъолиятнокӣ равона кардашуда мебошад.

Фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия ҳангоми аз худ кардани салоҳдид ва муносибати насли ҷавон ба омӯзиш, ҷустуҷӯйи роҳҳои нави ҳосил кардани дониш ва босалоҳиятнокӣ ошкор мегардад.

Интихоби нишондодҳо бо назардошти он ки ҷараёни фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти  шахсият ба ғайр аз салоҳдид дар худ ваҷҳҳо, шавқу ҳавас, мақсадҳо, арзишҳоро ҷалб менамояд. Ба андешаи мо, боястӣ чунин муносибатҳои ҷараёнҳои таҳқиқшавандаро баррасӣ намоем, ки ба рушду тағйироти зеҳнӣ, ваҷҳнокӣ, эҳсосотӣ, иродавӣ ва дигар доираҳои шахсияти таълимгирандагон боис мешавад.

Аз тарафи насли наврас дарк намудани чараёни фаъол гаштани фаъолияти мустақилона барои муайян кардани аҳамияти объективона дар маънои субъективӣ имконият дода, онро ба вазифаи муҳимми ҳаётӣ, ки маънои ҳақиқии ҷалби фаъолона ба ҷараёни таълим ва сифати азхудкунии салоҳдиди зарурӣ аз тарафи хонандагон мегардад.

Муайян кардани фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар рафти гузаронидани таҳқиқот амалӣ карда мешавад. Ба кулли иштирокдорони ин таҳқиқот пешниҳод гардид, ки дар асоси маълумоти ироагардида мавориди муҳимтаринашро интихоб намоянд, ки роҷеъ ба мизони фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон ироа карда метавонанд. Бар пояи ин ахбор минбаъд нишондодҳои фаъолиятнокии ин сифати шахсият кор карда шуданд. Натиҷаи омӯзиш муқоиса ва таҳлил карда шуд.

Аз сабаби он ки субъекти асосӣ раванди фаъолгардонии маърифатноки хонанда мебошад, ба фикри хонандагон диққати махсус дода шуд. Гуфтан ҷоиз аст, барои мо андеша ва афкори омӯзгорон низ муҳим буд, чунки онҳо муҳтавою мазмун ва шакли технологияи педагогии ҳамкории ФФМ-и таълимгирандагонро дар раванди омӯзишу парвариш маънидод мекунанд. Дар ҷадвали 13 натиҷаи баҳодиҳӣ ва маълумоти фаъолиятнокии фаъолияти  мустақилонаи хонандагон пешниҳод мешаванд (Ҷадвали 13.)

Тавре аз ҷадвали 13 бармеояд, хонандагон ва омӯзгогон маълумоти марбут ба кори маънавиро тавассути роҳҳои мухталиф ҷустуҷӯ менамоянд. Вақте таълимгирандагон барои дарёфти ин ё он ахбор ба амали мустақилона камари ҳиммат мебандад, дар ин масир ба эҷодкорӣ ва кашшофӣ даст мезананд ва ҳамзамон соҳиби босалоҳиятҳои ҷадид (ҷойи 1-3) мегарданд.

Ҷойи 4 ва 5-ро ахборе, ки азбар кардани таълимгирандагонро аз фанҳои мухталиф ва муносибати эҳсосотии онҳоро ба фаъолияти маърифатнокӣ инъикос мекунанд, ишғол менамояд. Гуфтан ба маврид

аст, ки барои толибилмон ва аз он бештар барои омӯзгорон дар раванди омӯзишу парвариш аз бар намудани ҳар гуна донишҳо хеле муҳим ва зарурӣ мебошад.

Ҳамзамон, таҳқиқот нишон дод, ки маълумотномаи муҳимми фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона эҳсосотест, ки дар раванди таълим таҳия карда мешавад. Эҳсосоти мусбӣ ба фикри пурсидашудагон ба иртиқои ваҷҳҳо, таҳкими диққат ба таълим ва итминон ба муҳиммӣ ва зарурати фаъолияти маърифатнокӣ кумак мерасонад.

Ҷадвали 13.

**Маълумот дар бораи ФФМ-и хонандагон(аз рӯйи натиҷаи назарсанҷии 400 нафар хонандагон ва 160 нафар омӯзгорон)**

| № | Маълумоти асосӣ | Интихоби ҷавобҳои таълим-гиранда % | Интихоби ҷавоб-ҳои омӯзгорон % |
|---|---|---|---|
| 1. | Чандирии зеҳнии (маънавӣ) дар фаъолияти маърифатӣ | 21,4 | 20,2 |
| 2. | Азхуд кардани роҳҳои гуногуни ҷустуҷӯ ва коркарди ахборот | 20,3 | 19,8 |
| 3. | Ошкор кардани эҷодкорӣ дар фаъолияти маърифатӣ | 17,6 | 18,6 |
| 4. | Азхудкунӣ аз рӯйи фанҳои гуногун | 18,3 | 21,4 |
| 5. | Қонеъгардонии таҳқиқкунанда аз фаъолияти маърифатӣ | 9,1 | 10,6 |
| 6. | Мавҷудияти мақсадҳо дар фаъолияти мустақилона | 4,2 | 2,1 |
| 7. | Ошкор намудани бартарафкунии мушкилиҳои маърифатӣ | 3,1 | 5,2 |
| 8. | Мавҷудияти талаботи маърифатӣ ба таҳқиқот | 3,6 | 5,6 |
| 9. | Мавҷудияти баҳодиҳии адекватӣ (монанд) | 2,8 | 3,1 |
| 10. | Муносибати арзишнок ба донишҳо ва истифодаи онҳо | 1,2 | 5,2 |

**Эзоҳ:**-*банди «фоизи интихоби ҷавобҳо» маълумотро дар бораи ҷамъи пурсидашудагон нишон медиҳад, ин маълумотро нисбат муҳим ҳисоб мекунанд;- фоизи аз 100 зиёд, онро нишон медиҳад, ки ба якчанд варианти ҷавобҳо роҳ дода шуд.*

Ҷойи 6 то 10-ро аз рӯйи баҳодиҳии хонандагон ва кормандони педагогӣ, маълумоти арзишнокии интихобии хонандагон ваҷҳҳои фаъолиятнокии маърифатнокӣ, зоҳир кардани ирода дар бартараф намудани мушкилиҳо, худбаҳодиҳии хонандагон ва муносибати онҳо ба дониш ишғол менамоянд.

Тавре ишора кардем, масъалаи арзёбӣ ба самаранокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилона ва баҳисобгирии он дар ҳамкории педагогӣ-хеле мубрам ва дар илми педагогӣ нисбатан коркардашуда маҳсуб меёбад. Арзёбии борварии ФФМ-и таълимгирандагон, боястӣ дар зеҳн ба таври пайваста нигоҳ дошта шавад, ки он печида ва шомили авомили мухталифи таъсиррасонӣ ба шавқу маърифатнокӣ ва фаъолиятнокии хонандагон дар раванди омӯзишу парвариш таълим мебошад. Дар воқеъ вазифаи арзёбӣ бобати мусамирии ҷиҳати мушаххас кардани ин комплекси мураккаб (бо кулли авомил) ба таври ҳақиқӣ махсус ташкил кардани ҳамкориҳое, ки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон алоқамандананд, равона карда шудааст.

Дар асоси қисматҳои фаъолгардонии мустақилонаи хонандагон мо се меъёри асосии ин сифати шахсияти хонандагонро ҷудо намудем: мотиватсионӣ-иродавӣ, тезчанголӣ ва протсессуалӣ. Аз рӯйи баҳодиҳии хонандагон ва омӯзгорон маълумоти муҳимми ФФМ-ро мо ба шакли нишондод тағйир дода ва ба меъёрҳои дар боло номбурда, ҷудо намудем (Ҷадвали 14.).

Ба муайян кардани ҳолати аввалаи фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар давраи муқарраркунии озмоишӣ зарурати коркарди мафҳуми «Сатҳи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон» пеш омад. Сатҳи фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокӣ ва самаранокии раванди таҳқиқшаванда ба воситаи нишондод, кушодани мазмуни ҳар як меъёри фаъолгардониии фаъолияти мустақилонаи хонандагон муайян карда мешавад.

Дар зери фаъолияти мустақилонаи хонандагон маҷмуи нишондодҳо, робитаҳо, ки дараҷаи зоҳиршавии расиши маърифатнокии шахсиятро дар ҷараёни фаъолгардонии ин сифат ба даст оварда шудааст, фаҳмида мешавад.

Бар пояи қиёс ҳар як нишондод вобаста ба муҳиммияти он (ҷой ва тарзи пайдоиши он) теъдоди муайяни аҳамиятнокӣ мушаххас карда шудааст, ки мо қолаби мизони муайяни фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро мушаххас намудем.

**Ҷадвали 14**

**Маълумот дар бораи меъёрҳо ва нишондодҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия**

| Меъёрҳо | Нишондодҳо |
|---|---|
| Ваҷҳнокӣ-иродавӣ | -будан (ё ин ки набудани) дархости маърифатнокӣ ва таҳқиқотӣ, кӯшиш ба фаъолияти мақсадноки эҷодӣ;<br>-будан (ё набудани) қаноатмандӣ аз фаъолияти мустақилона;<br>-будан (ё набудани) аҳдофи фаъолияти мустақилонаи маърифатнокӣ;<br>-будан (ё набудани) малакаҳо дар мудирияти ҳиссиёт ва эҳсосоти хеш дар раванди таълим. |
| Чолокӣ | - мизони дониш аз предметҳои мухталифи таълимӣ;<br>- маҳорати ба таври мустақилона дигаргун сохтани донишҳо;<br>- будан (ё набудани) зиёд кардани алгоритмҳои бо таври фаврӣ ҳаллу фасл намудани ин ё он вазоиф;<br>- будан (ё набудани) муносибатҳои арзишноки фаъолиятнокӣ ба дониш ва истифодаи онҳо. |
| Ҷараён (протсессуалӣ) | - будан (ё набудани) мустақилият дар ҳаллу фасли вазоифи маърифатӣ;<br>-аз бар кардани (накардани) воситаҳои мухталифи ҷустуҷӯ ва коркарди ахбору иттилоот;<br>- будан (ё набудани) маҳорати роҳандозии равишҳои ҷадиди фаъолият, чандирии маънавӣ;<br>-мавҷуд будан (ё набудани) худбаҳодиҳии комилан мувофиқ (адекватӣ). |

Манзур аз ин суханон ин аст, ки ҳамаи он чизе, ки мо ба даст овардем ва ҳосил кардем, метавон ба сароҳат гуфт, ки ба 0,95 баробар

аст. Фаҳмиши покию тозагии зоҳиршавии нишондоди фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона, мувофиқи дараҷаи пайдошавӣ дар ҳолати зерин арзи ҳастӣ мекунад:

-мунтазам арзи ҳастӣ мекунад, яъне зуҳур меёбад ва аз садҳо мавриди имконпазир 80-100 ҳолати онҳо татбиқ мегардад;

-зуд-зуд пайдо мешавад, лекин ба чашм намерасад, аз сад ҳодисаи имконпазир дар 50-80 ҳолат бармало мешавад;

-дар шакли сиклӣ зуҳур пайдо мекунад ва 30-50 ҳолат арзи ҳастӣ мекунад;

-хеле ба нудрат ба чашм мехӯрад ва аз сад ҳолати имконпазир дар 10-30 зуҳур пайдо мекунад;

-аслан рӯйи кор намеояд ва имкон дорад, аз сад ҳолати имконпазир дар 10 ҳолат зоҳир гардад.

Бо мақсади муайян кардани фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон харитаи сатҳи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки ба қолаби корӣ монанд аст, кор карда шудааст.

Бобати ин дар харитаи мизони ФФМ-и хонандагон бар алайҳи ҳар як номгӯйи нишондод тариқи пайдошавии он нишон дода шудааст, сипас аз рӯйи маълумоти қолабӣ ҳисоби теъдоди маъноҳо доир карда мешавад. Вобаста ба бузургии маҷмуи маъноҳо сатҳи ФФМ бо формулаи зерин бароварда мешавад:

$$\text{ФФМ} = (xi + x_2 + \ldots + x_{12})$$

дар ин ҷо: $xi + x_2 + . + x_{12}$ миқдори маънои нишондодҳои қолабии муайян кардани сатҳи ФФМ-и хонандагон.

Натиҷаи ҳисобкуниҳо ва муқоиса бо нишондодҳои миқдории якхела (К нишон) баҳои сатҳи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона аз рӯйи меъёри 4 хола бароварда мешавад.

**Ҷадвали 15**

**Маълумот дар бораи сатҳи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон**

| **Сатҳ** | **Миқдори аҳамият (маъно)** | **Ахбор** |
|---|---|---|
| Баланд (баҳо 4) | 0,75<ФФМ < 0,95 | Он нишондодҳое, ки ироа гардидаанд, ба таври доимӣ зоҳир мешаванд. Дар ин мизон дар таълимгирандагон масъулият ва роҳи муайян бобати омӯзиши фанҳо мушоҳида карда мешавад, шавқи фаъолияти таълимгирандагон аз доираи барномаи таълимӣ хориҷ меравад, яъне ба таълимгирандагон иттилооти изофӣ ироа мегардад . Дар ин сатҳ хонандагон бо ваҷҳнокии баланд, мавҷудияти истифодаи донишҳои азхудкардашуда дар амалия фарқ мекунанд. |
| Миёна (баҳои 3) | 0,35<ФФМ < 0,75 | Нишондодҳои фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатӣ зуд-зуд ҳувайдо зоҳир мегарданд, аммо дар ошкоршавии фосила дида мешавад. Дар чунин ҳолат шавқу завқи қавӣ ба омӯзиш ҳанӯз ҳосил нашудааст; ваҷҳнокии он қадар ҳам устувор нест. |
| Паст (баҳои 2) | 0,20<ФФМ < 0,35 | Нишондоди ФФМ ба таври доимӣ зоҳир мегардад: дар ин ҷо хонандагон шавқи зиёд ба омӯзиши фанҳои таълимӣ зоҳир намекунанд, дорои ваҷҳҳои манфӣ мебошанд; шавқи маърифатнокӣ хусусияти ҳар дақиқагӣ дорад. Ин гурӯҳи хонандагон бо ташаккул наёфтани арзишҳои таълимӣ ва кӯшишу ғайрат фарқ менамоянд. |
| Норавоӣ (ниҳоят паст, баҳои 1) | 0<ФФМ < 0,20 | Ба таври доимӣ беинтизомӣ, дарс азхуд накардан, бемаҳоратӣ ва хоҳиши назорат накардан аз кӯшишҳои маърифатӣ мушоҳида карда мешавад. Дар ин таълимгирандагон ваҷҳнокӣ ба таълим ба назар намерасад; донишҳо бобати онҳо беарзишанд; ҷараёни таълим дар онҳо ҳисси манфиро тавлид мекунад. |

-баҳои «4» зимни $0,75 < ФФМ < 0,95$-нишондоди доимӣ буда, ба мизони баланди фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти хонандагон мувофиқат менамояд;

-баҳои «3» зимни $0,35 < ФФМ < 0,75$ -дар ин ҳолат нишондоди доимӣ мебошад, лекин дар ошкоршавӣ парокандагӣ дида мешавад. Ин баҳо ба мизони миёнаи ФФМ-и хонандагон мувофиқат менамояд;

-баҳои «2» зимни $0{,}20 < ФФМ < 0{,}35$ -дар он ҳолат гузошта мешавад, ки нишондоди паст будани мизони фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои боло ба таври доимӣ паст арзёбӣ мешавад;

-баҳои «1» ҳангоми $0 < ФФМ < 0{,}20$-аз он шаҳодат медиҳад, ки ба таври доимӣ беинтизомӣ, бемаҳоратӣ, хоҳиш надоштан ба амалиёти фаъолияти мустақилона зоҳир карда мешавад. Аз ҳолати ғайриимконии фаъолияти мустақилонаи хонанда хабар медиҳад.

Ҷадвали арзёбӣ бобати мушаххас кардани мизони фаъолиятнокии мустақилонаи ҳар як таълимгиранда ва синф дар якҷоягӣ (зимни муҳосибаи кулли холҳои сатҳи фаъолияти мустақилонаи фаъолияти таълимгирандагон) имконот фароҳам овард. Ҷадвал ҳамчунин имконият фароҳам овард, ки натоиҷи ба даст овардашуда таҳлил карда шаванд, давоири кори педагогӣ оид ба фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти таълимгирандагон ҷудо карда шуда, ба онҳо тағйиру ислоҳот ворид карда шуд ва бо ин худи таълимгирандагон роҳи мувофиқи ҳамкории педагогиро бобати татбиқи он муайян намоянд. Ин ҷадвал бобати ҷалби диққат ба нишондодҳои муҳим имконият фароҳам овард

Сатҳи аввалаи ФФМ-и хонандагон дар ҳолати озмоиши муқарраркунӣ бо иштироки 400 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гузаронида шуд.

Бобати мушаххас кардани дараҷаи зоҳиршавии нишондоди фаъолияти мустақилонаи фаъолияти таълимгирандагон якчанд муайянкунандаҳо, яъне воситаҳои хусусияти дастгоҳӣ дошта, ки пайдо шудан ва инъикоси нишондодҳоро нишон медиҳанд, истифода шудаанд.

Ҳамчун муайянкунандаи нишондоди меъёри ваҷҳнокӣ-иродавӣ хизмат мекунад: равиши омӯзиши парвариш ҳавасмандии таълимгирандагон (методикаи муқоисаи сетарафаи Т.А. Пушкина; методикаи муайян кардани қувваи талаботи фаъолиятии В.С. Юркевич;

методикаи муайян кардани қувваю иродаи Р.С. Неъмонов; методикаи «Доираи эҳсосотӣ» ва ғайраҳо [51; 64; 102; 124; 126; 137].

Ҳамчун муайянкунандаи меъёри чолокӣ истифода шуданд: тестҳои қобилияти ақлии Айз-зенка; корҳои санҷишӣ оид ба бобҳо, фаслҳо, мавзуъҳо аз фанҳои таълимии гуногун ва дигар мавод, методикаи омӯзиши арзишҳои интихобии М.Рохич, Е.Л. Руднева, М.С. Яниский ва дигарон [6; 12; 51; 64; 68; 135; 74].

Ба ҳайси муайянкунандаи меъёрӣ-протсессуалии фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокӣ мавриди истифода қарор дода шуд: равиши мушаххас кардани дараҷаи мустақилонаи П. И. Третяков ва И. Б. Сенновский; методикаи рушду тараққии тавоноии эҷодии таълимгирандагон; тестҳои ба таври оҳиста-оҳиста болоравии мураккабии Равен, С. Холназаров, супоришҳои хусусияти репродуктивӣ ва эҷодӣ дошта оид ба мавзуъҳо ва бобҳои мухталифи фанҳои таълимӣ, методикаи таҳқиқоти хударзёбии шахсияти Е. Е. Адакина, А. Ф. Кочан, Н. Н. Кочан, К. В. Руденко ва ғ. [181; 25; 31; 51; 63; 124; 137 ва амсоли инҳо ].

Бо хотири арзёбии сатҳи ФФМ аз рӯйи меъёрҳои ҷудогона ҷамъ кардани теъдоди маъноҳои нишондодҳои пешниҳодкардашуда кифоя мебошад:

$$K = x_1 + x_2 + x_3$$

дар ин ҷо:

$K$-сатҳи пайдошавии меъёри ФФМ;

$x_1 + x_2 + x_3$ -нишондодҳои инъикоскунандаи меъёри додашуда.

Дар оянда муқоисакунӣ бо нишондодҳои миқдории якхела (К ниш.) ва баҳодиҳӣ бо низоми 4-хола гузаронида шуд.

Натиҷаи давраи аввали озмоиши педагогии фаъолиятнокии сифати таҳқиқшавандаи шахсият дар расми 1 пешниҳод карда мешавад.

**Расми 1.**

**Ҳолати умумии фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона дар давраи аввали озмоишӣ педагогӣ.**




Аз маълумоте, ки дар расми 1 оварда шудаанд, аён мегардад, ки тақрибан дар нисфи таълимгирандагон (48,5%) фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона дар оғози озмоиш дар дараҷаи паст қарор дорад. Дараҷаи миёна 24,7%-ро ташкил медиҳад. Амалан дар ҳар як панҷум иштирокчии аввали озмоиш (19,8%) фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона дар сатҳи норавоӣ (ниҳоят паст) қарор дошта, фақат дар 7% таълимгирандагон фаъолияти сифат дар сатҳи баланд қарор дорад.

Натиҷаи давраи муқарраркунии (муайянкунии) озмоишии педагогӣ сатҳи пасти аввалаи фаъолиятнокии сифати таҳқиқшавандаро нишон дода, зарурати ҳамкории мақсаднокӣ ба ФФМ-и хонандагон равона кардани чораёни таълиму тарбияи муассисаҳои таълимро муайян намуд.

Истифодаи ин тарзи муносибат ҷиҳати мушаххас кардани на фақат дараҷаи аввалаи умумии ФФМ, балки ба муайян кардани сатҳи меъёрҳои алоҳида имконият дод **(расми 2).**

**Расми 2.**

**Фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар давраи аввали озмоиши педагогӣ аз рӯйи меъёрҳои алоҳида.**




Чи хеле ки аз расми 2 мебинем, сатҳи нисбатан баланди фаъолиятнокии хонандагонро меъёри тезчанголӣ (0,56-синфҳои боло) нишон дод. Лекин, мувофиқи ҷадвали нишондодҳои коркардашуда, ин меъёр аз сатҳи фаъолиятнокии паст ва миёна берун намебарояд.

Махсусан сатҳи пасти фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокӣ дар рафти таҳқиқот дар меъёри ваҷҳнокӣ-иродавӣ мушоҳида карда шуд (аҳаммияти миёна барои ҳамаи иштирокчиёни давраи миёнаи озмоиши (0,82-ро ташкил дод).

Дар маҷмуъ, ахбору иттилооте, ки бар асари таҳқиқоту омӯзиш ба даст оварда шуд, нишон медиҳад, ки фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти хонандагон аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо аз доираи сатҳи паст ва миёна берун намебарояд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ба сифати фаъолиятнокии шахсияти таълимгирандагон дар раванди омӯзишу

парвариш таваҷҷуҳи лозим зоҳир намегардад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин масоил бори дигар ба таҳқиқ кашида шуда, ҷиҳати ахзи тасмим дар ин маврид ироа гардад.

Дар иртибот бо ин зарурати дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии озмоишӣ ба хотири муайян кардани мизони аз омӯзгорон фаҳмидани аҳдофи ФФМ-и хонандагон, қонуниятҳо ва принсипҳои амалӣ намудани ин раванд пайдо мешавад.

Таҷрибаи мо нишон дод, ки дар рафти таҳқиқот фаҳмиши омӯзгорон мақсади фаъолиятнокии мустақилонаи хонандагон бояд муайян карда шавад. Агар мақсади омӯзгорон ва хонандагон мувофиқат намоянд, дар ин ҳолат онҳо дар якҷоягӣ амал менамоянд. Аз ин ҷо, муайян кардани он ки то кадом дараҷа мақсади омӯзгорон, ба мақсади худтарбиякунӣ ва худрушддиҳии хонандагон мувофиқат менамоянд, зарур мебошад (Ҷадвали 16).

Аз ҷадвали 16 дидан мумкин аст, ки дар кулл, ҳамкории омӯзгорон ва таълимгирандагон ва дар якҷоягӣ ба ҳал намудани мушкилоти фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатӣ равона карда шудааст. Вобаста ба ин дар ҳамкории педагогии омӯзгорон бобати расидан ба аҳдофи муайян таваҷҷуҳи якхела ироа карда намешавад. Барои мисол, омӯзгорон то андозае нисбат ба баланд бардоштани сифати таълимии таълимгирандагон (57,7%), ба низомдарорӣ, ҷамъбаст ва таҳкими дониш (57,2%), иртиқои мустақилияти насли ҷавон бобати омӯзиши предметҳои мухталиф (45,2%) талош меварзанд. Ба он далел диққати вижа ироа шуд, ки танҳо 31,1% таваҷҷуҳи омӯзгорони пурсидашуда ба рушду тараққии тафаккури илмӣ ва дар таълимгирандагон ташаккул додани босалоҳияти эҷодкорона ва ба истифодаи донишҳои мавҷуда равона мебошад; 37,1% ба ташаккули ваҷҳҳои мусбии таълимгирандагон ба омӯзиши предметҳои мухталифи дарсӣ.

**Ҷадвали 16**

**Аз рӯйи аҳамият ҷой додани мақсадҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилона (тибқи назарсанҷии 400 нафархонандагон ва 160 нафар омӯзгорон)**

| Хонандагон | | Мақсадҳои фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокӣ | омӯзгорон | |
|---|---|---|---|---|
| дараҷа | интихоб | | дараҷа | Интихоб |
| 1 | 54 | Ҳалли мушкилоти таълимие, ки хусусияти касбӣ доранд | 4 | 45 |
| 2 | 53 | Рушд додани тафаккури илмӣ, маҳорат ва малакаи истифодаи эҷодкоронаи дониш | 68 | 31,1 |
| 3 | 48,3 | Стандартикунонӣ, расмикунонии ҷараёни таълиму тарбия | 9 | 11 |
| 4 | 47,6 | Нишон додани муҳиммии донишҳои азхуднамуда барои ҳалли вазифаҳои ояндаи фаъолияти таълимӣ ва касбӣ | 5 | 37,5 |
| 5 | 43,1 | Ташаккул додани мотивҳои таълимии мусбии хонандагон ба омӯзиши фанҳои таълимии гуногун | 6 | 37,1 |
| 6 | 36 | Ба низомдорорӣ, ҷамъбаст ва мустаҳкам намудани дониши хонандагон | 2 | 57,2 |
| 7 | 34,6 | Аз худ намудани хонандагон методҳои тафаккури илмӣ | 7 | 35,8 |
| 8 | 23,5 | Баланд бардоштани сифати тайёрии хонандагон | 1 | 57,7 |
| 9 | 20 | Баланд бардоштани тайёрии хонандагон барои мустақилии гуногун | 3 | 45,2 |

**Эзоҳ:** *Барои он фоиз аз 100 зиёд шудааст, ки якчанд вариант истифода гардидааст.*

Коэффитсиенти аҳамияти ҳисобии шартномавӣ (0,232) нишон медиҳад, ки мизони мувофиққунии андешаҳои омӯзгорон ва хонандагон дар дараҷаи паст қарор дорад. Ҳамон тавре дар болотар зикраш рафт, омӯзгорон ҷиҳати дар ҷойи аввал ҳадафи баланд бардоштани сифтаи омодагии таълимгирандагонро мегузоранд (дар макотиби мухталаиф аз 42% то 93 %).

Кори озмоишии мо нишон дод, ки агар омӯзгорон хоҳанд ба шогирдон чизеро дар ихтиёр бигузоранд, шогирдон бошанд, дар навбати худ кӯшиш ва талош мекунанд, ки дар амали худ мустақил бошанд ва худ биандешанду сипас тасмим бигиранд. Ин иқдоми онҳо боиси дастгирӣ ва ташвиқ аст.

Таҳқиқот нишон дод, ки ин ҳолат ҳангоми кор кардани низоми педагогии ФФМ-и хонандагон бояд аз мадди назар дур намонад.

Мо тавоноӣ ва маҳорату малакаи омӯзгороне, ки дар раванди озмоиш ширкат варзиданд, тавассути ширкати онҳо дар роҳандозии кори мустақилонаи хонандагон санҷида баромадем.

Муайян ва таҳлил намудани мушкилиҳо тавассути равиши амалӣ пурсида шуд. Аз кулли онҳое, ба ҷараёни озмоиш сафарбар карда шуда буданд, суол карда шуд, ки он мушкилӣ ва вазниниҳоеро, ки онҳо зимни ФФМ бо он рӯ ба рӯ шуданд, номбар кунанд. Натиҷаи ин таҳқиқот дар ҷадвали 17 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 17**

**Мушкилиҳое, ки ҳангоми кори ФФМ-и хонандагон ба омӯзгорон пеш омад (тибқи назарсанҷии 160 нафар омӯзгорон)**

| **Самти кори фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокӣ** | | | **Омӯзгорон %** |
|---|---|---|---|
| 1. | Дар хонандагон мавҷуд набудани малакаҳои кори мустақилона ҳангоми кор бо маводи назариявии нав | | 26,1 |
| 2. | Дар хонандагон набудани шавқ ва фаъолиятнокии маърифатӣ | | 25,2 |
| 3. | Дар хонандагон суст рушд ёфтани малакаҳои ҳалли масъалаҳои ҳалталаб | | 22 |
| 4. | Дар омӯзгорон кам будани малакаҳои методӣ | | 22 |
| 5. | Мушкилӣ дар амалӣ намудани алоқаҳои байнифаннии омӯзгорон | | 12,5 |
| 6. | Кам будани адабиёти касбӣ | | 3,5 |
| 7. | Мушкилӣ накашиданд | | 3,2 |

**Эзоҳ:** *аз 100 зиёд шудани фоиз, аз сабаби истифода намудани бисёрвариантии ҷавобҳо мебошад.*

Тибқи маълумоти таҳқиқотӣ, суҳбат бо омӯзгорон, муайян карда шуд, ки таъминоти меъёрӣ-методии ФФМ нисбатан хусусияти маърифатӣ дорад, на ин ки амалӣ, чӣ хеле ки таҳқиқот нишон дод, ҳар як омӯзгор, ки дар кори озмоишӣ иштирок дошт, ба ахбороти илмӣ-методии муайяни алоқаманд ба ФФМ-и хонандагон эҳтиёҷ дошт.

Коэффитсиенти мувофиқат, ки ба коллективи педагогӣ дода мешавад ба 0,756 баробар аст, ин аз дараҷаи баланди мустаҳкамӣ оид ба пайдоиши мушкилиҳо дар кори педагогӣ аз рӯйи ФФМ-и хонандагон дарак медиҳад [126, с. 182].

Дар маҷмуъ, кору фаъолияти мо дар ин масир ба мо нишон медиҳанд, ки зимни тақвият ва ФФМ-и хонандагон ва омӯзгорон мушкилии бештар дар мавридҳои зерин ба чашм мерасанд, ки мо он маворидро дар поён зикр хоҳем кард:

-ҳангоми дар таълимгирандагон ташаккул додани қобилияти муайян кардани арзишҳо;

-боварӣ ҳосил кардани хонандагон ва донишҷӯйён ба зарурати ҳосил кардани салоҳдиди нав;

-фаъолияти тарафайни омӯзгор ва хонанда дар раванди таълим;

-боварӣ ҳосил кардани хонандагон ба худтакмилдиҳӣ;

-коркарди талаботи ягона ба ташкили ҷараёни ФФМ;

-ташаккули вазъи устувори таълимгирандагон ҷиҳати аз бар намудани босалоҳиятҳои мухталиф;

-ташаккули малакаҳои кори мустақилона дар таълимгирандагон;

-ташкили фаъолияти мустақилонаи эҷодии таълимгирандагон аз як дида предметҳои таълимӣ ва амсоли инҳо.

Тамомии омӯзгорон ба хуби ва хушӣ мақосиди фаъолгардонии фаъолиятро дарк мекунанд, натиҷааш-ҳамкории педагогии сусти коллектив оид ба тартиби муайян даровардани амалиёте мебошад, ки ба ФФМ-и хонандагон сабаб шуда метавонад. Ин аломати он аст, ки на ҳама вақт дархост ба ҳамкории педагогӣ оид ба фаъолияти мустақилона якҷояанд; кулли синфҳо дар оғози эксперимент шомили шароити мушаххаси педагогӣ буданд. Мушкилӣ дар кори омӯзгорон иборат аз он аст, ки кулли онҳо маълумоти зарурӣ оид ба ташкили дурусти фаъолияти мустақилона надоштанд.

Дар маҷмуъ, омӯзишу тадқиқоти мо як чизро бармало ва мушаххас кард, ки он омӯзгороне, ки дар ҷараёни озмоиш ширкат меварзанд, тамомии мушкилотро ба хубӣ мебинанд ва дарк мекунанд ва ҳамзамон барои пайдо кардани роҳи ҳаллу фасли онҳо низ омода мебошанд. Шояд ин маҳосини беҳтарине буд, ки зимни омӯзишу таҳқиқ мо ба он рӯ ба рӯ шудем.

**Ҷадвали 18.**

**Технологияи педагогии ФФМ, ки омӯзгорон истифода намуданд (тибқи назарсанҷии 160 нафар омӯзгорон)**

| № | Технология ва методҳои фаъолият | Омӯзгорон, % |
|---|---|---|
| 1 | Методҳои таълими проблемавӣ | 35,8 |
| 2 | Технологияи таълимӣ ба шахсияти равонакардашуда | 37,7 |
| 3 | Метод-лоиҳа | 26,7 |
| 4 | Технологияи таълими компютерӣ | 11,3 |
| 5 | Технологияи таълими рушддиҳанда | 10,6 |
| 6 | Технологияи таълими худрушддиҳанда | 6,8 |
| 7 | Технологияи таълими рушддиҳӣ ба тарафи рушди сифатҳои эҷодии шахсият | 6,8 |
| 8 | Кори махсус оид ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон пеш меоянд. | 69,2 |

**Эзоҳ:** *аз 100 фоиз зиёд аст, барои он ки ҷавобҳо якчанд вариант буданд.*

Маълумоти дар ҷадвали 18 овардашуда нишон медиҳад, ки омӯзгорон дар раванди омӯзишу парвариш нисбат ба фаъолгардонии мустақилонаи хонандагон бо истифодаи ин ё он технология, ё ин ки методикаи таълим бо андозаи паст ва миёна аз се як бахш корҳои ҳадафмандонаро пеш мебаранд.

Баҳои омӯзгорон дар раванди омӯзишу парвариш бо роҳандозии ҳамкории вижаи педагогӣ доир ба ФФМ-и таълимгирандагон, нишон дод, ки равишҳои таълими проблемавиро 35,8 %; технологияи лоиҳавиро 26,7 %; технологияи таълими ба шахсият равона кардашуда 27,7%; технологияи таълими рушддиҳанда 10,8% пурсидашудагон мавриди истифода қарор медиҳанд.

Ҳангоми гуфтугӯ омӯзгорон аксаран шикоят мекунанд, ки аз тарафи мақомоти болоӣ ба онҳо супоришҳои гуногун дода мешавад, аммо ҳамкорӣ дар байни роҳбарон ва омӯзгорон камтар ба роҳ монда шудааст. Гап дар сари он ки зинаҳои поёнӣ ба кумаку дастгирӣ ниёз доранд ва инчунин дар баробари ин метавонанд пешниҳодҳое ироа кунанд, ки, дар маҷмуъ, барои ҳаллу фасли хеле аз масоил кумак бирасонад.

Рӯйиҳамрафта 69,2% пурсидашудагон қайд менамоянд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ амали якҷояи махсуси педагогӣ, ки ба ФФМ-и хонандагон равона карда шуда бошад, роҳандозӣ карда нашудааст.

Кори муштарак метавонад чунин кор бошад, яъне кори муштараки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва кормандони педагогӣ, доир кардани нишастҳо роҷеъ ба масоили омӯзишу парвариши таълимгирандагон. Кулли натоиҷи ба даст овардашуда дар иртибот ба корҳои анҷом додашуда дар ҷадвали 19 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 19**

**Қаноатмандии омӯзгорон аз ҷаласаҳое, ки дар муассисаҳои таълимӣ гузаронида мешаванд (аз рӯйи пурсиши 160 нафар омӯзгорон)**

| № | Дараҷаи қаноатмандӣ аз ҷаласаҳои машваратӣ | Омӯзгорон, % |
|---|---|---|
| 1 | Ҷаласаҳои якҷояи машваратӣ манро пурра қонеъ менамояд | 15 |
| 2 | Ҷаласаҳои якҷояи машваратӣ манро пурра қонеъ наменамоянд | 47,5 |
| 3 | Ҷаласаҳои якҷояи машваратӣ манро тамоман қонеъ намекунанд | 37,5 |

Тавре таҳқиқот нишон медиҳад, дар бисёр коллективҳо ин ҷаласаҳо бисёр вақт расмӣ гузаронида мешаванд, онҳо на ҳама вақт арзишҳои илмӣ-методӣ доранд. Мутобиқи нуқтаи назари бисёри пурсидашудагон, бояд масъалаҳои таъминоти илмӣ-методии ҷараёни ФФМ, истифодаи шакл, технология ва методҳои фаъолгардонӣ аз маълумоти ҷадвали 19 равшан мегардад, ки аз нишастҳо доир ба мушкилоти омӯзишу парвариш доир карда мешавад, фақат 15% омӯзгорон қаноатманд мешаванд, ба таври комил қаноатманд намешаванд 47,5%, комилан қаноатманд намешаванд  37,7% пурсидашудагон, чунки ин ҷаласаҳо кам ба фаъолияти педагогӣ, навовариҳои улуми педагогӣ дахл мекунанд. Муҳиммияти ин чорабиниҳоро махсусан омӯзгорони ҷавон қайд карданд, ки аз 5 сол камтар дар муассисаҳои таълимӣ кор мекунанд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот андеши моро роҷеъ ба он ки омӯзгорон бо маъмурият дар муассисаҳои таълимӣ оид ба масъалаи ФФМ-и хонандагон дар ҳамкории суст қарор доранд, таъйид мекунанд. Фаъолияти роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва сохтори он дар аввали озмоиши ташаккулдиҳӣ (муқаррарикунӣ) зиёдтар ба тавсияҳои расмӣ равона карда шуда буд, на ба ҳамкорӣ бо коллективи педагогӣ ва кори якҷояи фаъолияти мустақилона.

Дар рафти таҳқиқот пешниҳод карда шуд, ки омодагии илмӣ-методии омӯзгорон дар соҳаи ФФМ-и хонандагон аз талаботи ҳақиқии

амалияи педагогӣ қафо монда истодааст. Барои тасдиқ ё ин ки рад намудани фикр моҳорати ташкил ва кори илмӣ-методиро дар муассисаҳои таълимии озмоишӣ омӯхтем. Ба таҳлил, ташкил ва банақшагирӣ; интихоби шакл ва методҳои кори методӣ фаро гирифта шуд. Дар рафти анкетагузаронӣ фикри омӯзгорон омӯхта шуд. Таҳлили натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки кори илмӣ-методӣ асосан ба воситаи гузаронидани шуроҳои педагогии мавзуӣ, ҷаласаҳои иттиҳодияҳои методии фаннӣ, анҷом дода мешавад. Иштирок дар ин ҷаласаҳо 50-70 фоизро ташкил намуда, иштирокчиён на он қадар фаъоланд.

**Ҷадвали 20**

**Муносибати омӯзгорон ба кори илмӣ-методӣ, ки дар муассисаҳои таълимии таҷрибавӣ гузаронида мешавад (аз рӯйи назарсанҷии 160 нафар омӯзгорон)**

| Шакл | Муносибати омӯзгорон | | |
|---|---|---|---|
| | Пурра қонеъ менамояд, % | Мавқеи худро муайян накардаанд, % | Қонеъ намекунанд, % |
| Муҳокимаи ҳолати мушаххас аз таҷриба | 56 | 38 | 6 |
| Мизи мудаввар, иваз намудани таҷриба, бозиҳои педагогӣ | 57 | 23,9 | 19,1 |
| Мустақилона омӯхтани ада-биёти педагогӣ ва равоншиносӣ | 26,3 | 31,2 | 42,5 |
| Баромади ҳамкасбон бо тезисҳо (ахбороти) илмӣ | 24,5 | 18,2 | 57,3 |

Нишондоди ҷадвал равшан менамояд, ки шаклҳои анъанавии кори методӣ 57,3% пурсидашудагонро қонеъ намекунад. Қисми зиёди омӯзгорон ба шаклҳои фаъоли кори илмӣ-методии муассисаи таълимие, ки кор мекунанд, бартарӣ медиҳанд.

Коэффитсиенти ҳисобҳои мутаносиб (мувофиқат) имконият дод, то муайян намоем, ки фикри омӯзгорони муассисаҳои таълимии мухталиф дар бораи шаклҳои баамалбарории корҳои илмӣ-методӣ ба якдигар

монанд мебошанд. Тангии алоқаи афкор (фикрҳо) хеле наздик (0,8) аст. Ин тасдиқи он аст, ки аксарияти омӯзгорон сатҳи илмӣ-методии худро ба воситаи шаклҳои нисбатан фаъоли ба амалия наздик мехоҳанд баланд намоянд.

Ҳамин тариқ, пас аз таҳлилу баррасӣ ва дидани масоил мо метавонем масоили муҳим ва актуалии ҷараёни таълимро мушаххас карда ҷудо намоем, ки ин масоил дар амри тақвияти фаъолияти мустақилонаи хонандагон нақши муҳим доранд. Ҳоло мо ин ҷо ин масоилро ном мебарем:

-бартараф кардани беташаббусии омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҷрибавӣ;

-тақвияти таваҷҷуҳи сарварони воҳидҳои таълимӣ, сарварони воҳидҳои методӣ нисбат ба масоили иртиқои мизони омодагии илмӣ-методии ҳайати омӯзгорон;

-зиёдтар диққат додан ба қисмати бедоркунии эҳсосоти мустақилияти фаъолиятии хонандагон ва ғайраҳо.

Ҳамин тариқ, таъмин кардани тайёрии илмӣ-методии коллективи педагогии муассисаҳои таълимӣ зарурати объективӣ мебошад. Интихоби ин роҳ ба омӯзгорон барои аз худ намудани шаклҳо, методҳо ва усулҳои фаъолгардонии фаъолияти таълимгирандагон ёрӣ расонда, дар навбати худ ба баланд шудани кори эҷодӣ ҳангоми ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

Таъмини амалии тайёрии илмӣ-методии омӯзгорон кӯшиши зиёдро талаб дорад. Ба маъмурияти муассисаҳои таълимӣ зарур аст, ки расмиятчигиро бартараф намуда, ба тайёрии илмӣ-методии омӯзгорон диққати зиёдтар диҳанд.

Дар амалияи педагогӣ таҷрибаҳои зиёде мавҷуд аст, ки дуруст истифода кардани онҳо барои ба сатҳи баланду муваффақиятнок бардоштани машғулиятҳо, боз ҳам пурзӯр кардани ҷанбаҳои илмӣ-методии онҳо ва тайёрии касбии омӯзгорон ёрии калон мерасонанд. Ин

дида баромадани вазъияти педагогӣ, тренингҳо, бозиҳои педагогӣ ва ғайраҳо мебошанд. Тайёрии илмӣ-методии кадрҳои педагогӣ, бояд инъикоси худро дар низоми педагогии ФФМ-и хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия ёбад.

Дар маҷмуъ, кори омӯзишии мо нишон дод, ки ФФМ-и таълимгиранагон, дар кулл, инчунин аз рӯйи меъёрҳои ҷудогона аз сатҳи паст ва миёна боло нест. Дар муассисаҳои таълимӣ асосан кори мақсаднок барои амалӣ намудани ҳамкорӣ, таъсири мутақобили педагогӣ оид ба фаъолиятнокӣ ҳамчун сифати муҳимми шахсияти таълимгирандагон гузаронида намешавад.

Ҳамин тариқ, дар шароити феълӣ ҳар омӯзгорро лозим аст, ки ҳисси баланди ватандӯстӣ ва хештандорӣ дошта бошад ва дар болои хеш кор карда аз тозатарин навгониҳо дар риштаи технологияи навин бархӯрдор бошад ва тамоми дониш, маърифат ва ақлу заковати хешро дар масири омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ба кор гирад ва бо ин роҳ садоқат, маърифат ва дарку фаҳми хешро дар назди ҷомеа ва дастандаркорони он ба собит бирасонад.

## 3.3. Технологияи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон

Улуми педагогӣ дар ҳоли ҳозир маҷмуи пурраи васоити саҳеҳгардонии ҳамкории педагогии ФФМ-ро пешниҳод накарда, пайваста ҷиҳати истифодаи амалии онҳо роҳи васеъ мекушояд. Агар мо хоҳем, ки ФФМ самаранок бошад, зарурати пешниҳоди воситаҳои саҳеҳгардонии ҳамкории педагогие, ки таваҷҷуҳ ба амалӣ намудани ин раванд дорад, ба вуқуъ мепайвандад.

Каме болотар мо перомуни он гуфта будем, ки дар ҳоли ҳозир мушаххас кардани  ФФМ-и хонандагон ба ҳайси як масъали актуалӣ ва

то андозае омӯхташудаи омӯзгорӣ маҳсуб меёбад. Омӯзиш, таҳлил ва баҳои ҳақиқӣ ба ФФМ, инчунинин итихоби воситаҳои саҳеҳгардонии ҳамкории педагогӣ, идорашавандагӣ ва натиҷанокии он имконият медиҳад.

Ҷадвали ташхиси мизони ФФМ, ки мо дар ҷараёни таҷриба ироа намудем, барои таҳлили маълумоти ба даст омада дар пуррагӣ ва доварии ҳар як синф ё ин ки дар давоири мухталифи таълим имконот фароҳам мекунад, ки кори педагогӣ саҳеҳ карда шавад ва мусамирии ҷараёни фаъолгардонии мустақилонаи хонандагон иртиқо пайдо накунад. Харитаи сатҳи ФФМ бобати воқеъбинона арзёбӣ кардани сатҳи ФФМ-и хонандагон имконот фароҳам мекунад. Чун ин гуна воситаҳо истифода мегарданд ва онҳо боястӣ бидуни иштибоҳ ва каму костӣ арзёбӣ карда шаванд, масъалаи арзёбӣ ва дуруст арзёбӣ кардани борварии иқдомоти омӯзгор дар масири ФФМ-и таълимгирадагон ба пеш меояд. Ин ахбор барои маъмурияти муассисаи таълимӣ хеле фоиданок мебошад, чунки он барои муайян намудани роҳҳои нисбатан муваффақиятноки ФФМ-и хонандагон, кормандони педагогӣ, барои паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва коркарди тавсияҳо оид ба такмил додани ҷараёни таълиму тарбия дар ин ё он муассисаҳои таълимӣ фоиданок мебошад.

Дар ҷараёни таҳлили назариявии проблемаҳои таҳқиқшаванда ҳамзамон меъёрҳо ва нишондодҳо роҷеъ ба сатҳи мухталифи ФФМ-и таълмгирандагон таҳия гардид. Мавриди истифода қарор додани меъёрҳои тафкик кардашуда (мотиватсионӣ-иродавӣ, чолокӣ ва протсессуалӣ) ва нишондодҳои ФФМ ба хотири омӯхтани ҷараёни тағйироте, ки дар доираи маърифатнокии таълимгирандагон дар ҷараёни фаъолияти мустақилона, роҳандозии умури мониторингӣ шароит муҳайё мекунад. Натиҷаи онҳо барои банақшагирӣ ва гузаронидани ислоҳҳои педагогии ҳамкории таваҷҷуҳ ба ФФМ-и хонандагон ҳамчун асос хизмат менамояд.

ФФМ-и таълимгирандагон ба хотири боло бурдани сатҳи фаъолияти таълимгирандагон доир карда мешавад. Мо ҳамагон дар масире ҳаракат мекунем, ки таълимгирандагони мо фаъол бошанд, супориш ва дастурҳои омӯзгорон ва ашхоси калонсолро бечуну чаро иҷро кунанд ва монанди инҳо ва дар кулл дар ниҳояти кор ба як шахси муҳимму муфиди ҷомеа табдил ёбанд.

Ҳадафи аслии доир кардани мониторинг-ташхиси мизони ФФМ-и таълимгирандагон, ба хотири доир кардани ислоҳоти педагогии ҳамкорӣ доир ба фаъолгардонии ин сифати шахсият ба ҳайси пешравии мусбии фаъолиятнокии насли ҷавон маҳсуб меёбад.

Бахшҳои таркибии мониторинг (омӯзиш) инҳо мебошанд:

- таълимгиранда , ба ҳайси субъекти раванди омӯзишу парвариш;

- фаъолияти мустақилонаи таълигирандагон;

-пойгоҳи ахбору иттилооте, ки дар ҷараёни умури омӯзишию мониторингӣ ба даст оварда шудаанд;

- равишҳои таҳлилу баррасӣ ва шарҳу тавзеҳи иттилооте, ки гирд оварда шудааст.

Объективӣ ва дуруст будани натиҷаи амалиёти мониторингҳои ФФМ-и хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ аз ҳисоби инҳо ба дастоварда шуд:

-истифодаи муносибати муназзамӣ, ки кори дақиқро доир ба гирдоварӣ, коркард, таҳлил ва шарҳи ахбор таъмин менамояд;

-зимни андозагирии мизони фаъолгардонии сифати таҳқиқшаванда шахсияти таълимгиранда, муштаракан истифода намудани равишҳои сифатӣ ва микдорӣ;

-баррасии маҷмуи нишондодҳо, муҳосибаи омилҳои мухталифи таъсиркунанда ба сифати шахсияти таълимгиранда;

-намояндагии интихобии маҷмуи таълимгирандагоне, ки дар амалиёти доир кардашуда ширкат варзиданд;

- ба гузаронидани расму қоида коршиносони дорои ихтисоси баланд омӯзгорони воҳидҳои таълимӣ муассисаҳои таълимиро ҷалб намудан лозим меояд;

-бобати коркард ва таҳлили ахбори дар ҷараёни амалиёт ба даст оварда шуда, истифодаи муайянкунандаҳо ва барномаҳои муосири таъминотӣ ва амсоли инҳо.

Мониторинге, ки мо дар ҷараёни омӯзиш татбиқ кардем, таҳқиқот шомили вижагии ташхисӣ ва пешгӯииро дошт. Чунки ҳадафи онҳо асосан ба ҷамъ намудани ахбор ва пешравии ФФМ-и хонандагон, муайян кардан ва пешгӯӣ намудани имкониятҳои тамоили раванди таҳқиқот равона карда шудаанд.

Мавриди таҳлили умумӣ қарор додани натоиҷи озмоиши муқарраркунӣ ба ҳайси нуқтаи нишондод дар коркарди низомии фаъолгардонии сифати таҳқиқшавандаи шахсияти таълимгирандагон дар фасли 2.1. оварда шудааст. Ин иттилоот зимни доир кардани мониторинги роҳандозии ФФМ-и таълимгирандагон бо бархе замимаҳо ва дигаргунӣ эҳтиёҷ дошт.

Дар ибтидои кор дар атрофи вазъи умумии ФФМ-и таълимгирандагон дар давраи таъйину ташхиси озмоиш каме иттилоотро дар ихтиёр мегузорем. Онҳо барои ҷо ба ҷо намудани ахбори аввалаи дар бораи фаъолгардонии сифати таҳқиқшавандаи шахсияти хонандагон имконият медиҳанд (фасли 2.3).

Мақсади ташаккули озмоиш баланд шудани сатҳи ФФМ-и хонандагон дар зери таъсири шароити педагогии ташкилкарда шуда мебошад. Мавҷудияти меъёр ва нишондод барои мушоҳида намудани тағйирёбии фаъолнокии мустақилона дар зери таъсири ин ё он чораҳое, ки ислоҳи муосирро таъмин менамоянд, имконият медиҳад.

Дар рафти гузаронидани амалиёти мониторинг ба ташхиси бузургии сатҳи умумии ФФМ-и синфҳо ва гурӯҳҳо, ҳамчунин раванди

рушду тараққии ФФМ-и таълимгирандагони синфҳо аз рӯйи меъёрҳои мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуд.

Маълумот ва ахборе, ки мо зимни озмоишҳо ба даст овардем, дар тасвири рақами 3 инъикоси худро ёфтааст:

Таҳлилу баррасӣ дар синфҳо ва гурӯҳҳои озмоишӣ ҳиссаи хонандагони сатҳи норавои фаъолгардонии мустақилона аз 2,2 то 6,2 яъне 3,3 маротиба кам шудааст. Ҳиссаи таълимгирандагони синфҳо ва гурӯҳҳои таҷрибавӣ (эксперименталӣ) ФФМ 2,5 маротиба (аз 47 ба 18,2% камшудааст). То як андоза (ба 19,8%). Ҳиссаи хонандагон синфҳои озмоишӣ сатҳи миёна доштаи сифати таҳқиқшаванда аз 25,8 то 46,1, яъне ҳамаи хонандагоне, ки сатҳи миёнаи фаъолиятнокӣ дорад ба 1,9 маротиба афзуда аст.

Эҳсоси нисбатан баландро мо аз рӯйи натиҷаи озмоиши назоратии ФФМ-и хонандагон -3,7 маротиба (аз 7 то 26%) мушоҳида намудем.

Ахбори қиёсӣ роҷеъ ба теъдоди таълимгирандагони синфҳои озмоишӣ дар ин ё он дараҷаи фаъолгардонии маърифатӣ дар давраҳои муқарраркунӣ ва назоратии озмоишӣ дар нақшаи 22 нишон дода шудааст. Дар давраи озмоиши муқарраркунӣ дараҷаи баланди фаъолгардонӣ 5,6% нафар таълимгирандагони синфҳои болоӣ нишон доданд, баъди анҷоми озмоиш шаклгирии ҳиссаи онҳо мутаносибан то 40,2% боло рафт. Ҳиссаи таълимгирандагони сатҳи миёнаи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона дошта аз 24,2 то 51,4 % (ХСБ) баланд шуданд.

Махсусан ба таври аёнӣ миқдори хонандагони сатҳи паст назаррас аст (аз 50,2 % то 5,9 % дар хонандагон), дар сатҳи нораво (аз 21,0 % то 2,2 % дар ХСБ) сатҳи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона кам шуд.

Бояд қайд кунем, ки натиҷаҳо пас аз мушоҳидаи мо динамикаи мусбатро дар пай дорад. Ҳамин тариқ, таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ дар синфҳои озмоишӣ нишон дод, ки миқдори хонандагони

сатҳи пасти фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона як андоза кам мешавад.

Бо такя ба ин назарҳо чунин натиҷа гирифтан имконпазир аст, ки он чи ки мо дар ҷараёни озмоиш ташкил ва роҳандозӣ кардем, воқеан ҳам ба ФФМ-и таълимгирандагон таъсиргузор мебошад. Барои амалӣ кардани ин ё он зернизоми педагогии ФФМ-и хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ муайян карда шуд, ки истифодаи шароити педагогӣ дар синфҳои озмоишӣ дараҷаи ошкоршавии ҳамаи меъёрҳои ФФМ-и хонандагонро баланд мебардорад.

Акнун ба таҳлили маълумоти назорати озмоишӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ ба таври таҷрибавӣ ҳосилкарда шуданд, мегузарем. Бояд қайд кард, ки ин маълумот дар натиҷаи истифодаи амсилаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон ҳосил карда шуданд ва инъикоси худро ёфтаанд.

Баландшавии сатҳи умумии ФФМ-и хонандагони синфҳои озмоишии муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ 1,4 маротиба (0,45 то 0,71) баланд шуд.

Инчунин, тағйирёбии дараҷаи дар хонандагон ошкоршавӣ дар рафти кори озмоишӣ меъёрҳои алоҳидаи ФФМ таҳлил карда шуд. Рушди дараҷаи меъёри тезчанголӣ дар хонандагони синфҳои озмоишӣ нисбатан пасттар буда, ҳамагӣ 39% ташкил менамояд. Дараҷаи ошкоршавии меъёри протсессуалии хонандагони синфҳои озмоишӣ ба 36% баланд бардошта шуд (Расми 3.)

Маълумоти озмоишӣ-назоратии ҳосилшуда аз натиҷаҳои мусбие, ки дар рафти кори озмоишӣ ба даст оварда шудаанд, дарак медиҳанд. Онҳо бо шарофати амалӣ намудани низоми педагогии ФФМ-и хонандагон ва аз ҳисоби дар ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии озмоишӣ татбиқ намудани шароити педагогии фаъолгардонии сифати таҳқиқшавандаи хонандагон имконпазир гаштанд.

**Расми 3.**

**Дараҷаи ошкоршавии меъёрҳои ФФМ-и хонандагони синфҳо дар давраҳои гуногуни озмоиши педагогӣ**




Дар ниҳояти кор ахбори озмоишӣ-назоратӣ нишон доданд, ки перомуни таълимгирандагони синфҳои озмоишӣ чунин маълумот ироа намоем:

-мутобиқ ба ҳамаи меъёрҳо баландшавии фаъолнокии фаъолияти мустақилона ба назар расид;

- коҳиш ёфтани сатҳи умумии рушду тараққӣ ва инчунин меъёрҳои алоҳидаи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон ба мушоҳида нарасид;

-алоқа дар байни тағйироти натиҷаҳо аз рӯйи меъёрҳои ҷудогонаи ФФМ татбиқи худро пайдо карданд;

Дар ҷараёни доир кардани умуми саҳеҳгардонии педагогӣ дар ҳамкорӣ (ба ҳам таъсиррасонӣ), ки ба ФФМ-и таълимгирандагон равона карда шудааст, мо фаъолияти педагогиеро дарк мекунем, ки ба хотири боз ҳам такмилтару борвартар истифода намудани имконоти индивидуалии таълимгиранда; ҷалб ба ҷараёни ФФМ, захираю имконоти ба хотири ҳосил намудани натоиҷи боз ҳам баландтари фаъолгардонии ин сифати шахсият татбиқ карда мешавад.

Саҳеҳгардонӣ дар ҳамкории педагогӣ бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи чорабиниҳои мониторингӣ, аз қабили вазифаҳо, инчунин ба тартиб даровардани давраҳои татбиқи низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти  мустақилонаи таълимгирандагон, ки омӯзгорон танҳо бар пояи ташхис ва арзёбии комил ба дурустии пешгӯйии фаъолгардонии сифати таҳқиқшавандаи хонандагон, фаҳмида ва ташкил кардаанд, дароварда мешавад.

Тағйирот дар ҳамкории педагогӣ оид ба ФФМ-и хонандагон бо тарзи фардӣ ба таври максималӣ дар кори ҳайати омӯзгорон ҷиҳати амалӣ намудани имконият ва захираҳои хонандагон гузаронида шуданд. Онҳо тахминан як сол пеш то баохиррасии давраи ташаккулёбии озмоиши педагогӣ сар карда шуданд. Яъне, ин шароити педагогӣ дар маҷмуъ бо дигар шароити ФФМ-и хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ ба амал бароварда шуданд.

Дар ҷараёни назорати мобайнии давраи озмоишӣ ташаккули назоратӣ ду маротиба доир карда шуд, (як сол қабл ва ним сол қабл аз ба охир расидани озмоиши ташаккулёбӣ). Ба мо имкон даст дод, ки чанде аз гурӯҳҳои таълимгирандагон ҷиҳати роҳандозӣ ва татбиқи ҳамкории педагогӣ, ки ба самти дар онҳо зиёдшавии сатҳи ФФМ равона карда шуда буд, ҷудо намоем.

Таълимгирандагоне шомили гурӯҳи аввал мебошанд, ки дараҷаи ғайри қобили қабул ва пасти фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона нишон доданд. Таълимгирандагони ин гурӯҳ эҳсосоти манфӣ нишон

доданд; бемасъулиятӣ, бетарафӣ нисбат ба фаъолияти таълимӣ, кӯшиш накардан ҷиҳати рафъи проблемаҳо, талош накардан дар ҷиҳати ҷустуҷӯйи роҳи ҳалҳои вазифаҳои маърифатӣ ва амсоли инҳо. Онҳо барои ба охир расидани амалиёти маърифатӣ кӯшиш накарданд, ба фаъолияти беруназдарсӣ мароқ зоҳир накарда, кӯшиш менамуданд аз онҳо гурезанд. Кор бо ин хонандагон дар озмоиши синфҳо муносибати фардиро талаб менамуд. Моро ин кор зарур буд, ки шароити педагогиеро таҳия кунем, дар он битавонем баланд бардоштани сатҳи фаъолиятнокии фаъоли мустақилонаро дар шакли пурра ва ҳамаҷониб таъмин намоем. Зимни татбиқи ҳамкорӣ бо ин тими таълимгирандагон, қабл аз ҳама, диққати бештар ба фаъолгардонии қисмати бедоркунии эҳсосоти фаъолияти мустақилона равона менамоянд. Чунки батараф намудани кулли вижагиҳои манфии номбаршудаи таълимгирандагон зарур мебошад. Яъне, мо тамоми тадобири лозимаро ба кор гирифтем, ки он норасоиҳои таълмгирандагонро бартараф карда, роҳро ба пуррагӣ барои татбиқи фаъолияти фаъоли мустақилона ҳамвор намоем.

Натоиҷ амалу фаъолияти мусбат мунҷар ба коҳиши миқдори таълимгирандагон ва мизони пасти фаъолияти мустақилона дошта ошкор гардид, яъне қариб ду маротиба коҳиш ёфт.

Дар гурӯҳи сатҳи миёнаи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона дошта хонандагоне дохил шуданд, ки дар давраи озмоишӣ ташаккулёбӣ, эҳсосоти мусбӣ нишон доданд. Аммо таълимгирандагони ин тим он қадар ҳам фаъол набуданд ва мо инро дар савол надодани онҳо ба омӯзгор мушоҳида мекардем, ширкаташон низ дар муҳокимаҳо ба таври миёна буда, кӯшиш ба харҷ намедоданд, ки иттиллоу ахбореро аз берун ба даст биоранд. Дар маҷмуъ, тамоми ҳаракоти онҳо баёнгари он буд, ки онҳо фаъол нестанд, балки хеле пасив мебошанд.

Кор бо ин қисмати хонандагон аз омӯзгорон он сатҳи баланди тайёрии ҳамкории касбии педагогиро бо мақсади бартараф намудани карахтии ин хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия талаб менамуд.

Боло рафтани дараҷаи омодагии илмӣ-методии омӯзгорон ва баланд шудани рушду тараққии касбии онҳо ба мо имконият дод, ки нисбатан дурусттар ҳамкориро бо ин гурӯҳи мураккаби (бо сатҳи миёнаи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона) таълимгирандагон роҳандозӣ кунем. Корҳо бо чунин натоиҷ ба анҷом расиданд, ки дараҷаи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон ду маротиба боло рафт. Ин болоравӣ, қабл аз ҳама, дар натиҷаи заҳматҳои пайвастаи омӯзгорон муясссар гардид.

Гурӯҳи сеюми роҳамонро таълимгирандагоне ташкил намуданд, ки дар натиҷаи назорати мобайнӣ, сатҳи баланди фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона нишон доданд. Ин таълимгирандагон бо ҳаракоту фаъолияти худ нишон доданд, ки онҳо ба таълим ва таҳсил майлу рағбат доранд, ба таври дигар карда гӯем, онҳо хонданро дӯст медоранд. Ин барои мо хеле муҳим аст. Онҳо аз худ ибтикор нишон медоданд ва кӯшиш мекарданд, ки мушкилоти ҷараёни таълимро дар танҳоӣ ба таври мустақилона ҳаллу фасл намоянд. Дар онҳо фаъолнокии баланди маърифатӣ, ширкат дар баҳсу мунозира дар машғулиятҳо, нишон додани донишҳои азхуднамуда, маҳорати нишон додани навгониҳо, ибтикор, ахбор, истифода аз манобеи мухталиф ҷиҳати ҳаллу фасли масоил пайдо шудааст.

Кори педагогие, ки хонандагондагон дар назорати мобайнии сатҳи баланди фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона нишон доданд, аз мо таваҷҷуҳи ҷиддиро нисбат ба интихоби фардии тафриқавӣ, супоришҳо, машқҳо, мавзуъҳо барои кори илмӣ-таҳқиқотӣ ва ғайраҳоро талаб намуд. Мо зимни натиҷагирӣ аз корҳои худ ба хулосае омадем, ки дар натиҷаи фаъолияти мустақилона шахсияти таълимгиранда ба андозаи бесобиқа рушду тараққӣ мекунад. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои корҳои мо қаноаткунанда мебошанд.

Бо назардошти он, ки аз тарафи хонандагон аз бар намудани босалоҳиятҳо боястӣ вижагии амалӣ-интихобӣ дошта бошанд ва барои боз ҳам беҳтар шудани фаъолияти таълимӣ мадад намоянд (қисмати фаъолиятнокӣ), истифодаи чунин муносибат зарур шуд, ки ҳадафи барномавии омӯзиши фанҳои таълимӣ ба маънои ботинии омӯзиш мубаддал гардад ва бобати таълимгирандагон ба ҳайси батартиб даровараандаи фаъолияти таълимӣ хизмат намояд.

Ба ҳамин тариқ, ислоҳоте, ки мо оид ба ҳамкории (таъсири ҳамдигарии) педагогӣ гузаронидем, ба ФФМ-и хонандагон, ки як сол пеш то ба охиррасии озмоиши ташаккулёбӣ имконият дод:

-хусусияти фардӣ бахшидан ба ҳамкорӣ ва баҳамтаъсирасонии хонандагон;

-бо таваҷҷуҳ ба вижагии махсус ва сатҳи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилона, ки таълимгирандагон дар ҷараёни аз назаргузаронии васатӣ нишон доданд, мазмуни ҳамкории педагогиро аниқ муайян намоянд;

-дар муқоиса бо назорати мобайнӣ, ки ним сол пеш то ба охир расидани озмоиши ташаккулёбӣ гузаронида шуд, то ба охир расидани сатҳи фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон (аз 30% зиёдтар) баланд шуд.

Натиҷае, ки дар рафти тадқиқоти педагогӣ ба даст оварда шуд, ақидаи амалӣ намудани шароити педагогии ФФМ-и хонандагон барои баланд шудани сатҳи фаъолиятнокии ин сифати шахсият ёрӣ мерасонад, тасдиқ менамояд. Босалоҳиятҳои ҷадиде, ки таълимгирандагон дар ҷараёни озмоишҳо касб карданд, дар кулли рафтору кирдор ва эҳсосу бардошти онҳо дида мешуд, онҳо аз худ мустақилияти фавқулода нишон медоданд, ки ин бар асари корҳои анҷом додаи мо рух дода буд ва ин натиҷа кори моро пурарзиш ва пурмуҳтаво мегардонд.

Пас аз анҷоми тамоми корҳои тадқиқотӣ ва озмоишӣ мо ба чунин натиҷа расидем, ки мизони фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи

таълимгирандагон он вақт борвар ва мусамир мегардад, агар дар шароити педагогӣ низоми педагогии ФФМ-и хонандагон роҳандозӣ карда шавад. Ин ҳолат дурустии фарзияи таҳқиқоти пешниҳод карда шударо тасдиқ менамояд.

## ХУЛОСАИ БОБИ СЕЮМ

1. Ҳадафи ҷараёни фаъолгардонии фаъолияти мустақилона иртиқои сатҳи ин сифат ба ҳайси шароити муҳимми рушду нумуи шахсияти хонанда маҳсуб меёбад. Ҷиҳати дастёбӣ ба ин аҳдоф тамоми масоиле, ки дар пешорӯи соҳаи таълиму тарбия қарор доранд, боястӣ ҳаллу фасл карда шаванд.

2. Ҳамчун қонуният ФФМ-и хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ баромад мекунанд:

-ҳадаф ва вазоифи ҳамкории педагогӣ дар ҷараёни фаъолияти мустақилонаи хонандагон вазъияти иҷтимоӣ-маърифатӣ ва анъанаҳои таълимӣ муайян карда мешаванд;

-ФФМ-и таълимгирандагон, дар маҷмуъ, ба томият ва воҳидии ин ҷараён алоқаманд мебошад;

-ФФМ ба ташхиси низомавӣ, назорат ва худназоратии фаъолияти таълимгирандагон вобаста мебошад.

3. ФФМ-и таълимгирандагон дар ҷараёни таълиму тарбия, принсипҳои инсондӯстӣ, иҷтимоии кори ҳадафманд оид ба рушду такомули хонандагон, интихоби инфиродӣ дар фазои таълим, ҳамкории субъективӣ-объективӣ, пайдарпай, низомнокӣ, ба якдигардиҳӣ, баробарвазнии шакл, технология, методҳо ва равишҳои мухталиф, рефлексияи таълим мебошанд. Фақат ҳамаи принсипҳо дар маҷмуъ таъмини муваффақиятноки вазифаҳои ФФМ-и хонандагонро дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ ҳал менамоянд. Аз ҳад зиёд

бардоштани нақши як принсип ба паст шудани натиҷанокӣ аз ҳисоби ҳалли дигараш оварда мерасонад.

4. Технологияи ФФМ-и хонандагон дар раванди омӯзишу парвариш аз рӯйи мавҷудияти низоми муайяни педагогӣ муайян карда мешавад. Мо низоми педагогии ФФМ-и таълимгирандагон гуфта, раванди омӯзишу парваришро дар муассисаҳои таълимӣ дар назар дорем, ки дар маҷмуъ дар масири омода намудани мутахассисони варзида ҳаракат мекунад. Мутахассиси оянда бояд аз ҳар назар омода буда, соҳиби як дида аз салоҳиятҳое бошад, ки онҳо битавонанд ҷавобгӯи дархостҳои ҷомеа бошанд.

5. Технологияи амалӣ намудани низоми педагогии фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатнокиро пайдарпай иҷро намудани амалиёти педагогӣ, ки мақсади самаранок анҷом додани ҷараёни фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи насли ҷавонро доранд, муайян менамоянд. Аз онҳо алгоритми амалиёт ҳангоми амалӣ намудани низоми педагогӣ хабар медиҳад: амалӣ намудани низоми педагогӣ; ташхиси натиҷаҳо; баҳо додан ба натиҷаҳои ҳосил намуда ва ислоҳ кардани ҳамкории педагогӣ, ки ба фаъолиятнокии мустақилонаи фаъолияти таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши муассисаи таълимӣ равона карда шудааст.

